# БОҚӢ РАҲИМЗОДА

# БОҚӢ РАҲИМЗОДА

# КУЛЛИЁТ

Иборат аз 2 ҷилд



ҶИЛДИ I

Шеърҳои солҳои гуногун

Нашриёти «Ирфон» Душанбе 1981

Точик[2]
Р 45

БИБЛИОТЕКА
Инв. № 649541
Пединститута

**Раҳимзода Боқӣ.**

Р 45 Куллиёт: Иборат аз ду ҷилд. Душанбе: «Ирфон», 1981. Ҷ. I. Шеърҳои солҳои гуногун.

400 саҳ.

Дар ҷилди якуми куллиёти дуҷилдаи шоири маҳбуб, лауреати Мукофоти давлатии республикавии ба номи Рӯдакӣ, устод Боқӣ Раҳимзода шеърҳои солҳои гуногун ҷой дода шудаанд. Шоир сароиндаи суруди сулҳ ва дӯстӣ, вассофи давру замони босаодати мост. Дар китоб аз ҳазлу ҳаҷв ва тарҷумаҳои шоир низ намунаҳо дарҷ гардидаанд.

**Рахимзаде Боки.**

Собрание сочинений: В 2-х т. т. I

**Точик[2]**

Р $\frac{70403 - 849}{М(501)13-81}$ —125—81

© Нашриёти «Ирфон» 1981.

Мусалсал хондани шеърҳои дар муддати солҳо навиштаи як шоир намоёнгари роҳпаймоии вай дар майдони шеър, ташаккул ёфтани тарзи тафаккури вай ва инкишофи санъат ва маҳорати шеърпи вай мебошад. Дар мисраъ ва байтҳо, ғазал, қитъа ва манзумаҳо достони умри шоир, саргузашти вай, солномаи ҳаёти вай садо медиҳанд. Санаи гуфта шудани шеърҳо ба олами назм бо чи роҳҳо дохил гардидани шоир, аз чи ва чи тавр ба кор сар кардан, фарозу нишеби ин роҳро чигуна тай кардан, чи бозьёфтҳо ба даст даровардан ва ба хонандаи худ чи армуғонҳо овардани вайро нишон медиҳанд.

Маҷмӯаи шеърҳои як шоир дар айни замон солномаи воқеоти зодгоҳи вай, кишвари вай низ мебошанд. Дар ин шеърҳо набзи замон, набзи даврони пурҳаводис, ҷандалаҳо барои навсозии зиндагӣ ва мамлакат низ хеле равшан ҳис карда мешаванд.

Боқӣ Раҳимзода дар назми мо аз ин зумра шоирҳост.

Дар чиҳил соли охир назми тоҷикро, тамоми маъракаҳои адабии моро, чи дар дохил ва чи дар хориҷи республика

бе офаридаҳои Боқӣ Раҳимзода, бе иштироки фаъолонаи вай тасаввур кардан мумкин нест. Ин солҳо барои худи шоир низ як даврави омӯзиш, ҷустуҷӯ ва бозьёфтҳо, даврави инкишофи маҳорати шеърӣ, вусъати иҳотаи фикрӣ буда аст ва ин куллиёти дуҷилда, ки қисми муҳимми ашъори дар ин солҳо навиштаи вайро дарбар мегирад, нишондиҳандаи ҳамин дастовардҳои ӯст.

Ман бо шавқ ва мароқи тамом дастнависи ҷилди аввали ин куллиётро варақ мезанам ва аз ло ба лои саҳифаҳои он садои пурмеҳр ва дилнишини гӯяндаи онҳоро мешунавам. Аз шеъре то шеъри дигар як марҳилаи зиндагӣ, пешрафти шоир ва дар айни замон роҳи дар ин муддат тай кардаи мамлакатамонро мебинам. Мубориза҃о, кӯшишҳо, сохтмонҳои хурду калон, ҷандалаҳо барои афзоиши маҳсули меҳнат, пешрафти моддӣ ва маънавии кишвари мо ва халқи мо, бинокорони фидокор, ҷанговарони аз ҷонгузашта, ҷавонони пургайрат, пирони боҳиммат, занон ва духтарони кӯшо ва мубориз барои мавқеи худ дар зиндагӣ ва кор дар пеши назарам ҷон мегиранд.

Дар аксари шеърҳои Боқӣ назаре ба гузашта ӯро бо ҳаёти имрӯзаи халқаш маҳкам мебандад. Дар аксари шеърҳои шоир гурезе ба гузаштаро мебинем ба он чи буда аст ва он чи имрӯз ҳаст ва ин барои барҷаста нишон додани ҳаёт ва гирудори имрӯза барои шоир имконнятҳои зиёд ба вуҷуд меорад. Шеъри Боқӣ саршор аз меҳру муҳаббат аст, зеро онҳо аз дили пурмуҳаббате ҷӯш зада баромадаанд. Ӯ бо зарофати ба табиат ва қалами худ хосе сухан меронад, ба он чи ки ҳаст бо назари васее менигарад.

Ин хусусияти эҷодии шоирро то андозае аз шарҳи ҳоли зиндагии вай дарьёфтан мумкин аст.

Боқӣ дар бораи айёми паси сар гузоштаи кишвар ва халқи худ на аз рӯи шунидаҳо ва хондаҳо, балки бештар аз рӯи дидаҳо ва аз сар гузаронидаҳои худ гап мезанад. Ӯ ҳаёти пурфалокати дар он давра гузаронидаи халқи худро дар деҳаи дурдасти кӯҳистонӣ, дар овони аввали ҷавониаш, дар даврае, ки ҳаёт «ба дасташ хати балоғат» дода буд, дидааст.

Ба чашми хеш бидидам, ки тӯдаи деҳқон
Ба ҳар тараф шуда сарсон зи бахри луқмаи нон.
Ба чашми хеш бидидам амири бевиҷдон,
Намуда бар сари халқ санги осиё гардон.
Ба чашми хеш чунон рӯзҳо, ки ман дидам,
Зиёду беш аз он ҳам зи ҳар кӣ бишнидам

Дар байни шоирони имрӯзаи мо ангуштшуморанд касоне, ки ба андозаи Боқӣ бо ҳаёти халқи оддӣ, бо гузаштаву ҳозира, бо кайфияти рӯҳӣ, бо тарзи фикррониии вай ба ин дараҷа дақиқ шиносоӣ дошта бошанд ва ин дар шеърашон ба ин қадар сароҳат акс ёбад.

Боқӣ дар тарзи шеър қаламронии хосс дорад. Ӯ вазнҳои дӯстдошта ва шаклҳои маҳбуб дорад. Аксари шеърҳои Боқӣ дар шакли мусаддас навишта шудаанд, ки ин то андозае услуби шеърии хоси вай гардидааст. Шеъри Боқӣ вазнинҷараён аст, на шитобон, сареҳ асту зариф. Тақрибан дар ҳар як шеъри вай сӯзу гудоз, ишқу муҳаббати саршор ба зодгоҳаш, ба ватани бузурги мо, ба мардуми он, ғам, дард ва таҳлукаҳо, шукӯҳ ва шодиҳои ҳаёт, ситоиш ба ғалабаҳо садо медиҳад.

Боқӣ як силсила шеърҳои дар солҳои гуногун гуфташуда дорад, ки ба мавзӯи сулҳу амонӣ ва дӯстию бародарии халқҳо бахшида шудаанд.

Боқӣ сароянда ва вассофи сулҳи саломат дар кишвари паҳновари бунёдкори мост. Ӯ ки давронии харҷу марҷ, хунрезӣ ва бародаркушиҳоро дар гузаштаи дур, огози муборизаҳои ҷонкоҳро барои барқарории ҳаёти нав дар айёми ҷавониаш дидааст, ӯ ки мусибатҳои ба сари халқ ба бор овардаи ҷанги хонумонсӯзи ҷаҳониро дар гузаштаи наздик, талхии маҳрумиятҳо, мотамҳоро аз сар гузаронида аст, ба қадри сулҳу амонӣ мерасад, «ободии хонадонҳо, озодии одамҳо, шодобии бӯстонҳо, сарсабзии киштзоронро» аз шарофати сулҳ медонад ва дар васфи он қалам меронад. Шеъри вай лабрез аз эҳсосоти миннатдорӣ аз ҳомии сулҳ — лашкари советӣ ва парчамдори сулҳу амонӣ дар ҷаҳон — Партияи Коммунистист. Ӯ ҳамватанони қаҳрамони номдори худро ки дар ин роҳ ҷон супоридаанд, бо дили саршор аз меҳру муҳаббат ва миннатдорӣ ёд мекунад, фидокориҳои онҳоро дар майдонҳои ҷанг меситояд, номи онҳоро бо хайр ёд мекунад.

Як ба як номашон нагӯям ҳам,
Ҳама наздиктар зи хештанам.
На аз он зинда мондаам, оё,
Ки ба майдон шуда ҳалок онҳо.

Ман аз онҳо ҳамеша миннатдор,
На фақат ин таронаву ашъор,
Балки бошад ҳаёти ман шоён,
Ба вафоти далерсарбозон.

Шоир дар ин мавридҳо аз номи тамоми халқ гап мезанад, ки имрӯз аз неъматҳои амонӣ фаровон бархӯрдоранд.

Қалами шоир дар тасвири лавҳаҳои зинда аз табиати диёраш маҳорати хосе дорад. Ӯ манзараҳои табиатро бо зикри чанд нуктаи ҳиссшаванда дар пеши назари хонанда зинда ҷилвагар месозад. Дар бораи ёрони ҳамқалам ва дӯстонаш бо лутфу зарофати ба табиати худ хосе сухан мегӯяд. Тасвирҳои ӯ ҷозибанок, пур аз лутф, оҳанги шеъраш пурсадо ва зангуладор аст.

Як мурур ба шеърҳои ин ҷилд то чи андоза васеъ ва фарогир будани доираи мавзуоти шоирро ба хубӣ нишон медиҳад, ки ҳоҷат ба такрору баён нест.

Боқӣ пирона ҳикмати ҳаёт меомӯзад, ҷавонона ишқ меварзад, падарона насиҳат мегӯяд, бо забони ширину дилнавоз аз гузаштаву ҳозира сухан меронад, дар дили хонандагонаш ғалаёну хурӯш ба вуҷуд меорад ва ӯро дар бораи он чи хонда аст, ба тафаккур вомедорад. Ӯ сухангӯи ҳамабин ва мунсиф аст ва мушоҳидакори тезчашм ва дақиқ.

* * *

Фақат чанд рӯз баъд аз навишта шудани сатрҳои болоӣ ин шоири дилошӯб, маҳбуби ҳамаи халқи тоҷик чашм аз зиндагӣ пӯшид. Бемории ҷонкоҳе, ки чанде боз гиребонгираш буд, ниҳоят ӯро аз по афканд ва дӯстону дӯстдорони назмашро гарқи ғаму андӯҳи бепоён кард. Дили пурэҳтиросе, дили пур аз меҳру муҳаббат ва лабрез аз ҳиссиёти баланди нек аз тапиш монд. Ӯ тимсоли садоқат буд, чун ҳайкали саховату меҳрубонӣ ба ҳама меҳру навозиш мебахшид. Ҳиссиёти баланд, садоқат ва меҳрубонии худро чи бо шеъраш ва чи бо сухани дилнишинаш ба дилҳо интиқол дода метавонист. Ӯ дар дили мо ва дар шеъраш солҳои сол зинда хоҳад монд.

Раҳим Ҳошим

# МАСЛАКИ МО,
# МАШЪАЛИ МО ЛЕНИНИЗМ АСТ

## НАХУСТИН ШИНОСОЙ БО ЛЕНИН

Мисли наврӯзи оламорое
Шӯху бебок бачагон будем.
Дар канори ҳаёт беором
Ҳамчу селобаҳо равон будем.

Аз баландии қуллаи кӯҳсор
Аввалин мо баҳор медидем.
Гули наврастаи баҳоронро
Гирди тоқӣ қатор мечидем.

Дили мо пок аз кудурат буд,
Чун насими фараҳфазои саҳар.
Ҳамаи одамон наҷибу накӯ
Менамуданд он замон ба назар.

Лекин, афсӯс, ин фароғатҳо
Бегумон,
                    зара-зара кам мешуд,
Бори ташвиши зиндагӣ бар дӯш
Қатра-қатра чакида зам мешуд.

Ҳар нафас, ҳар дақиқа ашьёҳо
Нав ба нав дар назар аён мешуд,

Деҳаи танги мо чу мӯъҷизае
Гоҳ хурду гаҳе калон мешуд.

Бори аввал ба зиндагонии мо
Бас аҷаб воқиа дучор омад,
Ки аз ӯ субҳи бахти мо сар шуд,
Ки аз ӯ муждаи баҳор омад.

Хабаре паҳн гашт дар қишлоқ,
Сафар аз ким-куҷои дур омад,
Марди хушчақ-чақи ҷаҳондида
Ин сафар шоду боғурур омад.

Тирамоҳон ба шаҳрҳо мерафт
Баҳри рӯзии кӯдакон ҳар бор,
Ҳамраҳи навбаҳор меомад,
Буд ин хислати Сафар-саркор.

Саф кашида ба хонаащ рафтем
Мо ҳама аз барои дидани ӯ,
Дод савғо ба ҳар кадоми мо,
Бӯса карду шинонд дар паҳлӯ.

Ӯ аҷоиб ҳикояҳо мекард
Дар хусуси ҳаводиси дуньё,
Дар ҳақи ким-чӣ хел озодӣ,
Дар хусуси шикасти оқпошшо.

Баъд аз он дар хусуси як марде
Ҳайратовар ҳикоя сар кард он,
Гуфт: — Номаш Ленин бувад, бачаҳо,
Зӯр монанди ӯ надида ҷаҳон.

Мисли ӯ паҳлавони рӯинтан,
Нағузашту наомада то ҳол.

Пеши бозую шасти ӯ ҳеҷ аст,
Зӯри бозую шасти Рустами Зол.

Дев агар дар масофи ӯ ояд,
Дарзамон ҳам кунад сари таслим,
Ё ки шамшер ӯ занад бар кӯҳ
Кӯҳ чун себ мешавад ба дуним.

Сохта мурғи оҳанипайкар,
Беибо дар ҳаво кунад парвоз.
Гар бихоҳад, тамоми дуньёро
Сайр созад ба соате чун боз

Рӯзи ҷангу масоф бо Николай
Ӯ чунон зӯри хеш дода нишон,
Ки пас аз чанд рӯз чун ҳаппак
Аз ҳаво шаҳ фитода сарпоён.

Аскаронаш ҳама ба пешонӣ
Сурху рахшон ситораҳо доранд,
Оташи маргро чу шӯълаи барқ,
Бар сари душманон ҳамеборанд.

Коргарҳову камбағалҳоро
Ӯ чу фарзанди хеш дорад дӯст,
Нағз донед, дӯстони азиз,
Аҷали аҳли зулм дар кафи ӯст.

Гуфт шахсе: — Магар мусулмон аст,
Ё ки оташпараст ё кофар?
Дар ҷавобаш Сафар-амак гуфто:
— Аз мусулмон ҳам ӯ мусулмонтар.

Кардааст обу хӯрда, — мегӯянд,—
Ӯ ҳама илмҳои оламро,

З-ин сабаб ҳам азиз медорад,
Ин қадар қадру номи одамро.

Шахси дигар бигуфт: — Вақте ки
Мешавад дар деҳоти мо меҳмон,
Дар бисотам фақат бузе дорам,
Мекунам пеши пои ӯ қурбон.

Сафар оҳиста даст бурду кашид
Суратеро зи қапчуқи чармин.
Баъд аз он рӯ ба рӯи мо бигзошт,
Гуфт: — Ин аст паҳлавон Ленин!

Бо табассум ба рӯи мо нигарист,
Деҳа ҳатто пур аз табассум шуд,
Аламу ғусса аз ҳамон лаҳза
Мисли дуде дар осмон гум шуд.

Ба гумонам, ки деҳи мо он дам
Шуд мубаддал ба як диёри азим.
Кӯҳҳо оварида дар назарам
Пеши ин мард ҳам сари таъзим.

Ин шиносоии нахустин буд,
Як ҷаҳон орзу ба дил андохт,
Роҳиояндаи ҷавонии мо
Мисли субҳи баҳор равшан сохт.

*Апрели соли 1958*

## ПАРТИЯ — ЛЕНИН

Ин ҳикоят шунидам аз марде
Марди хушчақчақи ҷаҳонгарде,
Байни мардум шабе сухан мекард,
Сухан аз тозаву куҳан мекард:
Аз хирад, аз бузургии Ленин
Гоҳ аз Партия, шаҳомати он,
Роҳбару раҳнамои халқи ҷаҳон,
Масал аз фазлу аз камол овард,
Ба саволи касе мисол овард:
Гуфт: — Ман як ҳикояте дорам,
Мисли ровӣ ривояте дорам
Буда дар кишваре шаҳаншоҳе,
Золиму дилсиёҳу бадхоҳе,
Андар он мулк ҳамчу аждар буд,
Тӯъмааш мағзу майнаи сар буд.
Халқ аз ҷаври ӯ ба ҷон омад.
Дуди оҳаш бар осмон омад.
Ҷустуҷӯ менамуд сад тадбир,
То ки тақдирро кунад тағйир,
Лек чун фатҳро қарин мешуд,
Фитнаи хасм дар камин мешуд.
Як пагоҳӣ шаҳаншаҳи ҷаллод
Ба ҳама навкаронаш фармон дод:

— Рафта зуд оваред назди ман,
Ҳама ашхоси аҳли донишу фан!
Назди шоҳ омаданд рӯзи дигар
Ҳама донишварони он кишвар,
Шоҳ гуфто ки: — Дидаам ин хоб,
Ҳаст аз ин хоб рӯҳи ман ба азоб:
Хоб дидам ситорае зи само
Шуд фурӯ, сӯхт тахту тоҷи маро.
Қуръа резеду чораҳо ҷӯед,
Зуд таъбири хоброгӯед!
В-арна гирам ба дасти худ ханҷар,
Ҳамаро қатл созам аз як сар.
Ҳозирон вазъи шоҳро диданд,
Ҳама чун барги бед ларзиданд.
Ҳар кӣ дар фикри ҷони худ афтод,
Фикри дигар наёмадаш дар ёд.
З-он миён як мунаҷҷими моҳир,
Гуфт: таъбири хобатон, тақсир,
Андаке пурмалол мебошад.
Қудрати лоязол мебошад.
Тоза чун лаъл дар шимоли само
Шуда ҷуфти ситорае пайдо.
Дар замин низ одаме ояд,
Ки ҷаҳонро зи нав биёрояд.
Ана, аз дасти он писар, шояд,
Ба шумо ҳам каме зиён ояд.
Лек ҳоло ба батни модар ӯст,
Бар Шумо вақту фурсати некӯст.
Ақли худро ба кор андозед,
Чораи кори хештан созед.
Бо ғазаб гуфт шоҳи бадкирдор:
— Ҳар зане, ки шудаст ҳомиладор,
Зуд ёбеду чок-чок кунед.
Душманамро ба зери хок кунед!
Навкарон, шотирону ҷаллодон

Қатл карданд кӯдакону занон,
Лек он модари муқаддасро,
Тифли соҳибқирони наврасро,
Халқ дар ҷону дил ниҳон мекард,
Парвариш кардаву калон мекард.
Ҳар қадар шоҳ бадгумон мешуд,
Душмани ҷони ӯ калон мешуд.
Охир ӯ раҳнамои даврон шуд,
Зулму золим ба хок яксон шуд...

Борҳо ин ҳикоя бишнидам,
Дами пирӣ ҳақиқаташ дидам,
Гар бигӯям чунин ибора равост,
Халқ оқилтарини оқилҳост...
Орзу кард пешвои кабир,
Раҳнамои бузурги ботадбир.
Гоҳ ӯро дар осмон мекофт,
Дар ҳақаш гоҳ қиссаҳо мебофт.
Гоҳ афсонавӣ тасаввур дошт,
Гоҳ ӯро чу Кова мепиндошт.
Оқибат он ҳақиқӣ одамро,
Раҳнамои кабири оламро,
Меҳрубон Ленини муаззамро,
Ба фано дода зулмату ғамро,
Ёфту раҳнамои даврон кард,
Асрро асри большевикон кард.
Соҳили Волга з-ӯ мусаффо шуд,
Модари рус фахри дунъё шуд!
Ленин аз қалбу ақлу меҳру вафо
Баҳри халқ офарид партияро.
Шоири давр гуфтааст чунин:
Ленин — ин Партия, Партия — Ленин!
Ҳаст дар нақшҳои соли навин
Нақши дастони Партия—Ленин!

## ИТТИҲОДИ АЪЗАМ

Дар Иттиҳоди аъзам тоҷик бахтьёр аст,
Аз иқтидори ёрон фирӯзи рӯзгор аст,
Аз дӯстии ҷонӣ сарсабз чун баҳор аст,
Дар Шарқи инқилобӣ подору барқарор аст.

Шӯҳратфикан ба дуньё шуд номи Тоҷикистон,
Иқболи ҷовидон шуд инъоми Тоҷикистон.

Аз меҳри поки Ленин дилҳо мунир гашта,
Дар гирудори ҳастӣ ҳар кас далер ғашта,
Аз фазлу дониши нав равшанзамир гашта,
Аз сайъи рус тоҷик ин сон кабир гашта.

Шӯҳратфикан ба дуньё шуд номи Тоҷикистон,
Иқболи ҷовидон шуд инъоми Тоҷикистон.

Бошад суруди ӯзбек як-умр ҷӯр бо мо,
Бо мо рафиқу ёвар қирғизу туркманҳо,
Мо, понздаҳ бародар, бо ҳамдигар тавоно,
Зери ливои Ленин роҳӣ ба сӯи фардо.

Шӯҳратфикан ба дуньё шуд номи Тоҷикистон,
Иқболи ҷовидон шуд инъоми Тоҷикистон.

## КӮЧАИ ЛЕНИН

Байни тӯфону дуду оташу тир
Тарҳи шаҳре кашида шуд, ёрон.
Ҷои Душанбеи назарногир
Шаҳри нав — пойтахти тоҷикон.

Мех кӯбидаву таноб заданд:
— Кӯчаи марказии шаҳр аст ин!
Даст дар кор бошитоб заданд,
Кӯча шуд, кӯчаи ба номи Ленин.

Гуфт шахсе ба эътирози тамом:
— Ин қамишзору лою теппаю ҷар.
Набувад ҳеҷ лоиқи ин ном,
Фикри худро дигар кунед, дигар!

Аз ҳама сӯ баланд гашта садо:
— Гапи мо пухта, фикри мост ҳамин,
Набувад ҳеҷ ҷои чуну чаро,
Номи ин кӯча — кӯчаи Ленин!

Аз ҳамон рӯз кӯчаи Ленин,
Дар дили шаҳри мост, чун раги ҷон,
Бо биноҳои лоиқи таҳсин
Қад барафрохт шаҳри мо аз он.

БИБЛИОТЕКА
Инв. №
Пединститута

Ба ҳамин кӯча бахри тоҷикон
Аввалин дафтару китоб омад.
Бо ҳамин кӯча чун баҳористон,
Самару файзи инқилоб омад.

Аз ҳамин кӯча манзили тоҷик
Бо чароғи Ильич мунаввар шуд.
Аз ҳамин кӯча дар дили тоҷик
Шодии зиндагӣ муяссар шуд.

Аз ҳамин кӯча рӯи Боми Ҷаҳон
Байрақи ленинӣ парафшон шуд.
Чун шафақ зери нуру шӯълаи он
Рӯи Шарқи куҳан намоён шуд.

Аз ҳамин кӯча толеи тоҷик
Мисли кӯҳсори ӯ бигашт баланд,
Роҳи дуру дароз шуд наздик,
Гашт Маскав ба ҷону дил пайванд.

Аз ҳамин кӯча рафт бар дунъё
Шӯҳрати безаволи Октябрь,
Аз ҳамин кӯча маҳв гашту фано
Абадӣ золиму уқубату ҷабр.

Гашт ин кӯча шоҳроҳи кабир,
Шоҳроҳи ҳақиқати Ленин,
Ки зи анвори фикри ӯст мунир
Шоҳроҳи наҷоти рӯи замин.

Мо ҳама сӯи мақсади аъло
Бо ҳамин шоҳроҳ гашта равон,
Зери байроқи шӯълабори даҳо,
Худ ҳамин аст роҳи ҷумла ҷаҳон!

## ЗАНГИ СОАТИ КРЕМЛЬ

Соат дувоздаҳ, ҳама бархоста зи ҷо,
Соли куҳан гузаштаву соат диҳад садо.
Ёрон хуш аст, агар ба сари мизи соли нав
Мо ҷамъ гашта базми калоне ба по кунем.
Эй дил, садои соати бурҷи Кремль шунав,
Афсӯс, нест мизи бузурге, ки то кунем
Даъват тамоми халқи Ватанро ба як макон,
То соли нав кунем ба ҳам ид, дӯстон.
Бигзор, кӯҳу водию саҳрои беканор
Бисьёр дӯстони муҳибро кунад ҷудо.
Бо ахтарони хеш ба саҳрост шӯълабор,
Рахшанда осмони диёри азизи мо.
Гар ин дақиқа нест ба паҳлӯт дилбарат,
Ту ҳеҷ ғам махӯр, ки шунида садои занг,
Бо ӯ дар ин маҳал бикашӣ бода бедаранг,
Бошад хаёли ёр дар ин лаҳза бар сарат.
Сарсабз сарзамини советист беканор,
То он тиллову нуқраю ангишти бешумор
Ҳам кӯҳҳош то ба фалак сар кашидаанд,
Бо нӯги қуллаҳо ба бари маҳ расидаанд.
Бигзор, кӯҳу водиву саҳрои беканор
Бисьёр дӯстони муҳибро кунад ҷудо,
Бо ахтарони хеш ба сарҳост шӯълабор
Рахшанда осмони диёри азизи мо.

## БА ПАРТИЯ

Партияи меҳрубон, меҳри ту дар ҷони мо,
Субҳи саодат расид, рафт сияҳшоми мо.

Номи ту вирди забон бар ҳама заҳматкашон,
Халқи Ватан шодмон, нест касе бенаво.

Мардуми ин сарзамин, бо қадами оҳанин,
Дар роҳи ту шуд матин, ҳаст ба азму вафо.

Партияи бозафар, бар ҳама дорӣ назар,
Аз ҳама дорӣ хабар, раҳбари мушкилкушо.

Тоҷику русу тотор, миллати афзуншумор,
Давлаташон бахтиёр, хонда туро раҳнамо.

Техникаву илму фан карда зи худ марду зан,
Ҳифз намояд Ватан, ҷон Ватани дилрабо.

Қутб, ки навъи башар, ҳеҷ накарда гузар,
Ёфт Папанин зафар, рафт ба дунъё садо.

Мардуми шаҳру деҳот гашта фараҳноку шод,
Аз ту бувад ин ҳаёт, шод бимон доимо!

## ОКТЯБРИ БИСТУЯКСОЛА

Бисту як сол аст андар шашьяки рӯи замин
Партавафшон аст байроқи зафарноки Ленин,
Дидаи дуньё надида,
то ба ҳозир инчунин,
Ин вафо, ин аҳд, ин роҳу суботи оҳанин!

Бисту як соли ту бошад баҳри моён ифтихор,
Эй маҳи пурфатҳу пуршаъну кабиру номдор!

Ҳар куҷо вайронае буд, ин дам он гулзор шуд,
Ҳар дарахти бесамар, бин, соҳиби асмор шуд.
Қутб бар зӯри Папанин сар ба по иқрор шуд,
Мӯъҷизоти мо ба дуньё зикр дар ашъор шуд.

Бистуяксоли ту бошад баҳри моён ифтихор,
Эй маҳи пурфатҳу пуршаъну кабиру номдор!

Мактабу фабрик, ҳар сӯ сохтмонҳо бешумор,
Шуд бино дар кишвари зебои мо чандин ҳазор,
Гашт пайдо кадрҳои боирода, устувор,
Чун Чкалов қаҳрамонони далеру номдор!

Бистуяксоли ту бошад баҳри моён ифтихор,
Эй маҳи пурфатҳу пуршаъну кабиру номдор!

Доҳии маҳбуби доно — Партия ғамхори мост,
Ранҷбарҳои тамоми рӯи дунъё ёри мост.
Дар ҷаҳон одил фақат қонуни пуранвори мост,
Ин баҳористони иқбол, ин Ватан — гулзори мост!

Бисту як соли ту бошад баҳри моён ифтихор,
Эй маҳи пурфатҳу пуршаъну кабиру номдор!

## БА ОКТЯБРЬ

Эй моҳи босаодати даврони мо, биё,
Бар кишвари азими далерони мо биё!
Ҳар сол чашми мо ба раҳу интизори ту,
Эй нури чашм, фотеҳи майдони мо, биё!
Мо наслҳои неки ту фархундатолеем,
Хуршеди пурзиёи дурахшони мо, биё!
Аз баҳри пешвои туя равнақи Ватан
Бинмудаем меҳнати шоён, биё, биё!
Фармо! Ки боғу гулшани мо дар баҳори авҷ!
Дар саҳни ин чаман гули хандони мо, биё!
Бингар мақому шӯҳрати фарзандҳои хеш,
Бо сарфарозӣ, бар сари Боми Ҷаҳон, биё!
Бо шавқу завқ боз туро ид мекунем,
Эй иди идҳои шарафшони мо, биё!

## БА СИСОЛАГИИ ОКТЯБРЬ

Ту биё, биё маҳи бозафар,
Туӣ кони бахту ҳилму вафо.
Дили душманон зи ту дар хатар,
Дили дӯстон зи ту пурзиё.

Ту асоси бахту саодатӣ
Ба тамоми халқи музаффарат,
Ту чароғи роҳи ҳидоятӣ
Ба тамоми насли диловарат.

Ту биё, биё маҳи бокарам,
Ки Ватан ба роҳи ту мунтазир,
Ту азизи мо, туӣ мӯҳтарам,
Ту ливои фатҳи ҷавону пир.

Ту шарики шодию дарду ғам,
Ба тамоми мардуми ранҷбар.
Ту кушандаи аламу ситам,
Ту диҳандаи шарафу зафар.

Ҳама душманони ту шуд забун,
Зи фишори Лашкари Сурхи мо,
Ба ғурез гашта душмани дун,
Зи ҳуҷуми мо бишавад фано!

## ХОНАИ ИТТИФОҚҲО

Ҳамчу сарчашмаи ҳаёти накӯ,
Маскави мо, ту дар ҷаҳон машҳур,
Дили поки Ватан ту ҳастӣ, ту,
Оламе дорад аз ту нуру сурур.

Равшану тозаӣ чу мулки Сибирь,
Соф чун чашмасори тоҷикон.
Ман ба ту, эй фурӯғи оламгир,
Бахшам илҳоми хеш аз дилу ҷон.

Тарҳи симои босафои туро
Лаългун акси ахтаронро ҳам,
Ки ба Майдони Сурх дода зиё,
Дар дилам ман ба хона овардам.

Ҷовидонӣ ба ёди ман монад
Ҳамчу рахшон ситораи иқбол,
Мардумонро ба сулҳ мехонад
Хонаи Иттифоқҳо ҳама сол.

Манзили пуршукӯҳу муҳташам аст,
Рӯзу шаб нурбору шӯълафишон,
Қаҳрамонии халқи сулҳпараст,
Шӯҳраташ дода дар тамоми ҷаҳон.

Хонаи Иттифоқҳо! Чӣ макон,
Ки ҳама мардумони рӯи замин
По ниҳода дар остонаи он,
То ки гарданд дӯстони қарин.

Андар ин ҷо ситораҳои само
Ҳамрадифи кавокиби мо шуд.
Дӯстон омаданд аз ҳама ҷо,
Баски он такьягоҳи дуньё шуд.

Ҳинду Балкан ба ҳам шуданд дучор,
Андар ин ҷо барои сулҳи умум,
То шавад бахту дӯстӣ подор,
Ҷанг гардад зи рӯи олам гум!

Шеъри зебои тоҷикон имрӯз
Паҳн гардад ба ҳар канори ҷаҳон,
Хонаи Иттифоқҳо фирӯз,
Чун баҳори диёри тоҷикон.

Иди санъат Ватан биёроид,
Хонаи Иттифоқҳо пурнур,
Аҳли Маскав ба идгоҳ оянд,
Тоҷиконро фаро гирифта сурур.

Ҳамаи халқҳои кишвари мо
Сарвати хеш тӯҳфа меоранд,
Санъату назми завқ-овари мо
Шӯълаю файзи меҳр мебоAND.

Ин муҳаббат,
ки ҷовидон бошад,
Ҳар нафас, ҳар қадам падидор аст,
Вай аз ин Хона нур мепошад,
Ватан аз партаваш пуранвор аст.

Хониши духтарони Гурҷистон,
Майи ёқутранги Молдаван,
Гандуми Украинаи бӯстон,
Ширу қаймоқу маскаи Рязань.

Ҳама аз меҳри дӯстӣ пайдост,
Дӯстӣ дар ҷаҳон баҳор орад,
Дӯстӣ манбаи саодати мост,
Дӯстӣ шаъну ифтихор орад.

Ин муҳаббат,
                    ки ҳаст дар дили мо,
Чун садои суруди озодӣ,
Паҳн гардад ба арсаи дунъё,
Ба дили мардумон диҳад шодӣ.

Паҳн гардад ба кишвари Кашмир,
Ҳам ба Афғону ҳам ба Африқо,
Ҳам ба Кавкозу қуллаи Помир,
Ки бувад боми хонаи дунъё.

Ин муҳаббат ҷаҳон фаро гирад,
Бинад андӯҳу шодии олам,
З-ӯ дили халқҳо сафо гирад,
Шавқ бахшад ба зодаи одам.

Шавад аз қудрати муҳаббати мо
Қувваи дӯстӣ тавонотар.
Чун мунодии сулҳ дар дунъё,
Паҳн гардад садои ин кишвар.

Кишвари мо,
                    ки хонаи сулҳ аст,
Аз ҳақиқат садо диҳад ба ҷаҳон,
Дар забонҳо таронаи сулҳ аст
Фораму дилнишин ба ҳар инсон.

Хонаи Иттифоқҳо! Ин ҷо
Кард имзо Ленин ба номаи сулҳ,
Аз ҳамон рӯз кори кишвари мо
Шуда пайваста бо идомаи сулҳ.

Хонаи Иттифоқҳо! Ҳастӣ
Шарафу шӯҳрати замонаи мо,
Бо чунин қудрату зиё ҳастӣ
Завқбахшандаи таронаи мо.

Хонаи Иттифоқҳо! Чу баҳор,
Ғарқи нуриву зебу зиннати нав.
Дили халқӣ чу меҳри нуранвор
Ҷой бигрифта дар дили Маскав!

## ПАРТИЯ РАҲБАРИ КАБИРИ МО

Ба партия, ба раҳбари кабири мо,
Ба партия, ба сарвари далери мо,
Ба партия, ба рӯҳи муқтадири мо,
Ба партия, ба бахти беназири мо.

Ба партия ташаккуру дуруд бод!
Расонд халқро ба қуллаи мурод.

Зи бас ки меҳри ӯ шудаст ҷовидон,
Ҳамеша халқи мо далеру меҳрубон,
Садоқату вафои мост бекарон,
Ҳаёти мо аз ӯ ҳамеша дар амон.

Ба партия ташаккуру дуруд бод!
Расонд халқро ба қуллаи мурод.

Ба номи ӯ шудаст ҳама бахтьёр,
Ба номи ӯ диёри мо пуриқтидор.
Ба номи ӯ шудаст сулҳ пойдор,
Ба номи ӯст фатҳу кашф бешумор.

Ба партия ташаккуру дуруд бод!
Расонд халқро ба қуллаи мурод.

Ба номи ӯ чу мо ба кор сар кунем,
Талошу саъю ғайрату ҳунар кунем,
Ҳамеша кор дар раҳи башар кунем,
Ба зери байрақи Ленин зафар кунем.

Ба партия ташаккуру дуруд бод!
Расонд халқро ба қуллаи мурод.

## БА ПАРТИЯИ ХИРАДМАНД

Гардиши зиндагӣ бинмуд замонҳо паси сар,
Давр бар давр бадал гашт басо чархзанон,
Равиши зиндагиву маслаку ахлоқи башар,
Ёфт садгуна зуҳурот ба ҳар асру замон.

Маънии ҳастию пайдоиши одам, дунъё,
Маънии зиндагӣ, озодию адл, истибдод.
Маънии камбағалу золиму шайху доро
Дин бар фоидаи хеш намуд маънидод.

Ҳаст бар мо ҳама аз таърихи дунъё маълум,
Ҳар хирадманд, ки асрори ҳақиқатро кофт,
Шуд гунаҳкору ба чанголи шариат маҳкум,
Дар ҷаҳон ҷуз ситаму ранҷ дигар баҳра наёфт.

Сарзамине, ки падар, модари мо зисту гузашт,
Ҷаҳлу нодонӣ варо сохта буд тираву тор,
Як замон нур зи фазлаш ҳамаи олам гашт,
Лек помол шуд аз зулму ситам охири кор.

Ман дар он деҳа, ки сабзида калон гардидам,
Соҳиби ақл шудам, гашт забонам гӯё,
Бори аввал зи падар ин суханон бишнидам:
«Дил намон ҳеҷ ба дунъё, ки дар ӯ нест вафо!».

Ёд дорам, ки падар орзуе дошт ба дил,
Як сар аспе, ки равад, сайр кунад мулки Ҳисор.
Рафт аз даҳру нагардид муродаш ҳосил...
Инчунин ҳодисаҳо ҳеҷ надоранд шумор.

Дар дами хавф ба мо дасти мадад кард дароз
Партия — ақли муҷассам, хиради руси кабир.
Халқ аз бандагӣ озод шуду сар афроз,
Гашт бо руси тавоно абадӣ ҳамтақдир.

Маънии зиндагию орзую оламро
Меҳрубон Партия омӯхт ба мо, чун устод.
Ҷаҳлу нодонию гумроҳию зулму ғамро
Дод барбоду расонид халоиқ ба мурод.

Ба ту, Партия, нафас гираму илҳому мадор,
Дода ман дар раҳи ту ҳастии худро имрӯз,
Номи ту дар ҳама корам бидиҳад авҷу барор,
Бо ту бошад абадулумр ҳаётам фирӯз.

Бо ту донад ба ҷаҳон кас фараҳу қадри ҳаёт,
Бо ту таърихи башар пеш бигардад акнун.
Аз ту омӯхт ҷаҳон орзую роҳи наҷот,
Бо ту дуньёст вафодору халоиқ мамнун.

## ҲАМНОМИ ОКТЯБРЬ

Дошт андар деҳоти Шаҳмансур
Паҳлавон ном мард ҷою макон,
Буд дар байни халқ ӯ машҳур,
Дошт ҳурмат миёни пиру ҷавон.

Доимо ӯ зи баҳри халқи диёр
Бахту иқбол ҷустуҷӯ мекард.
Ӯ зи баҳри шифои ҳар бемор,
Корҳои басе накӯ мекард.

Аввалин рӯзҳои озодӣ
Дар сафи аскарони сурхи далер,
Зидди ӯрдуи ҷабру бедодӣ
Ҳамла мекард он ҷавон чун шер.

Лашкари бебақои шоҳи Бухор
Мешуд аз зарбаҳои лашкари мо
Рӯз то рӯз маҳву торумор
Дар ҳама шаҳру деҳ — дар ҳама ҷо.

Охир он қаҳрамони боидрок,
Дар раҳи инқилоб шуд қурбон,
Тухми душман зи хоки мо шуд пок,
Номи ӯ ифтихори тоҷикон.

3—704

Вақти ҷон додан он ғаюри Ватан
Гуфт: Дорам васияте ёрон:
Гар, ки фардо писар шавад аз ман
Октябрьҷон диҳед ном ба он.

Дӯстони киромӣ бо дилу ҷон
Карда он хоҳиши варо иҷро.
Монд аз он далер ному нишон,
Писараш гашта оқилу доно.

Паҳлавонзода Октябрь акнун
Сиюдусола шахси машҳур аст.
Ходими номдори даври коммун,
Фозили даврату олими зӯр аст.

Чун падар баҳри равнақи Ватанаш
Аз дилу ҷон ҳаменамояд кор.
Бо амал як ҳамеша ҳар суханаш
Ҳалқ аз ӯ ҳамеша миннатдор.

## ҚУДРАТИ ИНҚИЛОБ

Бори аввал Сафар зи қишлоқаш
Баҳри коре ба сӯи шаҳр омад,
Аз азобу машаққати раҳи деҳ
Ростӣ, ки
        ҷудо
            ба қаҳр омад...

Тай намуд роҳҳои мушкилро,
Ағбаю дарраҳо паси сар кард.
Худ саломат раҳо бишуд,
                        аммо
Бори худро дар он миён ҷар кард.

Лаҳзае фикр карду он гаҳ гуфт:
«Баҳри чӣ ин ҳама азоби гӯр?..
Меравам,
        меравам,
                ба он ҷое,
Фикр гардад васеу
                бинам дур...»

Солҳое аз ин миён бигзашт,
Хайру хуш кард бо деҳу кӯҳсор,

Он Сафар-отаро шумо бинед
Ана, имрӯз дар диёри Ҳисор.

...Шуд кушода дари «Победа»-и сабз,
Марди нуроние бурун шуд з-он;
Эҳтимол аст, ки Сафар-ота
Ояд аз пешвози меҳмонон!

Чанд сол аст, ки Сафар-ота,
Дар ҳамин деҳа пахта мекорад,
Тартиби зиндагониро аз нав
Сар намудасту зиндагӣ дорад.

Отаи мо дар ин макони нав,
Дар ҳақиқат,
тамом дигар шуд:
Дида буд умри беш то ин дам,
Лек умри ҳақиқиаш сар шуд.

Ӯ дар ин деҳаи нав истода,
Меҳмондории замонро дид,
Аз тамоми ҷаҳон дар ин манзил
Шодию ашки одамонро дид.

Ӯ
ҷаҳонро
кунун ба тарзи дигар
Дарк бинмуда,
хубтар донад,
Дар баландию пастии ҳастӣ
Дида, дониста,
пой мемонад.

Шӯҳрати зиндагии ота-Сафар
Шуд намуна ба мардуми дунёӣ,

Бахри ҳар фарди бо иродаю азм,
Як мисолест аз ҳаёти мо!

Ӯ кунун дар тамоми рӯи замин
Амниятхоҳ дӯстон дорад!
Қудрати Партияву Октябрь ин,
Ки Сафар шӯҳрати ҷаҳон дорад!

## ЧАРОҒИ АДЛУ ХИРАД

Даме ки бехабар аз ҳастиву замон будам,
Ҳавои тифлӣ ба сар, фориғ аз ҷаҳон будам,
На фикри зиндагӣ, на фикри касбу кори дигар
Ба фикри шодию бозӣ зи шом то ба саҳар.
Ба ин тариқа гузашт рӯзу моҳу ҳафтаву сол,
Расид даври балоғат, расид даври камол,
Ҳаёт дод ба дастам хати балоғатро,
Рабуд аз сару ҳушам дами фароғатро,
Чароғи адлу хирад пеши чашми ман афрӯхт,
Гирифт дасти маро дарси зиндагӣ омӯхт.
Дилам зи шавқу ҳавас ҳамчу баҳр меҷӯшид:
Паи ҳақиқати дунъё хирад ҳамекӯшид.
Ба ҳар тараф назари ошиқона мекардам,
Ба чашми ақл ба ҳарчӣ нишона мекардам.
Хулоса, воқифи асрори ину он гаштам,
Шарики зиндагии халқи нотавон гаштам,
Шарики ҳасрату андӯҳу дарду ғам гаштам,
Шарики меҳнати беҳосилу ситам гаштам.
Ба чашми хеш бидидам, ки шайху хону вазир,
Ба ҷуз фиреб наҷӯянд чораву тадбир.
Ба чашми хеш бидидам,
ки тӯдаи деҳқон
Ба ҳар тараф шуда сарсон зи баҳри луқмаи нон.

Ба чашми хеш бидидам, амири бевиҷдон
Намуда бар сари халқ санги осиё гардон.
Ба чашми хеш чунон рӯзҳо, ки ман дидам,
Зиёду беш аз он ҳам зи ҳар кӣ бишнидам.
Парид шавқи ҷавонӣ чу бод аз сари ман
Бирафт меҳру муҳаббат чу дӯст аз бари ман.
Расид боди хазоне ту гӯӣ фасли баҳор,
Бимонд нахли муродам зи сабзишу бару бор,
Ҳаёт дар назарам ҳамчу теғи хунолуд,
Бимонд номи «тараб»,
худ тараб бишуд нобуд.
Шудам, хулоса, асири муҳити марговар,
Бигашт умри ҷавонӣ дучори хавфу хатар.
Дар он муҳити саропо шиканҷи ғамангез,
Бигашт косаи вазнини сабри мо лабрез,
Садои Ковову Восеъ ҳамерасид бар гӯш,
Ки «Эй бародари тоҷик, ба нафъи хеш бикӯш!
Ситон зи душмани пуркин қасоси фарзандон,
Ба ин умед шудем аз бароятон қурбон!»
Чу баҳр қаҳру ғазабҳои халқ меҷӯшид,
Ҳамеша дар паси озодияш ҳамекӯшид,
Ба ҷанги синфӣ ба душман чу бабру шери нар,
Гаҳе чу Ковову Восеъ ҳаменамуд зафар,
Ба он тариқа бишуд рӯзҳо басе такрор,
Ба он тариқа гузаштанд солҳо бисьёр.
Расид оқибати кор муждаи шодӣ,
Садои даъвати Ленин — садои озодӣ,
Тамоми халқи мубориз зи ҳар тараф бархост,
Бигашт қуввати ӯ зӯру қоматаш шуд рост.
Гирифта панҷаи ахсомро ба зӯрӣ тофт,
Сипоҳи руси муаззам ба ёриаш биштофт,
Зи зарбаҳои ғазабноки сахти пуркина,
Зи ҳамлаҳои пур аз интиқоми дерина.
Бигашт тоҷи амирон ҳубоби ғарқаи хун,
Бигашт лашкари бедодӣ торумору забун.

Бинои кохи ситам шуд зи беху бун вайрон,
Бигашт байрақи Октябрь ба мулки мо рахшон.
Расид шавқату ёрии Ленини аъзам,
Зи ибтидои ҳаёти нави хушу хуррам!
Зи ҳар асорату ҳар кулфате раҳо бинмуд;
Ба рӯи мо дари бахти замонаро бикшуд.
Зи меҳру шавқати аълои доҳиёни кабир,
Зи сидқу ёрии бемисли халқи руси далер,
Расид миллати тоҷик чу андар ин сӣ сол,
Ба рӯи қуллаи бахту шараф, ба авҷи камол,
Кунун, ки шӯҳрати номи баланди тоҷикон,
Расидааст саросар ба гӯши халқи ҷаҳон.
Кунун, ки соҳиби давлат, ҳуқуқи озодист,
Кунун, ки дар паи ҷӯшу хурӯши ободист,
Кунун, ки бошараф аъзои хонадони Ленин
Кунун, ки зиндагӣ дорад ба давраи заррин,
Кунун чу ман миллионҳо касон сарафрозанд,
Ба ин ҳаёти фараҳманди хеш менозанд,
Ҳазор раҳмату таҳсин ба доҳии ғамхор,
Ба халқи руси муаззам — ба халқи шӯҳратдор!

## ИДИ АСЛӢ — ИДИ МОСТ!

Зи рӯи расму одат,
халқи ҳар як кишвари дунъё
Муайян рӯзҳо ид аз қадим айём бинмояд,
Вале афсӯс,
аз онҳо манфиатбар мешавад доро,
Ба меҳнаткаш ягон суде ба ҷуз кулфат намеояд.

Зи номи дину ойин тӯдаи рӯҳонӣ бо тазвир
Ҳамекӯшад зи халқ «идона» ҳам бистонад афзунтар:
Ҳамекӯшад:
ба доро халқ гӯяд то абад «тақсир»
Ба афсунҳои динию хурофотӣ кунад бовар.

Ба даврони гузашта бо умеди рӯзи фирӯзӣ
Сари фасли баҳори сол ин ҷо халқи тоҷик ҳам
Ҳамекард иди серӯза «сари солии наврӯзӣ»,
Вале аз дасти боён мешуд иди ӯ бадал бо ғам.

Барои ин ки меҳнаткаш либоси идие он рӯз
Бипӯшад,
он набудаш дар бисоти урфии хона.
Саробосо ба чашмаш буд зебу зинати «наврӯз»,
Барои ӯ нишоти зиндагонӣ буд бегона!

* * *

Зи саъи бешу ҳиммат Ленини мо — доҳии маҳбуб,
Машаққатҳо кашида солҳо дар роҳи озодӣ,
Барои ин ки бинад халқ иди хуш, ҳаёти хуб,
Зафар бинмуд охир, нест шуд он даври бедодӣ.

Ба рӯи халқҳои мо дари хушбахтиҳо во шуд,
Бинои зулму истибдоди чандинасра шуд вайрон,
Ба рӯи шашьяки дуньё ҳаёти тоза барпо шуд,
Зи Маскав бар ҷаҳон байроқи октябрӣ бишуд тобон.

Намояд халқҳои мулки мо ин иди аъзамро,
Чу рӯзи ибтидои зиндагонии нав истиқбол,
Бувад ин иди таърихии мо ҷовид дар дуньё,
Ҳаёти тозаи мо ёфт аз вай шӯҳрату иқбол.

Кунун хушбахт тоҷик, ҳамсафар бо руси бахтовар
Ба сӯи мақсади олӣ равон ҳамаҳду ҳамнаймон,
Муаззам партияи коммунистӣ ҳомию раҳбар,
Барад моро ба роҳи сулҳ сӯи бахти ҷовидон.

## ДАР ВАСФИ КПСС

Партия — раҳнамои тавоно,
Зери байроқи Ленини аъзам,
Муттаҳид карда халқони моро,
Мебарад сӯи мақсуди одам,
Коммунизм бувад мақсади мо —
Қуллаи бахти ҳар фарди олам.

Маслаки мо, машъали мо,
ленинизм аст,
Равшан аз ӯ шоҳроҳи коммунизм аст,

Дар ҷаҳон мустақим роҳи Ленин,
Нест баҳри башар роҳи дигар,
Гашта собит ба чашми ҷаҳон ин,
Дар замину замон шуд музаффар,
Сулҳу озодиро карда таъмин,
Адлу ободӣ орад саросар.

Маслаки мо, машъали мо ленинизм аст,
Равшан аз ӯ шоҳроҳи коммунизм аст.

Дӯстиро тараннум намуда,
Душманонро кунем аз ҷаҳон дур.

Шӯҳрати мулки худро фузуда,
Дӯстонро кунем шоду масрур.
Роҳи Ленин шуда озмуда,
Партия кошифу ҳодии нур.

Маслаки мо, машъали мо ленинизм аст,
Равшан аз ӯ шоҳроҳи коммунизм аст.

## БО НОМИ ДАҲО

Аз марҳамати адли ту дунъё шуда равшан,
Бар мӯъҷизаи кори ту дунъё кунад аҳсан,
Хуршеди замин, бахти замон, раҳбари комил,
Меҳри ту фурӯзон ба сару дидаву бар дил.
Меҳрат, ки чунон ҷост ба ҳар як дилу пайкар
Моем ба ҳар ҷабҳа чунин зӯру музаффар.
Халқ аз ту — ту аз халқ набошӣ нафасе дур,
Бар халқ ту устоду ту ҳам раҳбари машҳур.
Рӯзе, ки шудӣ раҳбари ин халқи муаззам,
Он рӯз зафар ёфт адолат ба сари ғам.
З-он рӯз ба ларзиш ҳама ҷо кохи ситам шуд,
Озодӣ дар он рӯз ба таърих рақам шуд.
Он рӯз ҳама миллати ин олами таҳқир
Аз Россия, Украина то сарҳади Помир,
Аз даъвати ту ҷумла биғаштанд хабардор,
Хонданд туро бар сари худ сарвару ғамхор,
Дар роҳи вафо кулфати бисьёр кашидӣ,
Бар манзили мақсуд далерона расидӣ,
Дар шашьяки дуньёи куҳан кардӣ ту буньёд
Дуньёи наву зиндагию кори нав эҷод.
Монанди шафақ машъалаи адли ту афрӯхт,
Зулму ситам аз реша дар ин кишвари мо сӯхт,
Аз роҳи ҳақиқат набудӣ як сари мӯ дур.

З-он аст, ки шуд давлати мо фотеҳу машҳур.
З-ин гуна ҳаёти нави мо хасми бадандеш,
Гитлери лаин бурда ҳасад гашт ҷигарреш.
Бо лашкари хунхори худ он душмани ғаддор,
Шуд бар сари мо ҳамлавар он хоини маккор.
Ҳарҷо ки расид оташи кину ғазаб афрӯхт,
Боғу чаману қасри бино меҳнати мо сӯхт,
Он рӯз Ватан, давлати мо зери хатар буд,
Чашми ҳамаи халқ ба мулки ту, падар, буд.
Бо номи ту марду зани ин мулки диловар,
Омода бишуд зидди адӯ чобуку чевар.
Якбора ҳама пиру ҷавони Ватани мо,
Марду зану духтар — ҳама бархоста аз ҷо,
Саф-саф шуда бар зидди адӯ ҷумла равон шуд
Аз ҳайбаташон хасм ба талвосаи ҷон шуд.
Баҳри туву баҳри Ватан, ҳар шахси диловар
Шамшер ҳамезад ба сари хасми ситамгар.
Аз қудрати мо гашт фано лашкари бедод.
Шуд з-ин зафари мо ҳамаи халқи ҷаҳон шод.
Эй боиси осоиши халқи ҳама олам,
Эй боиси фирӯзии бахти бани одам,
Роҳи ту ба мо ин ҳамаи илму ҳунар дод,
Озодиву ободиву иқболу самар дод.
Ҳар ҷо ба Ватан то ба сари сарҳадди Дарвоз
Имрӯз зи номи ту ҳама халқ сарафроз.

## ЧАШМАИ ЛЕНИН

Дар дили кӯҳсори тоҷикон,
Ҷойгир гашта деҳаи зебо,
Сабзу хуррам дарахтҳош ҷавон,
Номи ин деҳ бувад Деҳи боло.

Рӯ ба рӯяш кашида сар ба фалак
Кӯҳҳои баланди беамсол,
Аз якаш кашф гашта кони намак
Дигаронаш надода сир алҳол.

Дигаре з-он гирифта дар оғӯш
Ин деҳеро,
ки мекунам тасвир,
Мардумонаш бағайрату боҳуш,
Оқилу кордону ботадбир.

Давру атрофи деҳа пур аз боғ,
Меваҳои лазизу рангоранг,
Чаманистони дилрабое роғ,
Нағмаи булбулони шӯхоҳанг.

Чашмае байни он, зи қаъри замин
Зада фаввора ҳамчу наҳри шир,

Номи он чашма «Чашмаи Ленин»,
Саргузашташ бигуфт марде пир.

Пири қомат чу сарви сар-афроз,
Зираку бозаковату устод,
Меҳрубону қавию бо эъҷоз,
Ҳар куҷо аҳли сӯҳбат аз ӯ шод.

Пири равшанзамири таҷрибакор,
Кард бар ман ҳикояте ширин,
Аз ҳаёти қадимаи кӯҳсор,
Қиссаи деҳу «Чашмаи Ленин».

Гуфт: «Бас солҳо, ки аз ин пеш
Богу роғу дарахту об набуд,
Хушклаб мардумаш ҳама дилреш,
Баҳри рондан замини боб набуд.

Рӯзе аз шаҳри Ленини аъзам,
Андреев ҷавони нек-нажод
Меҳмон шуд дар ин деҳи бенам,
Гуфт: «Ин деҳаро кунем обод!»

Ин муҳандис ҷавони богайрат,
Рӯзи дигар ба ҷустуҷӯ биштофт,
Кард ҳамроҳи мо баее меҳнат,
Охир ин ҷои чашмаро ӯ ёфт.

Марду зан ҷумлагӣ ҳама як ҷо
Ҳарчӣ ӯ гуфт мо ҳамон кардем,
Оби ин чашмаи мусаффоро
Ҷониби деҳа мо равон кардем.

Марду зан бо муҳаббату дилу шод
Ҷумла гуфтанд: «Чашмаи Ленин!»

Ин деҳи мо бишуд чунин обод,
Мухтасар, саргузашти чашма ҳамин.

Боғу роғе кунун ту мебинӣ,
Дар деҳи нозанини мост аён.
Ҳама маҳсули чашмаи Ленин
Ҷон писар, илми лениниро хон.

## СИМОИ ҶОВИДОНӢ

Тай менамуд шаб раҳи худро зи пушти рӯз,
Оҳиставу хамӯш чунон ҳам ба эҳтиёт,
Ҳатто садои шилдираси оби ҷӯйҳо,
Надҳад халал ба роҳату оромии ҳаёт.

Биншаста зери шӯълаи бедуду доғ, ман
Фориғ зи ҳар мусибату андӯҳи рӯзгор,
Дил пур зи меҳри бахти фурӯзони зиндагӣ,
Илҳом ин ҳаёти накӯ бахшадам ба кор.

Мехостам,
                ки мисраи эҷод кардаам
Шоёни давр бошаду мақбули дӯстон,
Зеро ба васфи он ки шуда шаъни асрҳо,
Ноқис сухан нагуфта касе аз суханварон.

Мисли ҳаёт лангараки соатам ба тоз
Мерафт роҳу лек буд ором дар назар,
Танҳо зи тез гаштани парвози суръаташ
Тик-тики қалби ӯ бидиҳад баҳри ман хабар.

Мерафт ҳар дақиқа зи умри накӯи ман,
Ҳар як дақиқае, ки чу ишқ аст арҷманд,

Зеро ки гуфтаанд: «Агар умр хуш бувад,
Сад солҳо ба зиндагии одамӣ каманд».

Беҳтар зи моҳу соли замонҳо, ки рафтаанд,
Ҳар як дақиқа зиндагии рӯзҳои мо
Маънии умри одамию зиндагии нав,
Бо фаҳму меҳри ленинӣ гардида пурбаҳо.

Ин дам садои боҳашмати Кремль,
Медод тоза-тоза зи фирӯзиҳо паём.
Симои ҷовидонаи Ленин ба рӯи ман,
Аз рӯ ба рӯ нигоҳ ҳамекард бардавом.

Мешуд тапидани дили Ленин тасаввурам,
Бо ин садо, ки ҳаст хурӯшанда чун ҳаёт,
Бошад умедам ин ки ҳамоҳанги он бувад,
Ашъори ман ба номи Ленин — раҳбари наҷот.

Пайваста бо табассуми гарми ҳабиби халқ,
Субҳи сафои кишвари ман низ медамид,
Бар рӯи шаҳру деҳаву саҳрои мулки ман,
Ин лаҳза боди форами ин субҳ мевазид.

## ГУЛШАНИ ЭҶОДИ ХАЛҚ

Аз Кремль шуд танинандоз бар рӯи ҷаҳон,
Савту сози фораму овозадори тоҷикон.
Тоза аз овозааш шуд сирати пиру ҷавон.
Назди устодони санъат дод аъло имтиҳон.

Навбаҳори тоза пайдо кард истеъдоди халқ,
Чун чаман бишкуфт аз он гулшани эҷоди халқ.

Сарзаминам мисли шеъру санъаташ афсунгар аст,
Чашмасораш чун суруди Лайлихон авҷовар аст.
Нозу истиғнои ҳар як фасли солаш дилбар аст,
Мавҷи оби кӯҳсораш ҷилвани симинбар аст.

Навбаҳори тоза пайдо кард истеъдоди халқ,
Чун чаман бишкуфт аз он гулшани эҷоди халқ.

Савти дилро Аҳмаду Шоиста оламгир кард,
Мулки дилҳоро Малика бо ҳунар тасвир кард,
Шӯхшангии Ҳанифа қалбро тасхир кард.
Ҳам Валаматзодагонро Москва тақдир кард.

Навбаҳори тоза пайдо кард истеъдоди халқ,
Чун чаман бишкуфт аз он гулшани эҷоди халқ.

Духтари тоҷик ҳангоме рубобаш ҷӯр кард,
Шоҳназар «Ушшоқ»-ро дар пардаи танбӯр кард,
Хонаи дилро зи оҳанги тараб масрур кард,
Оламеро савту сози тоҷикон пуршӯр кард.

Навбаҳори тоза пайдо кард истеъдоди халқ,
Чун чаман бишкуфт аз он гулшани эҷоди халқ.

Тоҷикистон, месароям ҳар як эҷоди туро,
Зиндадил, хушдил, ҳунарвар халқи устоди туро.
Духтарони шеърпарвар, шӯху озоди туро,
Булаҷоиб сарзамини санъатободи туро.

Навбаҳори тоза пайдо кард истеъдоди халқ,
Чун чаман бишкуфт аз он гулшани эҷоди халқ.

Шеъру санъат сайқали рӯҳ аст, ҷоно, ҳуш дор,
Дор сарсабзаш ҳамеша мисли айёми баҳор.
Дар хурӯшаш ор мисли рӯдҳои кӯҳсор,
То барад аз сафҳаи оинаи дилҳо ғубор.

Навбаҳори тоза пайдо кард истеъдоди халқ,
Чун чаман бишкуфт аз он гулшани эҷоди халқ.

## САНЪАТИ МО

Санъати мо эътирофи мардуми олам шуда,
Рӯҳбахшу дилкаши ҳар зодаи одам шуда,
Дурри санъатҳои оламро ба каф овардаем,
Ин ҳама бо қудрати Партияи аъзам шуда.

## ИСТЕЪДОДИ ХАЛҚ

Чун баҳорон гулфишон шуд боғи истеъдоди халқ.
Сад чаман болид аз ин санъати озоди халқ.
Бишнавед, эй дӯстон, савту суруди халқро,
Аз дилу ҷон офарин хонем бар эҷоди халқ.

## ПАРТИЯ РАҲНАМО

Шуҷоату барору ифтихори мо,
Матонату ривоҷу иқтидори мо,
Ҳақиқати ҳаёти пойдори мо,
Саодати бузурги рӯзгори мо,

Туӣ, ту сарвари кабир, Партия,
Ба адлу сулҳ дастгир Партия!

Ба нури ақл раҳнамои халқҳо,
Ба зеҳну фазл раҳкушои халқҳо,
Фурӯғи бахту муттакои халқҳо,
Ягона роҳбар барои халқҳо,

Туӣ, ту сарвари кабир, Партия,
Ба адлу сулҳ дастгир Партия!

Ҳавову обу оташи ҳаёти мо,
Вафову меҳру маслаку суботи мо,
Ба роҳи умр сархати бароти мо,
Кушоиши тамоми мушкилоти мо,

Туӣ, ту, сарвари кабир, Партия,
Ба адлу сулҳ дастгир Партия!

## ТОЛЕИ ЗАНИ ТОҶИК

Барқи фикри ленинӣ то ба мо бишуд ҳодӣ,
Пора абри зулмат шуд, тофт шамси озодӣ,
Чун баҳори нав пайдо шуд замони ободӣ,
Пур бишуд ҷаҳон яксар аз таронаи шодӣ.

Чун саҳар намоён шуд толеи зани тоҷик,
Зеби давру даврон шуд толеи зани тоҷик.

Аз сафои рӯзи нек эътибори нав дорем,
Дар паноҳи фирӯзӣ рӯзгори нав дорем,
Дар шарофати меҳнат иқтидори нав дорем,
Аз саодати айём ифтихори нав дорем.

Чун саҳар намоён шуд толеи зани тоҷик,
Зеби давру даврон шуд толеи зани тоҷик.

Ӯ ба ғайрату меҳнат паҳлавони майдон шуд,
Кордону номовар, қаҳрамони даврон шуд,
Дар ҳаёти нав, алҳақ, ҳамҳуқуқи мардон шуд,
Наслҳои хуррамро модару саробон шуд.

Чун саҳар намоён шуд толеи зани тоҷик,
Зеби давру даврон шуд толеи зани тоҷик.

Ҷилваи гули хандон зинати гулистонҳост,
Савти форами булбул роҳати дилу ҷонҳост,
Ишқро зи ҳусни зан бас давову фармонҳост,
Аз вафои зан хуррам боғи аҳду паймонҳост.

Чун саҳар намоён шуд толеи зани тоҷик,
Зеби даври даврон шуд толеи зани тоҷик.

# МЕСАРОЯМ СУЛҲРО
# ДАР СОЗИ СУЛҲ

## ПЕШВОИ СУЛҲ

Партия дастгири навъи башар,
Партия раҳнамои истиқбол,
Партия ҳодии замони зафар,
Партия рӯҳбахши истиқлол.

Қудрати дӯстӣ дучандон шуд,
Равнақ овард сулҳу озодӣ,
Кори дунъё ба коми инсон шуд,
Давр шуд даври азму ободӣ.

Ватани мо ба роҳи сулҳи ҷаҳон,
Ҳамчу сарчашмаи амонӣ шуд,
Аз барои нишоти ҳар инсон
Нӯшдоруи зиндагонӣ шуд.

Партия пешвои лашкари сулҳ,
Пешрав дар ҷидолу бозафар аст,
Дорад аз ӯ субот кишвари сулҳ,
Посбони саодати башар аст.

## ҲОМИИ СУЛҲ

Партия ҳусни кишвари моро
Файзбахшанда чун баҳорон кард.
Халқҳои диловари моро
Омили корҳои шоён кард.

Чун суруди муҳаббати подор,
Аз дилу ҷон ташаккури бисьёр,
Аҳли ҳар хона мекунад такрор:
Мо аз ӯ умрбод миннатдор.

Партия кори сулҳи дуньёро
Аз хатарҳо нигоҳ медорад.
Шуда байроқ дар муборизаҳо,
Доимо номи ӯ зафар орад.

Ҳизби Ленин, ки фикру кори ӯ
Баҳри бахту саодати халқ аст,
Абадӣ меҳри бекапори ӯ,
Дар дили пурсадоқати халқ аст.

## СУЛҲ

Хонаи умеди дуньё кишварам,
Кишвари паҳновару бахтоварам,
З-ин саодат сар ба гардунҳо барам,
Ҳофизи озодии баҳру барам.

Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дуньё пур аз овози сулҳ.

Сулҳ чун хуршеди тобон ҳар саҳар,
Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар,
Ҷумла оламро диҳад ӯ зебу фар,
Нур пошад бар сари навъи башар.

Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дуньё пур аз овози сулҳ.

Баҳри олам сулҳ даркор аст, сулҳ.
Насли одамро нигаҳдор аст сулҳ.
Чун шифои ҷони бемор аст сулҳ,
Модаронро бахти бедор аст сулҳ.

Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дуньё пур аз овози сулҳ.

## САЙҚАЛИ ЗИНДАГОНӢ

Бахти дуньёст сулҳу амонӣ,
Кори халқ аст сулҳи ҷаҳонӣ.
Сулҳ чун сайқали зиндагонӣ,
Файз бахшад ба умри ҷавонӣ.

Сулҳ хушбахтии ҳар нажод аст,
Сулҳ сарпанҷаи иттиҳод аст.

Сулҳи пуриқтидору дилафрӯз,
Ҳамчу хуршеди зулматсаросӯз,
Оламеро фаро гирад имрӯз,
То шавад рӯзи ҳар халқ фирӯз.

Сулҳ хушбахтии ҳар нажод аст,
Сулҳ сарпанҷаи иттиҳод аст.

Сулҳ ободии хонадон аст,
Сулҳ озодии одамон аст,
Сулҳ шодобии бӯстон аст,
Сулҳ сарсабзии ҷовидон аст.

Сулҳ хушбахтии ҳар нажод аст,
Сулҳ сарпанҷаи иттиҳод аст.

## СИПОҲИ СУРХ

Сипоҳи Сурхи муҳташам,
Диловарони бозафар,
Баҳодурони сафшикан,
Ғазанфарони боҳунар,
Ленинчиёни бовафо,
Бародарони мӯътабар,
Умед аз шумо кунад,
Тамоми олами башар!

Чу раъду барқ аз ҳаво
Чу обу оташ аз замин,
Занед хасми халқро!

Дар он даме,
ки Октябрь
Ба рӯи шашьяки замин,
Фиканд нури хешро,
Бисӯхт бехи зулму кин,
Ҳуҷуми душманон бишуд
Зи ҳар канору ҳар камин,
Ки то кунанд халқро,
Дубора ҷабру зулму кин,
Агарчӣ буд он замон,
Зи ҳар ҷиҳат ба мо азоб:

5—704

На тӯпу танк он қадар,
На он қадар хӯроку хоб,
Зи бас, ки буд ҳар диле
Пур аз хурӯши инқилоб
Ба он ҳама ситамгарон
Задед зарбаҳои боб.
Задед оташе чунон,
Ба душманони кинавар,
Ки сӯхт ҷисму ҷонашон.
Кунун, ки зӯри СССР
Ягона дар ҷаҳон бувад,
Кунун,
ки халқи мо ҳама
Далеру қаҳрамон бувад,
Кунун, ки меҳри ин Ватан
Ба ҷисми мо чу ҷон бувад,
Магар фашизми шумро,
Зи дасти мо амон бувад?!

Супориши муқаддаси
Ватан чунон адо кунем,
Ба ҷанг бо ситамгарон
Зи кушта пуштаҳо кунем,
Гирифта интиқоми хун,
Фашизмро фано кунем,
Бародарони хешро,
Зи банди ғам раҳо кунем.

Чу раъду барқ аз ҳаво
Чу обу оташ аз замин,
Занед хасми халқро!

Сипоҳи Сурхи ленинӣ
Ба баҳру бар равона шуд,

Зи фатҳу шони ӯ бубин,
Чи иди шодиёна шуд.
Сифоти ӯ ба ҳар забон,
Ҳазорҳо тарона шуд,
Ватанпараст буданаш,
Намуна дар замона шуд.

Сипоҳи Сурх, зинда бод,
Ки пеш мебарад мудом
Ливои сурхи адлу дод!

## ИНТИҚОМ!

Бизан он хасмро, ки Аврупо
Зери дасташ харобу вайрон шуд,
Халқи он мулк гаштааст гадо,
Миллионҳо асиру қурбон шуд.

Хасм бар мо ҳуҷумҳо карда,
Худаш оғушта шуд ба хоку хун,
Нест ҷуз марг, чораи дигар
Ба ту, эй хасм, Гитлери малъун!

Эй Қӯшуни Кабири ин кишвар —
(Писарони диловари даврон)
Аз фашистони шуми яғмогар,
Интиқоми бародарон бистон!

Магузор, эй сипоҳи сурхи Ленин,
Ки даме душманат нафас гирад,
Барқсон аз ҳавову обу замин,
Зан, ки дарранда ҷо ба ҷо мирад.

## ДАР МУДОФИАИ ДИЛ

Эй сипоҳи далери беҳамто,
Ҳомиёни шуҷои озодӣ,
Офарин гуфт бар шумо дунъё,
Ба чунин устуворӣ, устодӣ!

Баҳри он дил, ки халқи поянда,
Аз вай оби ҳаёт мегирад,
Ҳам аз ӯ наслҳои оянда
Дарси бахту наҷот мегирад.

Баҳри он дил, ки Ленини худро,
Бо муҳаббат гирифта дар оғӯш,
Баҳри он дил ки ҳизби Ленинро,
Дорад аз ҷон муҳаббати пурҷӯш.

Баҳри ҳифзи чунин дили аъзам,
Ҳарбу зарбу ҷадал шумо кардед,
Сад ҳазорон сари сипоҳи ситам,
Дар раҳи дил, зи тан ҷудо кардед.

Эй сипоҳи диловари даврон,
Халқи дунъё ба диққати комил,
Назараш бар шумо, дар ин майдон,
Шуда бар қудрати шумо қоил.

## БА ҚАҲРАМОН

Писари паҳлавони халқи Ленин,
Аз дилу ҷон салому ҳам табрик!
Қаҳрамони диловари Ленин,
Дастпарварди миллати тоҷик!

Номи неки ту дар суруду сухан,
Шуда вирди забони пиру ҷавон.
Лоиқи ифтихори халқи Ватан,
Эй далер, эй диловари майдон,

Рӯҳи Темур-Малик шуда хушнуд,
Аз забардастии ту ҷанговар.
З-оташи тири ту бишуд нобуд
Даста-даста фашисти ғоратгар.

Рӯзи равшан зи дуди бомбаву тир,
Буд пеши назар шаби торик!
Душман аз зарбаат ҳамешуд қир,
Офарин,
эй диловари тоҷик!

Буд чанде, туро ба пеши назар.
Дӯстонат шаҳиди пок шуданд.

Захм хӯрдӣ, вале чу шери нар,
Душманонро задӣ, ки хок шуданд.

Дар чунин лаҳзаҳои разму ҳунар,
Як нафас оташат нашуд хомӯш,
Аз барои ҳаёту фатҳу зафар,
Хуни ту аз ғазаб ҳамезад ҷӯш.

Падаронат зи корат Исмоил,
Бар ту таҳсину офарин гӯянд,
Ба забардастият ҳама қоил,
Шоирон нав ба нав сухан ҷӯянд.

## ГАСТЕЛЛО

Меҳри Ватани аъзами мо ҳокими дилхост,
Ин нукта ба мардони Ватан равшану фаҳмост,
Гастеллои ҷовид вафо кард, ҳунар кард,
Танро паи ҳифзи Ватани хеш сипар кард.
Бигзашта барои Ватани поки худ аз ҷон,
Оташ ба фашистон заду бар ҷумла силаҳшон.
Бингар, ки чиҳо карда ба ӯрдуи ситамкор,
Гастеллои мо, лочини боғайрати ҳушьёр,
Ҳарчанд ки аз тири ҷафо болу параш сӯхт,
Оташ ба сари тӯдаи гитлерӣ барафрӯхт.
Сӯзад ҳамаи зумраи фошизм чу хошок,
Аз шарру фасодаш ҳама дуньё бишавад пок.
Фарзанди Ватан, шери Ватан, лочини Ленин,
Бар зӯри ту, бар азми ту, бар кори ту таҳсин!
Номат абадӣ дар дили ҳар шахс бимонад,
Ҳар насл дилерии ту чун дарс бихонад.

## ОЙГУЛ МУҲАММАДҶОНОВА

Эй духтари номдори тоҷик,
Эй навгули навбаҳори тоҷик,
Эй лоиқи ифтихори тоҷик!
Парварда туро диёри тоҷик.

Рӯзе, ки шунид ин диёрат,
Дар ҷанг далерию барорат.
Гуфтем, ки «Офарин ба корат,
Бодо зафарат ҳамеша ёрат.

Эй духтари номдори тоҷик,
Эй лоиқи ифтихори тоҷик».

Нозем, ки зеби кишварастӣ,
Дар гулшани булбулон ту растӣ,
Бешубҳа гули ватанпарастӣ,
Дар ҷанг ту шоҳини бапіастӣ.

Эй духтари номдори тоҷик,
Эй лоиқи ифтихори тоҷик.

Эй лочини пуршукӯҳи озод,
Гардида ба кори разм устод,

Болу пари ту бувад зи пӯлод,
З-он бомба ба фарқи хасми ҷаллод.

Эй духтари номдори тоҷик,
Эй лоиқи ифтихори тоҷик.

Эй хоҳари нағз, ҷони ширин,
Зебад ба ту ордени Ленин.
Дорӣ ба диловарӣ ту оин,
Сад раҳмату офарину таҳсин.

Эй духтари номдори тоҷик.
Эй лоиқи ифтихори тоҷик.

## ВАФО БА АҲД

Расид мужда ба мо, Ҳодии ҳидояткор,
Ки дар набарди калон, зидди душмани ғаддор,
Намуда анъанаи пеш кардаат такрор,
Бисӯхт з-оташи тӯпат фашистҳо бисьёр.

Шудӣ ту лоиқи номи бузург сад аҳсан,
Муборакат шавад ин ном — Қаҳрамони Ватан!

Зиҳӣ шуҷоату мардӣ, диловарию ҳунар,
Туро ҳалол шавад шири додаи модар!
Зи зарби оташи тӯпат бигашт хокистар
Гурӯҳи «Танк-паланг»-и адӯи ғоратгар.

Ба ҷанги шер ҳамеша «паланг»-и пуртазвир
Агарчӣ тӯдааш афзун бувад, бигардад қир.

Вафо ба аҳд намудӣ, ҳазорҳо таҳсин,
Ба зарбаат! Писари босадоқати Ленин.
Гурӯҳи танкаи душман чу мум шуд ба замин,
Навишт номи туро халқ бо хати заррин!

Чунин шараф ки муяссар туро бишуд, Ҳодӣ,
Тамоми халқи Ватан бо ту мекунад шодӣ.

Днепр оби ҳаёт аст баҳри халқи Ватан,
Гирифта зинат аз ӯ Украина чун гулшан.
Пур аст қаъру канораш зи махзану маъдан,
Кӣ дид лонаи лочин ба дасти зоғу заған?!

Хаёли пучи фашистон чу коҳ шуд барбод,
Расид давраи мурдан ба лашкари бедод.

Турост шоҳиди ҷовид Днепри аъзам,
Задӣ ту зарба дар он ҷо ба ӯрдуҳои ситам,
Садои фатҳу зафар шуд баланд аз паи ҳам,
Фитода бар сари Гитлер чу кӯҳ кулфату ғам.

Ҳамеша бозафару босаодату дили шод,
Баобрӯй бимон, эй диловари озод!

## ҲОДӢ МЕҲМОН ОМАДАСТ

Қаҳрамонфарзанди тоҷик Ҳодӣ меҳмон омадаст,
Назди авлодаш диловар Тоҷикистон омадаст,
Эътибори халқи кишвар, марди майдон, омадаст,
Рустами имрӯза бо фатҳи дурахшон омадаст,
Марди оқил, қувваи дил, нури чашмон омадаст.

Баҳри истиқболи фарзанди далери худ Ватан,
Зебу зинат дод саҳрову гулистону чаман.
Номи некаш хуррамӣ бахшида бар ҳар анҷуман,
Баркушод аз баҳри табрикаш забон ҳар марду зан,
Назди мо имрӯз шахси поквиҷдон омадаст.

Модари мушфиқ намудаш тарбият дар мағзи ҷон,
Дод фармонаш падар: шав кишваратро посбон!
Шери тоҷик дод зӯрашро ба душманҳо нишон,
Пора шуд аз қувваташ даҳҳо «паланг»-и душманон,
Ин музаффарзода аз ҷанги фашистон омадаст.

Офарин бар зӯру бозӯи ту, эй марди матин!
Мақсади аълои авлодат ҳамин бошад, ҳамин,
Чист дигар з-ин шараф беҳтар ба дунъё беш аз ин
Офарин, сад офарин, сад офарин, сад офарин!
Қаҳрамони давр, зеби давру даврон омадаст!

## ОВОЗИ МОДАР

З-аввали субҳи Ватан аз Маскав
Мерасад муждаи фирӯзи ҳаёт.
Баҳри осоиши халқам нав-нав
Тӯҳфаҳо мерасад аз баҳри нишот.

Ин саҳар як хабари нохушро
Радио дод зи аҳволи ҷаҳон.
З-ин хабар, модари мушфиқ аз ҷо
Хест бо қаҳру ғазаб, бо ҳаяҷон.

Аз ғазаб пайкари ӯ меларзид,
Ҳисси нафрат ба дилаш ҷӯшзанон.
— Ҷанги нав хоста як даста палид,
Мудҳиш! Ин фоҷиа бар ҳар инсон.

Назар афканд ба рӯи фарзанд,
Писараш пойзанон механдид.
Бӯса кард аз лабу рӯяш якчанд,
Ашк ногоҳ зи чашмаш бичакид.

Наздик он рӯз,
ки он ҷаллодон,
Пеши модар, надари дида азоб,

Як ба як з-он ҳама бедодиашон
Шуда маҳкум, бигӯянд ҷавоб.

Наздик он рӯз, ки фарзанди башар
Чун ту осуда ба дунъё бошад,
Абадӣ нест шавад хавфу хатар,
Москва нур ба дунъё пошад.

## БА ҚАҲРАМОНОНИ ВАТАН

Офарин, эй қаҳрамонони шарафноки Ватан,
Наслҳои кишвари озоди пур боғу чаман,
Бар шумо таҳсин бигӯяд пиру барно, марду зан,
Аз тамоми шаҳру водиҳо, зи ҳар як анҷуман.

Мо ҳама марду зану пиру ҷавон бо ифтихор,
Бо шумоем аз барои ҳифзи ин зебо диёр.

Эй писарҳои садоқатманди пуршаъни Ленин,
Эй далерони шуҷоатноки пайкароҳанин,
Нест Рустам то бубинад паҳлавониро чунин,
Сар ба зону афканад, гӯяд: Ҳазорон офарин!

Пеши чашми ҷумлаи заҳматкаши рӯи ҷаҳон,
Қаҳрамониҳо шумо додед дар дунъё нишон.

Ҳамчунон боғайрати бемислу азми устувор,
Дар замин монанди шеру дар фазо лочинвор,
Гар адӯ аз ҳад фузун бошад ба вақти корзор,
Нест бок аз он, намоедаш саропо торумор.

Меҳри доҳӣ қуввaю азми шуморо ёвар аст,
Ғолибият бар шумо, бар ғолибитон бовар аст.

Ҳар супориш буд бар иҷрои ӯ баста камар,
Кӯҳ бошад, кон бошад, қутб, хуллас баҳру бар,
Роҳ тай кардед, дар вай кам набуд хавфу хатар,
Зери байроқи кабири доҳиён карда зафар.

Ҳеҷ таърихе чунин эъҷоз то ҳоло надид!
Ин садои ғолибият бар ҳама дунъё расид...

## БА ҲАЛОКШУДАГОН

Кураи арз зери пои ман аст,
Зиндагӣ карда, шеър мехонам,
Лек дар лавҳи хотирам биншаст,
То абад ёди неки ёронам.

Як ба як номашон нагӯям ҳам,
Ҳама наздиктар зи хешонам,
На аз он зинда мондаам оё,
Ки ба майдон шуда ҳалок онҳо?

Сатри ҳузновари таронаи ман,
Нафратангезу носазо мебуд,
З-он ки пирӣ гирифта аз доман,
Балки наздик лаҳзаи падруд.

Балки кайҳо ҳалок мегаштам,
Байни тӯфону дуду оташи ҷанг,
Ё ки дар Уфа хок мегаштам
Ё даруни Сиваш ба ҳолати танг.

Шуд дар он ҷо ҳалок ҳамсолам,
Гар намебуд он рафиқи ба ҳуш,
Тира мебуд бахту иқболам,
Ҳам намекард модарам оғӯш.

Тири сӯзони душмани ғаддор,
Зиндагӣ менамуд бар ман тор.
Лек не ман шудам ҳалок он ҷо,
Киситода муҷассаме ҳоло.

Мамлакат чеғ зад зи нав дар ҷанг
Роҳи сарбоз ҳаст дуру дароз.
Бомба хезонда то ба гардун чанг,
Роҳҳо хӯрда гашта аз даву тоз.

Дидаам маргро ба чашмонам,
Аз паи бомба мебаромад дуд,
Бӯи тафсони сурбу оҳан буд,
Монда дар ёд, ҳаст то ҷонам.

Дар ҷадал роҳи аскари мардон
Сахту мушкилтар аз раҳи ман буд.
Ҳадафи тир Черняковский шуд,
На ман, ӯ шуд ҳалок дар майдон.

Ман на, балки Олег Кошевой
Ғарқи хун, нимзиндаву урьён,
Тоб овардаву нагуфта вой,
Бар азобу ҷафои ҷаллодон.

Як ба як номашон нагӯям ҳам,
Ҳама наздиктар зи хешонам,
На аз он зинда мондаам, оё
Ки ба майдон шуда ҳалок онҳо?

Ман аз онҳо ҳамеша миннатдор,
На фақат ин таронаву ашъор.
Балки бошад ҳаёти ман шоён
Ба вафоти далер сарбозон.

## ПАЙМОН КАРДААМ

Баҳри ҳифзат, дилбаро, ман аҳду паймон кардаам.
Истилогарро аз ин кишвар гурезон кардаам.

Аз ҳамон рӯзе, ки фармонат гирифтам то кунун,
Даста-даста хасмро маҷрӯҳу беҷон кардаам.

Дар дабистони муҳаббат хондаам дарси вафо,
Ишқи покатро чу дил дар сина пинҳон кардаам.

Кай диҳам бар душманонат фурсат андар корзор,
Хуни онҳоро, ки ман ҷорӣ ба майдон кардаам.

Содиқам дар ваъда, то ҷон дар бадан бошад маро,
Ҷону танро ман фидои роҳи ҷонон кардаам.

Гар шавам қурбон бароят ин шараф бошад маро,
То бидонад ҳар касе иҷрои паймон кардаам.

## СУРУДИ ҶАВОНӢ

Мо ленинӣ ҷавонон,
Боғайрату устувор,
Бар ҷавонони ҷаҳон
Ҳомиему мададгор.

Дар ҳифзи сулҳу адолат
Кӯшем, то доимо
Инсоният босаодат
Бошаду сулҳ бобақо.

Мақсуд, ки ҳар як одам
Хурсанд бошад аз зиндагӣ,
Мазлумони рӯи олам
Раҳо шаванд аз бандагӣ.

Эй, навҷавонони дуньё,
Як ҷону дил шавед!
Бар зидди ҷанг, кори сулҳро
Дар ҳар куҷо пеш баред!

## МУЛКИ АЪЗАМИ МО

Макони бахту шараф,
Адлу сулҳ дар дуньё,
Макони сидқу муҳаббат,
Макони аҳду вафо
Бувад ягонаву ҷовид
Мулки аъзами мо.

Ҳамеша партави адлат,
Ватан, бувад рахшон,
Чу нури шамси мунаввар
Ба рӯи халқи ҷаҳон.

Мудом меҳри ту дар мо
Баҳор унвон аст,
Мудом ишқи ту дар дил
Баробари ҷон аст.
Тамоми насли далерат
Бааҳду паймон аст.

Ҳамеша партави адлат
Ватан, бувад рахшон,
Ба нури шамси мунаввар,
Ба рӯи халқи ҷаҳон.

Зи туст машъали озодӣ
Раҳнамои башар.
Зи туст хоки ситам
Ҳар куҷост зеру забар.
Зи ту шавад ба ҷаҳон,
Баъди шоми тира саҳар.

Ҳамеша партави адлат
Ватан бувад рахшон
Чу нури шамси мунаввар
Ба рӯи халқи ҷаҳон.

Умеду такьягоҳӣ
Баҳри халқи дуньё ту,
Азизу мӯътабару
Ғолиби тавоно ту,
Макони бошарафи
Доҳиёни доно ту.

Ҳамеша партави адлат,
Ватан, бувад рахшон
Чу нури шамси мунаввар
Ба рӯи халқи ҷаҳон.

## МОСКВА

Барои ҳифзат,
эй шаҳри азизам, Маскави аъзам,
Мусаллаҳ дар сафи насли далерат ман шудам ҳозир.
Дар он рӯзе, ки душман хост орад бар сари мо ғам,
Чу абри тира гирад пеши рӯи шамси оламгир.

Туро торик,
нооро̄м, дар он лаҳза дидам ман,
Ғазаб афзуну ҳисси интиқомам мешуд афзунтар,
Қавӣ дил, бозувон нурзӯр мешуд, теғ бурротар,
Надонистем мо ҳаргиз дарег он рӯз ҷону тан.

Дар он соат хати ҳифзи ту аз дилҳо гузар мекард,
Ту, Маскав,
он замон чун қалъаи пӯлод гардидӣ,
Ба умеди зафар халқи ҷаҳон сӯят назар мекард,
Сарафрозона аз халқи далерат шод гардидӣ.

Ба як мазмуну бо чандин забон ин сатрҳоро мо.
«Ватан, бархез, зидди ҷанги даҳшатноки марговар!»
Ҳамехондем,
якдил ҳамла мекардем бар аъдо,
Барои доҳии маҳбуб, баҳри ҳифзи ин кишвар.

Ҳамон соле,
ки баста нақш андар лавҳаи хотир,
Тамоми мардуми меҳнаткаши сар то сари дуньё,
Нафас аз ин ҳавои беғуборат ҳар ҷавону пир
Гирифта, эътиқоди тоза мешуд ҷой дар дилҳо.

Тракторҳо ба саҳроҳои меҳнат дар садо буданд,
Урал бо қувваи бемисл асбоби зафар медод.
Барои он ки сӯзад, маҳв гардад лашкари бедод,
Ҳама дар ҳифзи ту дар кӯшишу аҳду вафо буданд.

Бишуд рӯзе, ки байни дуду оташ чун шафақ гулгун
Ливои фатҳи мо бар боми Берлин ҷилвагар гардид.
Ба хоки тира яксон гашт қасди душманони дун,
Ба дуньё лашкари машҳури мо машҳуртар гардид.

На танҳо шаҳри Берлин аз ливои мо мунаввар шуд,
Ба ҳар як кишваре урдуи ленинӣ бишуд ворид.
Умеду орзую мақсади дилҳо муяссар шуд,
Ки гӯӣ бар сари ҳар хона нури адл меборид.

Зафар чандон ҳамешуд бар забони дӯстон такрор,
Равон бо ашки шодӣ марду зан бо чеҳраи хандон,
Ҷаҳон шуд бар забардастии авлоди Ленин иқрор,
Намудам ёд ман номи зафар бо тоҷикӣ чандон.

Ба сӯят, Маскави аъзам, макони бахту озодӣ,
Зафармандона баргаштем аз ҷанги ҷаҳон он дам,
Бишуд помол зери пои мо байроқи бедодӣ,
Қадаҳ бардошт баҳри ҳар яки мо доҳии аъзам.

Дар он дам баҳри ҳифзат омадам дар каф камону тир,
Ки то душман намонад пои ифлосаш ба гулзорат,
Кунун назди ту бо шеър омадам — бо шеър ҳам фохир,
Тамошо деҳ маро ҳар як бинову қасру деворат.

Ҳамеша мисли халқи хеш фотеҳ мону ҷовидон,
Ҳамеша мисли гул бишкуфтаву нашъунамо бинмо.
Ту, Маскав, ҳамчу ҷон ҳастӣ муқаддас бар тани моён,
Туӣ, Маскав, ҳамеша маркази осоиши дуньё!

# МУЖДАҲО АЗ ДӮСТИИ БАРДАВОМ ОВАРДАЕМ



## ХУШ ОМАДЕД

Саломи пур зи вафову муҳаббат аз дилу ҷон,
Ба дӯстони абадмеҳрубону меҳрафрӯз!
Хуш омадед,
ташаккур, азиз меҳмонон,
Ба рӯзи тантанаи иди тоҷикон имрӯз!

Салому табрики худро ба иштироки шумо,
Ба халқи руси муаззам ҳамефиристонем.
К-аз ӯст ин ҳама хушбахтиҳо барои мо.
Варо киромитар аз ҷони хештан донем.

Шараф ба шӯҳрати байроқи фотеҳи кишвар,
Ки аз шарофати ӯ шуд ҳаёти мо масрур!
Шараф ба Маскави аъзам — умеди навъи башар,
Чу шамси бахт фишонад ба рӯи моён нур!

Ҳамеша ин ки мадад дар ривоҷу шаъни диёр,
Зи дасти руси шарафманд мерасад бар мо.
Замона фахр кунад з-ин бародари саркор,
Ҳамеша чун тану ҷон мо аз ӯву ӯ аз мо.

Ба даври Ленини аъзам — чароғи асру замон,
Зи Шарқу Ғарбу Шимолу Ҷануб то Амрик.

Расад ба гӯши ҳама мардумони рӯи ҷаҳон,
Саломи мӯҳташами Гимни Давлати Тоҷик.

Садои фабрикаи шаҳри Ленинободам,
Фиканда ларза ба дилҳои душманони замон.
Ливои бозафари халқи ленинавлодам
Фиканда нур ба дуньё зи рӯи Боми Ҷаҳон.

Расида олиму фозил, адибу санъаткор,
Зи байни халқи сарафрозу хурраму озод,
Ки номи ҳар якешон обрӯст баҳри диёр,
Чу зебу шӯҳрати ободиҳои нав-эҷод.

Чароғи ильичӣ дар водиҳои кӯҳистон,
Ба шӯъла хира намуд шӯҳрати моҳу парвин,
Ба нафъи халқ шуда ҳосили замину замон,
Чунин бувад ҳунари халқи номдору матин.

На Вахши пештар аз ин, дигар шуда имрӯз,
Макони ҳосили арзанда чун зару гавҳар,
Ҳаёт дода ба ӯ ном — Вахши дил-афрӯз,
Чу шуд зи техникаи тоза нозанинманзар.

Расид давлати тоҷик чу андар ин бист сол
Зи меҳру дӯстии халқҳою илми Ленин
Ба авҷи қуллаи бахту шараф, ба авҷи камол,
Асоси инчунин иди муборак аст ҳамин!

## БА ДӮСТИ МАСКОВИЯМ

Моҳи май, рӯзи ид дар Варзоб,
Менишастем ҷамъе аз ёрон.
Оби дарьё зи назди мо ба шитоб
Даргузар буд шӯху мавҷзанон.

Об не,
　　　балки ҳамчу шарраи шир
Аз дили кӯҳсор гашта равон,
Кафкҳо рӯи ӯ ба мисли панир,
Гоҳ пинҳон шаванду гоҳ аён.

Аз сари кӯҳсор то доман
Боғҳо гашта сар ба сар гулпӯш,
Кас гумон мекунад, ки боғу чаман
Деҳаҳоро гирифта дар оғӯш.

Гоҳ болои қуллаҳои баланд
Абрҳо мешаванд дуррафшон,
Гоҳ бар рӯи теғаҳо чу каманд
Менамояд аҷиб тирукамон.

Гоҳ овози кабкҳо аз дур
Завқ-оранда мерасад бар гӯш,

Булбулон ҳам шуда ба онҳо ҷӯр,
Дили касро биёваранд ба ҷӯш.

Аз дили дарраҳои ноҳамвор
Чашмаҳо ҳамчу сим софу сафед
Мефароянд сӯи киштукор,
Мисли алмос дар дами хуршед.

Турнаҳо зери осмони кабуд
Рӯ ба мо мешуданд пасту баланд.
Гуфт он гаҳ рафиқи ман хушнуд:
— «Халқ имсол ҳам шавад хурсанд!

Аз кӯҳан байни халқи кӯҳистон
Мондааст ин мақол то акнун:
— Турнаҳо бигзаранд бозикунон,
Ҳосили кишт мешавад афзун».

Қувваи халқи большевикавлод
Аз дили хок мебарорад зар.
Гашта аст ин макон чунин обод
Офаринҳо ба зӯри аҳли ҳунар!

Ёд дорам гузаштаи ин ҷо:
Буд як кӯҳсори пур зи хатар.
Рӯзи равшан аз ин макон ҳатто
Кас зи бимаш наменамуд гузар.

Мана, акнун зи соҳили дарьё,
Байни кӯҳсору ағбаҳои он,—
Роҳи мошин кашида то Мастчоҳ,
Рафтуо халқ мекунад осон.

Мекунад чун кабӯтарон парвоз
Синаи абрҳо бурида машин,

ГЭС-и Варзоб медиҳад овоз:
— Ин ҳама мӯъҷизоти халқи Ленин!

Шаб аз ин ҷо агар кунед нигоҳ,
Аз сари кӯҳ сӯи шаҳри Ҳисор.
Шӯъла резанд чун ситораю моҳ
Лампаҳои ильичӣ пур-анвор.

Ин пагоҳӣ зи нури байрақҳо
Маскави мӯҳташам шавад гулгун,
Саф зада халқи маркази дуньё,
Меравад бар саломи меҳри коммун.

Ёд дорам, бародари дилсӯз,
Чун муаллим миёни оташу тир,
Ёд додӣ маро ҳунар он рӯз,
Ки намоем душманонро қир.

Ҷанг кайҳо тамом шуд, кайҳо,
Ҳарду дар хизмати Ватан акнун,
Кор мо мекунем дар як ҷо,—
Дар бинокории бузурги коммун.

Оби Варзоб меравад пурҷӯш,
Ҷомҳо пур зи бода, бо ёрон,
Маскавӣ, мекунем баҳри ту нӯш,
Баҳри Маскав — умеди халқи ҷаҳон!

Ту ҳам он рӯзи ид, дар Маскав
Ҳамраҳи дӯстони содиқу нек,
Ҳар гаҳе ки кушоӣ шишаи нав,
Ёд ор аз бародарат — тоҷик!

Ман бидонам дили бузургатро
Соф, монанди чашмаи Помир,

Нест ҳаргиз ҷудой байни мо,
Абадӣ мо шудем ҳамтақдир!

Шуда исбот назди халқи ҷаҳон
Қувваи дӯстии байни мо,
Қувваи дӯстии ҷовидон,
Меҳри ибрат ба дидаи дунъё.

## БА ДЎСТОНИ ЎЗБЕК

Зи номи ёру бародар, зи хоҳару модар,
Зи меҳри дидаву дил, ҳам ба ҳукми сидқу вафо,
Пур аз ҳарорату гармӣ чу нури шамси саҳар
Саломи шўълавар овардаем баҳри шумо.
Аз он даме ки ба ҳам ҷўр шуд суруду соз,
Аз он даме, ки Зарафшон равона шуд бо Сир,
Аз он дақиқа ба ҳам ин ду халқ маҳрами роз,
Аз он дақиқа ба ҳам гаштаанд ҳамтақдир.
Ба асрҳову замонҳо ҳамеша бо ҳам мо,
Шарики шодиву андўҳи умри якдигарем.
Ҷудой ҳеҷ наафтад миёни мову шумо,
Чаро ки зодаи як модарему як падарем.
Ҳамеша рўи шумо ҷилвагар бувад ба назар
Ба дўстони киромӣ даме, ки биншинем.
Миёни нури зарандуди офтоби саҳар,
Ба рўи Боми Ҷаҳон акси рўятон бинем.
Ба хонадони Советӣ кабиру беҳамто
Агарчи узви баробарҳуқуқу ҷумла якем,
Чи хуш бигуфт яке дўсти қаламкаши мо,
Ки байни ин ҳама мову шумо чу экизакем!

## ХЕШОВАНДОН

Фарқи ҳама мардумони дигар осон,
Лекин шуда мо ба ҳам чунон ҳам наздик,
Бинанда чунин савол орад ба миён:
— Эй ҷўра, бигў, ту ўзбекӣ ё тоҷик?

## БА БАРОДАРОНИ ҚАЗОҚ

Ду бародар рӯ ба рӯ гардид дар Алма-Ато,
Ду баҳоробод республикаи соҳибзафар.
Ҳамдигарро карда табрику муборакбодҳо,
Мерасонанд аз суруди хеш якдигар хабар!

Бар дили ҳарду дурахшон гашта, ҳамчу офтоб,
Ордени Ленин — нишони фатҳи беҳамтои мо!
Асрҳо монад суруди мардумони комьёб,
Шӯху пурҷӯшу мусаффо мисли рӯду чашмаҳо.

Посбони сулҳ ҳастӣ, халқи қудратноки ман!
Ин ҳама бахту саодат аз ривоҷи кори туст.
Рӯзу шабҳо дар тамоми вусъатободи Ватан,
Паҳн мегардад суруди мо,
ки доим ёри туст.

Паҳлавони номдорӣ, корҳоят беназир,
Шаҳру деҳ обод шуд аз қудрати дастони ту,
Кишвари мо аз ту шуд навъи башарро дастгир,
Орзуи оламе шуд толеи тобони ту!

Сарзамини ин ду республикаи фирӯзу шод,
Дар баҳористони Ленин шуд саросар файзбор.

Меҳри рӯзафзун фурӯзад дӯстиро умрбод,
Мо ба ҳам пайванд мебошем чун хешу табор.

Халқ мефахрад зи сарватҳои бепоёни хеш,
К-офарида меҳнати шоистааш дар рӯзгор.
Халқ мефахрад зи шаҳру деҳаи пуршони хеш,
Ҳам зи боғу бӯстонҳои қатор андар қатор.

Ҳам зи мошинҳои пурбори равон бар ҳар тараф,
Ҳам зи саҳрои васеу қуллаҳои барфпӯш.
Ҳам зи маҷрои нави дарьёю рӯди пур зи каф,
Ҳам зи ГЭС-и нурпошу баҳрҳои пурхурӯш.

Ҳам зи майдонҳои пахта, боғҳои шаҳдрез,
Ҳам зи гандумзорҳои нав ба саҳроҳои нав...
Ҳам зи қадру қимати инсон, ки мебошад азиз,
Қудрати ӯ ҳаст бар амнияти дуньё гарав.

Мавҷи заррин, мавҷи симин мебарад чашмони кас,
Гашта гандумзорҳову пахтазорон дилрабо,
Бидравад комбайнрон гандум ба сад ишқу ҳавас,
Аз машини пахтачинӣ бар ҳаво печад садо.

Водии зархезро бингар, ки чун баҳри садаф,
Мезанад мавҷу ба дилҳо медиҳад завқу сурур,
Мавҷи гандумзорҳо аз ин тараф то он тараф,
Ҷилвагар гардида зери офтоби пур зи нур.

Месароям ман ба васфи дашту саҳрои қазоқ,
Месароям ман ба васфи дӯстони бахтьёр,
Ман зи номи тоҷикони некному вақтчоқ,
Бар шумо гӯям муборакбодҳо боифтихор!

Дӯстон, бингар, ки давлат сарбаландат кардааст!
Дӯстон ба шавқ мегӯянд дар васфат сухан!

Партия фархундаву оламписандат кардааст!
Ордени Ленин туро зебанда дар ин анҷуман!

Халқҳои мамлакат имрӯз табрикат кунанд,
Дар қатори русу қирғизу тотору украин,
Ҳурмату таҳсин бародарҳои тоҷикат кунанд,
Иди бахту ғолибии туст дар ин сарзамин.

Шоири тоҷик дар назм оварад номи туро,
Эй Қазоқистон, шуда шаъну шукӯҳат достон!
Акси Ленин бар дили ту медурахшад доимо,
Эътиборат гашта дар даврони Ленин ҷовидон.

Шуд зи хуршеди саҳар байроқи Ленин ҷилвагар
Ҳам ба болои Алатав — қуллаи партавфишон,
Ҳам ба рӯи қуллаи Помир ҳамсар бо қамар,
Дӯстии халқҳои мост ибрат дар ҷаҳон.

## ХОТИРАИ МАЯКОВСКИЙ

Солҳо бигзаранд аз паи ҳам,
Ҷои ҳар чизи кӯҳна нав ояд.
Дасти меҳнат ба сафҳаи олам
Вараҷи тоза-тоза бикшояд.

Ҷовидон номи он хирадмандест,
Ки ҳақиқат асоси маслаки ӯст.
Халқро ӯ азиз фарзандест,
Беҳтар аз ин шараф чӣ бошад, дӯст!

Инчунин баргузидагони халқ
Дар замонҳои гузашта, бисьёранд.
Номашон зинда дар забони халқ
Асрҳо умри ҷовидон доранд.

Он ки дар роҳи бахти халқи хеш
Меҳнат аз сидқи дил накарда, агар
Нафъи худро зи халқ донад беш,
Буданаш чӣ,
набуданаш беҳтар.

Сарвати беҳтарини дуньё чист?
Одамӣ — гуфт, раҳнамои башар,

Пас ҳама сарвати ҷаҳон аз кист?
З-они одам, насиби дасти ҳунар.

Самари дасти меҳнат акнун бин,
Андар ин шашьяки ҷаҳон барпост.
З-они халқ аст мулку обу замин,
Мана,
ин зиндагонӣ дар дуньёст.

Бар чунин қуллаи баланди мурод
То расидан на саҳлу осон аст,
Нав ҷаҳоне чунин шавад ободд,
Фақат ин кори большевикон аст.

Дар сари ҳар ваҷаб замини Ватан,
Шоми торикро саҳар кардем,
Ҷанг бинмуда зидди ҳар душман,
Дода қурбониҳо зафар кардем.

Маънии зиндагонӣ дар дуньё
Дар ҳамин ҳарфҳо шуда тақрир,
СССР — бахту адлу ишқу вафо,
Карда онро Ленини мо таъмир.

Ту,
ки эй шоири бузурги замон,
Баҳри хушбахтии тамоми башар,
Ҳамраҳи халқ дар бинои он
Мондаӣ хишти пухтае зи гуҳар.

Наслҳо асрҳои дурудароз
Нафақат ҳамчу шоират хонанд,
Балки чун як муборизи мумтоз,
Солдати коммунизмат донанд.

Вақти ҷангу ҷидол дар майдон,
Шеърро ҳамчу бомба,
тӯпу
тир,
Задӣ бар фарқи душманони замон,
Шоири боматонату моҳир.

Номи неки ту ифтихори мост,
Чунки ҳамчун ҳаёт рафтӣ пеш,
Ҳар қадар давр нозад аз ту равост,
Лоиқи давр мондӣ саҳми хеш.

Аз сари сидқ илми Ленинро
Карда аз бар ту, нозими қодир,
Зиндагонии даври зарринро,
Пешбинона кардаӣ тасвир.

Гуфта будӣ: ба бешаҳои Сибирь
Шаҳрҳои наве шавад бунъёд,
Ин ҳақиқат
чунин бишуд, ҳозир,
Вахши тоҷик ҳам шуда ободӣ.

Навҷавонони Вахш, ҳам Помир
Шодмон мераванд мактабу кор,
Номи ту дар забонашон, шоир,
Босадоқат ҳамешавад такрор.

Гуфта будӣ, ки шеър дар майдон
Зидди душман шавад чу теғу туфанг,
Мо намудем зидди фошистон,
Шеърро чун яроқи тези ҷанг.

Гуфта будӣ, ки дар Политбюро,
Доҳӣ худ
нутқ мекунад эрод —

Дар ҳақи шеърҳою санъати мо.
Шуд чунин.
Офарин!
Туро устод.

Чун ту бахшида қувваи худро,
Дар раҳи бахту нафъи халқи хеш,
Баҳри озодии ҳама дунъё
Сӯи коммун равонаем ба пеш.

## МАРҲАБО

Нури дида, тоҷи сар, эй меҳмонон, марҳабо,
Бар диёри файзбори Тоҷикистон, марҳабо.

Аз гулу себарга пояндозҳо густурдаем,
Хайра мақдам бо насими навбаҳорон, марҳабо.

Хонаи дил аз қудуми дӯстон ёбад сафо,
Дӯстон, бар хонаи ёру рафиқон, марҳабо.

Равнақи меҳру муҳаббат сулҳу амният бувад,
Сулҳпарвар хоҳарон аз мулки Эрон, марҳабо.

## ВАСФИ ДӮСТӢ

Мо ба назди халқи шӯҳратманди афғон омадем,
Бо дили пур аз фараҳ, аз Тоҷикистон омадем.
Аз барои дидани дидори ёрон омадем,
Бо суруди дӯстӣ аз қалби ҷӯшон омадем.

Бар шумо аз мардуми шӯро салом овардаем,
Муждаҳо аз дӯстии бардавом овардаем.

Омадем аз баҳри дидан дӯстони хешро,
Дӯстони қадрдону ҳамзабони хешро,
Бовафою босафо ҳамсоягони хешро,
То кунем изҳор меҳри бекарони хешро.

Бар шумо аз мардуми шӯро салом овардаем,
Муждаҳо аз дӯстии бардавом овардаем.

Мо ба ҷону дил ба ҳифзи сулҳ имзо мекунем,
Сулҳро дар байни мардум равнақафзо мекунем,
Байрақи сулҳи ҷаҳонро боз боло мекунем,
Дӯстиро бо шумо машҳури дунё мекунем.

Бар шумо аз мардуми шӯро салом овардаем,
Муждаҳо аз дӯстии бардавом овардаем.

Чун шавад боди баҳорон, гул табассум мекунад,
Булбул аз шавқу сурури дил тараннум мекунад,
Табъ меболад, даме тӯтӣ такаллум мекунад,
Ин ҳама сулҳу амониро таҷассум мекунад.

Бар шумо аз мардуми шӯро салом овардаем,
Муждаҳо аз дӯстии бардавом овардаем.

## БАҚО ГИРИФТ

Рӯзе паёми сулҳ дар Эрон фазо гирифт,
Дилҳои мо зи Меҳри Мунира сафо гирифт.
Ин шӯълаи умед, ки дидем, Лӯъбатест,
Ҳай-ҳай, чӣ Лӯъбатест, ки бар дида ҷо гирифт
Фасли баҳор сӯи чаман ишқ раҳнамост.
Қурбони он диле, ки чунин Раҳнамо гирифт.
Бар мо Азиз аз ҳама иқдоми дӯстӣ
К-аз чашми Иффат он дили моро зиё гирифт.
Умеди банда он, ки расад сӯи Шодмон:
Боқӣ ба роҳи сулҳ бирафту бақо гирифт.

## МЕҲМОН ОМАДЕМ

Мо зи хоки Шӯравӣ — аз Тоҷикистон омадем,
Назди ёрони киромулқадр меҳмон омадем.
Дил пур аз меҳру муҳаббат чеҳрахандон омадем,
Чун насими субҳ дар гулбоғи афғон омадем.

То ки бо фармони дил орем дар силки баён,
Ҷашни истиқлолатон бодо муборак, дӯстон!

Дӯстии мо ҳазорон сол дорад эътибор,
Санҷиши садҳо ҷиҳат ӯро намуда барқарор,
Дил ба дил раҳ ёфта бо гардиши ин рӯзгор,
З-ин сабаб ҳам омада имрӯз мо бо ифтихор.

То ки бо фармони дил орем дар силки баён,
Ҷашни истиқлолатон бодо муборак, дӯстон!

Меҳри истиқбол дилҳоро мунаввар мекунад,
Дӯстии дӯстонро ширу шакар мекунад,
Мулкро пурнозу неъмат, хокро зар мекунад,
Кӯдакон осудаю лабханд модар мекунад.

Дӯстиро карда ифшо, як шуда дил бо забон,
Ҷашни истиқлолатон бодо муборак, дӯстон!

Бар шумо аз мардуми Шӯро салом овардаем,
Аз сари ихлосу меҳри бардавом овардаем,
Як ҷаҳон сидқу вафову эҳтиром овардаем.
Аҳли санъатро ба эъзози тамом овардаем.

То ки бо фармони дил орем дар силки баён,
Ҷашни истиқлолатон бодо муборак, дӯстон!

## БА ДӮСТАМ

Қалам гирифта, рафиқи азиз,
бо дили шод,
Навишта номаи иди туро кунам табрик!
Самимии дили поки ту доимам дар ёд,
Туй ба мисли дилам доимо ба ман наздик.

Гумон мабар, ки туро дур монам аз хотир,
Чунин хаёл бувад дар миёни мо ботил.
Ҳамеша пеши назар ман бидонамат ҳозир,
Намуда меҳри ту дар ҷисму қалби ман манзил.

Ту он муҳандиси моҳир, ки зиндагиамро,
Зи сидқу бахту саодат намудаӣ аз ёд.
Ба ман ҳам ин ки намудӣ ту роҳи нашъунамо,
Ба ман ҳам ин ки туӣ беҳтар аз падар, устод.

Даме зи кишвари тоҷик ман сафар кардам,
Ба сӯи Ғарб паи дафъи душмани манфур,
Ба қувваҳои советии мо назар кардам,
Ба фатҳ боварӣ ҳосил намуда гаштам зӯр.

Диловариву далерӣ даруни оташу хун
Ҳамеша назди ман истода ёд додӣ маро,

Чӣ сон муҳаббати ту мекунам зи дил берун,
На, ҳеҷ қувва насозад ҷудоӣ байни мо!

Дили ту соф чу оина, дур аз зангор,
Ҳамеша фикри ту озодии башар бошад.
Тамоми олами инсон зи туст миннатдор,
Ба роҳи бахту шараф ба ту ҳамсафар бошад.

Суботкориву азму иродаи ту матин,
Тамоми халқи ҷаҳон гашта назди ту қоил.
Тамоми ин ҳама хислат турост аз Ленин,
Бидуни шубҳа, намоӣ ту ҳалли ҳар мушкил.

Ба ёд оварам он рӯзро, рафиқи азиз,
Ки дар диёри фараҳбахши ту шудам меҳмон.
Намеравад зи дил он меҳрубоният ҳаргиз,
Ҳалол бод туро иззу шаъну ҳурмату шон.

Ба замми ин ҳама хислат, ки бар ту дидам ман,
Шикастанафсию инсоннавозу ғамхорӣ.
Зи ғайратат Ватанам шуд ба даҳр шӯҳрафикан,
Рафиқи ҷонӣ, дар ин олами вафодорӣ.

Вафою меҳри ту исбот бар кабирии туст,
Ҳамеша фахр кунам, чун ту ёваре дорам.
Дили бузургу қавӣ шоҳиди далерии туст,
Хушам, ки ҳамчу ту оқил бародаре дорам.

Ба рӯзи иди Май, эй дӯст, бо рафиқон, ман
Шароб рехта дар ҷомҳо ба шаҳри гулобод
Барои меҳри туву баҳри дӯстони Ватан,
Гирифта нӯш намудем ҷумла бо дили шод.

## ДАР НАЗДИ АРЧА

Абр чун пардаи ҳарири сафед,
Осмонро гирифта сар то сар,
Лек аз пушти парда метобид
Шӯълаи маҳ ба дашту кӯҳу камар.

Барф монанди нури маҳ ҳар сӯ
Аз ҳаво,
зарра-зарра мерезад,
Гӯиё осмон ба рӯи замин
Андар ин шаб ситора мебезад.

Шохаҳои дарахти ҳавлии мо,
Гашта мисли ҳамели нуқра ба тоб,
Байни онҳо чароғи ильичист,
Чун даруни булӯри соф шиҳоб.

Буд ин шаб аҷаб фараҳафзо,
Равшан аз барфу моҳтобу чароғ,
Ҳама ҷо сап-сафед мисли шир,
Тирагӣ дар фирор гашта чу зоғ.

Духтарам бо шитоб аз хона
Шуд бурун шод, баҳри он боид,

Ки дар ин шаб ба сӯи хонаи мо,
Зуд «Бобои барфӣ» меояд.

Баъд аз як дақиқа, гуфт: — «Биё,
Дадаҷон, бин ки мошини Хуршед
Пеши дар истодааст ором,
Мисли «Бобои барфӣ» гашта сафед.

Балки «Бобои барфӣ» омадааст,
Назди мо меҳмон ба ин мошин!
Ҳозир ӯ рафта пеши Сайёра?
Сонӣ ояд ба назди мо, мумкин!»

Доманаш пур зи барф кард, омад
Гуфт: — «Инро ба шохи арча бимон,
Баъд аз он дар хусуси арчаи ман,
Дадаҷонам, ту шеъри нағзе хон!»

Гуфтамаш: — «Сабр кун, Дилафрӯзам,
Ҳам ба дил қувва, нури чашмонам!
Ҷустуҷӯ карда шеъри нағзеро
Ёфта, аз барои ту хонам».

Кофтам, ёфтам китоберо,
Во намудам китобро ман зуд,
Меҳрубон дӯсти самимона,
Аз бароям чунин навишта буд:

— «Ба Раҳимзода, шоири тоҷик,
Ба рафиқи азизу додари ман,
Ёдгории ҷовидон монад
Меҳри Боқӣ ба қалби софи Иван».

Ин суханҳои пурҳарорати ӯ
Як ҷаҳон меҳрро ба дил андохт.

Номи неки Иван Неходаи дӯст,
Шодиамро дучанд афзун сохт.

Хонаам гӯиё дар ин лаҳза,
Пур шуд аз меҳри беканори Ватан.
Дӯстӣ дар ҳаёти ман як умр,
Шуда пайваста бо Нехода Иван.

— «Духтарам!
«Ин китоб тӯҳфа бувад,
Тӯҳфаи дӯстиву сидқу сафо,
Шоири украин — бародари ман,
Ҳадья кардаст баҳри мо онро.

Гӯш кун, ҷони ман, Дилафрӯзам,
Ҳам ба дил қувва, нури чашмонам
З-ин китоби Иван Нехода амак,
Баҳри ту шеъри арчаро хонам...»

«Арча ҳам, боғ ҳам баҳори шумост!
Он шафақро, ки шӯълавар гардид.
Дили мо гарм гашта аз нураш,
Бачагон, умрбод васф кунед!»

## ЭЪҶОЗ

Оташ вабона мезанад аз баҳри сӯхтор,
То ки ба ҳар куҷо бирасад сӯзаду равад,
Хокистараст ҳосилаш биншаста чун ғубор,
Дар лаҳзае зи мадди назар дур мешавад.

Эъҷозро бубин, ки шарарҳои озарӣ
Афрӯхтанд дар дили мо шӯълаҳо зиёд.
Шуд ҳосилаш рафоқату меҳру бародарӣ
Дар лавҳи дил чу нақш бимонад абад ба ёд.

## РАФИҚ

Насими субҳи баҳор аз дили бузурги Ватан
Расонд мужда ба ман ҳамчу қосиди мумтоз,
Зи шавқ нағмасаро шуд, чу булбулон дили ман,
Ба тори мутриби моҳир бигашт ҳамовоз.

Хушо, ки табъи ҷавонӣ аз ин хабар шуд шод,
Қалам гирифта намудам суруру меҳр баён:
Рафиқи мӯҳтарамам, ин шараф муборак бод,
Кушодӣ дар асарат боби нав зи Ҳиндустон!

## ДӮСТАМ МИРЗО!

Қадам мондӣ ба панҷоҳи муборак — синни ҷанговар,
Ки дар авҷи шукуфти зиндагонӣ гашта сар то по,
Ки бинмоянд ахтарҳо ба мо наздику рахшонтар,
Ҷиболу қуллаҳо сархамтару кӯтоҳтар роҳҳо.

Дар ин син хӯшаи афкору эҳсоси қадимиро
Ба ҷунбиш оварад ақлу хирад чун боди нируманд,
Дар ин син қувваи парвози назми поки рӯҳафзо
Дили касро ба мисли муждагонӣ мекунад хурсанд.

Фузунтар аз ҳама табрикҳои гарму ҷӯшон ҳам,
Бувад маҷмӯи инсондӯстии назми олишон,
Чиҳо дидему аз сар бигзаронидем, эй ҳамдам,
Чӣ роҳҳоро бипаймудем баҳри толеи инсон.

Дилам хоҳад, ки андар солҳои неки оянда,
Ҷавобе бар садои вақт дода возеҳу бурро.
Ба нав-нав халқҳову раъду барқу кӯҳи поянда,
Бихонӣ сатрҳои дилрабои хешро, Мирзо!

Дилам хоҳад ҳамеша печутоби роҳи дуродур,
Ки асло ҳам намедонад хамӯшиву фароғатро.
Ба оғози дили мо то абад бигзор бошад ҷӯр,
Тавоно қувваи парвози назми поки рӯҳафзо.

## БА 50-СОЛАГИИ ДӮСТАМ А. ДЕҲОТӢ

Ана, панҷоҳ шуд солам,
Намепурсӣ зи аҳволам,
Ба ёдат то ба кай нолам?
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Нишонам нахли бисьёре
Ба гулбоғи вафодорӣ,
Шукуфта гул хабар дорӣ?
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Сияҳчашмак зи дарвозӣ,
Диламро бурда бо бозӣ,
Агар хоҳӣ шавам розӣ,
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Қаламро гаҳ асо кардам,
Ба роҳат ман вафо кардам
Напурсидӣ, чиҳо кардам,
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Наранҷонам, макун ҷангам,
Ту медонӣ, ки дилтангам,
Уф-ф-фу. Охир бубин рангам,
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Туро аз Ҳинд овардам,
Ба хоки худ фаровардам,
Ба саҳна ман баровардам,
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Ба ёдат боғбон гаштам,
Луғатчӣ, тарҷумон гаштам,
Чизе гуфтӣ, чунон гаштам,
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

Деҳотӣ, дар вафо тоқам,
Ба дидори ту муштоқам,
Ҷафо бас бар сари қоқам,
Ту ҳам ёде бикун аз ман.

## КОР ДОРАД МИРШАКАР

Дасту бозуи тахамтанвор дорад Миршакар,
Панҷаи панҷоҳро ночор дорад Миршакар.
Гарчӣ бошад назди ӯ Помиру Маскав як қадам,
То дусад, бе гуфтугӯ,
рафтор дорад Миршакар.
Қомати ӯро нигар, бар авҷи гардун мерасад,
Хам шуда наззора бар кӯҳсор дорад Миршакар.
Лашкари фарзандҳои ӯ наояд дар шумор,
Лашкари наврастаи ҷаррор дорад Миршакар.
Ҳар кадомаш, ки калон шуд,
қаҳрамон ҳам мешавад,
Фатҳи нав дар ҳар сари пайкор дорад Миршакар.
Кӯҳи Помирро ба сӯҳони сухан суфтаст ӯ,
З-ин сабаб «Қишлоқи тиллокор» дорад Миршакар.
«Панҷи пооом»-ро ӯ ром карда,
бингаред,
Ҳиссае дар Вахши шӯҳратьёр дорад Миршакар.
Дар сари Қутби Шимолӣ гаҳ намояд зиндагӣ,
Чунки зӯру табъи оташбор дорад Миршакар.
Дар ҷаҳони ҳазлу шӯхӣ ӯ надорад устухон,
Бо Амину Боқӣ гаҳ-гаҳ кор дорад Миршакар.
Боғи умраш пур шуда аз меваҳои ранг-ранг,
Ҷашни умри неки пуросор дорад Миршакар.

Ҳамрадифи Мирсаиди мо шуда ин рӯзи ид,
Нӯши ҷон кун, ҷоми май саршор дорад Миршакар!
Тӯй гарчанде калон гардад, куҷо парво кунад,
Ҳамчу Мирзо ҷӯраи бисьёр дорад Миршакар.
Рӯзи ҷашни умратон бодо муборак, эй рафиқ!
Боқӣ дар васфи шумо ашъор дорад, Миршакар.

## БА МИРШАКАР

Аз баландии мақоми ҳурматаш пурсӣ агар,
Як далели равшан ояд Боми Дунъё дар назар.
Аз сухансанҷеш пурсӣ чист з-инҳо хубтар?
Миру Миру ҳам Саиду ҳам бародар, ҳам Шакар.

## БА ҶАВОНИ ПАНҶОҲСОЛА М. РАҲИМӢ

Табрику саломи гарму ҷӯшон ба шумо,
Аз номи тамоми навҷавонон ба шумо.
Он рӯз, ки умри мо ба панҷоҳ расид,
Сардории тӯи умри моён ба шумо.

Ашъори шумо бишуд ба ҳам, шуд монолит,
Шуд ин монолит ба зидди душман динамит.
Тарконд асоси шайкаи ҳар паразит,
Аммо дили дӯстро рабуд чун магнит.

Устод, сари саволи ман бикшоед,
Дар илми ҳисоб ҳам шумо доноед,
Ҷуфтаст ду бисту панҷ, яъне панҷоҳ,
То ҳол чаро худи шумо танҳоед?

Бар зиммаатон аванс як тӯи дигар,
Дар охири моҳи май шавад гар, беҳтар.
Он гоҳ ду тӯй дар ҳамин фасли баҳор
Пайваста ба ҳам, аҷаб шавад ширу шакар.

Шогирди шумо ҷавони нозук Боқӣ
Бешубҳа, ба тӯятон шавад ӯ соқӣ.
Даҳ панҷ қасам ба ҳурмати умри шумо,
Дар бодакашӣ намекунад чаттоқӣ.

## БА РАҲИМ ҶАЛИЛ

Омада дар рӯзи тӯят сарфароз
Боқии ғафсу Амини қаддароз,
То ки табрикат зи ҷону дил кунем,
Қувваи нав дар дилат ҳосил кунем.

Эй бародарҷон Раҳим ибни Ҷалил,
Дукарат панҷоҳи дигар, мо кафил,
Кашмакаш карда баремат то ба сад,
Зӯри мо, албатта, бар ин мерасад.

Баъд аз он панҷоҳҳои бешумор,
Медарой, мебарой, ихтиёр.
Умр бину ҷӯш зан, чун оби Сир,
Боқиро ҳам бо худат ҳамроҳ гир.

## БА ВАЛИЗОДА

Эй мӯҳтарам Саидалӣ,
Саидалӣ ибни Валӣ!
Бишнида шасти соли ту,
Халқони мо гуфтанд: «Бале!»

Як вақт будӣ говсавор,
Додат ҳукумат эътибор,
Гаштӣ кунун мошинсавор,
Ҳастӣ ба халқон ифтихор.

Созандаю шоир будӣ,
Ҳам ҳофизи моҳир шудӣ,
Сад соли дигар умр бин,
Эй ҳофизи овозадор.

«Бар ҳукмати мо офарин!»
Будӣ чунон, кардат чунин,
Ин қадру қиматро бубин,
Аз ёд пириро барор!

## ҲАҚИҚАТНИГОР

Эй ҳақиқатнигору марҳами роз,
Ҷашни сисолаат муборак бод.
Мо зи корат ҳамеша сарафроз
Хизматат монда ҷовидон дар ёд

Мисли алмоси пурҷило доим,
Дар раҳи зиндагӣ дурахшонӣ,
Дар адои вазифаат доим,
Омили рӯҳу ақли инсонӣ.

Азму ҷӯшу хурӯши кору ҳунар
Наслҳоро намудаӣ талқин,
З-ин сабаб ёр гашта фатҳу зафар
Ба ҷавонони содиқи Ленин.

Бош буррову ҳам тавонотар
Дар раҳи кашфи фикрҳои матин!
Дар ҳаёти маонии кишвар,
Шӯъла зан, эй ҳақиқати Ленин!

## ТӮҲФАИ ҚИМАТБАҲО

Шӯху бебок баччагон будем,
Дар канори ҳаёт беором.
Ҳар тараф чашмасон равон будем,
Аз сари субҳ то ба охири шом.

Гӯй олам ҳамин деҳи мо буд,
Бехабар аз ҳама ҷаҳон будем,
Шавқу завқи ҳаёт меафзуд,
Дур аз кулфати замон будем.

Аз талу кӯҳ лола мечидем,
Оббозӣ ба чашма мекардем.
Ҳар куҷо ҳезуме,
ки медидем,
Чида онро ба хона мебурдем.

Ҳар чӣ моро зи даст меоянд
Баҳри ёрии хонаводаи худ.
Буда ҳозир ҳамеша баҳри мадад,
Падару модарон зи мо хушнуд.

Хок дар халта мекашонидем
Бар сари теғаҳои пасту баланд,

Мо ниҳолон ҳаменишонидем,
Кишта гандум ба зарби белу каланд.

Қисмати мо, ки сахт мушкил буд,
Даври тифлӣ гузашт мушкилтар.
Вақт мерафту сол меафзуд,
Мешуд идроку ақл комилтар.

Баҳри иқболи нав биҷангидем,
Зиндагии дигар муҳайё шуд.
Зиндагии пур аз сафо дидем,
Бахти мо турфа оламоро шуд.

Ёд дорам: кушода шуд мактаб,
Дар деҳи мо миёни кӯҳсорон,
Мактаби нав расонд бар матлаб,
Дил шуд аз нури маърифат рахшон.

Шодам, он рӯз оядам бар ёд,
Ки чӣ сон ман зи деҳ бурун рафтам,
Субҳидам рухсатам муаллим дод,
Аз дилу ҷон ташаккураш гуфтам.

Баҳри кӯшиш ба роҳи донишу фан,
Баҳри шавқу муҳаббатам ба китоб,
Дод ҳангоми хайрухуш бар ман
Як китоби муқаддасу ноёб.

Ман аз ин ҳадьяи муаллими худ
Бениҳоят шудам хушу дилшод,
«Модар»-и Горькии муаззам буд
Он китобе, ки устодам дод.

Ӯ навишта ба сафҳаи аввал:
«Кор кун, ҷаҳд кун, ҳунар омӯз,

Доимо хон! Бикун ба илм амал,
То бигардад ҳаёти ту фирӯз.

Дар раҳи зиндагӣ шавад ибрат
Ҷадалу зиндагонии Павел.
З-ӯ биёмӯз кӯшишу ғайрат,
Бош андар сафи ҷавонмардон,

Бош андар сафи ҷавонмардон,
Шодмон бошу дӯстдори ҳаёт,
Мисли Горький, ба халқ аз дилу ҷон,
Сидқ бинмо аён ба азму субот».

Рафта он рӯзу солҳо кайҳо,
Кишвари мо чаман-чаман гул кард.
Меҳнату кору ҷаҳду саъй маро
Ба чунин ҳурмату шараф овард.

Нозам аз он, ки бо бародари рус
Пухта гардида дар мубоpизаҳо,
Хонам авсофи кишвари чу арӯс,—
Тоҷикистони дилбару зебо.

Мисли Горький ҳамеша хоҳонам,
Дили худро ба халқи худ бидиҳам,
Ҳамчу Горький нишонае монам,
Дар роҳи халқ сар ба каф бидиҳам.

## ХОТИРАИ УСТОД

Чу наварӯс деҳе назди кӯҳи пур зи сафо
Ба ифтихору сарафрозие гирифта ҷо,
Дар он миёна ба зебой ҳаст чун якто,
Гумон баред,
ки аз назму ишқ гашта бино.

Деҳе, ки шӯҳраи дуньёст, Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ,
шоистаи дуруд аст он.

Ба ҷӯш оби равонаш чу шеъри устод аст,
Ба дилкушо дарааш номи Булбулон додаст,
Уфори шоҳиди рақси чиҳил паризод аст
Зиёд аз ин чӣ нависам,
ки Ҳуснобод аст!

Деҳе,
ки шӯҳраи дуньёст, Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ, шоистаи дуруд аст он.

Дар осмони балоғат даме,
ки ёфт зуҳур,
Даме, ки савту сурудаш ба булбулон шуд ҷӯр.
Даме, ки шарқи кӯҳан шуд зи табъи ӯ пуршӯр,
Фарох синаи ин деҳа шуд зи шавқу ғурур.

Деҳе, ки шӯҳра аз ӯ ёфт, Панҷрӯд аст он
Диёри Рӯдакӣ, шоистаи дуруд аст он.

Зи оташи суханаш об санги хоро шуд,
Наво тароват аз ӯ чидаву гуворо шуд,
Ба мулки назм чу хуршеди оламоро шуд,
Зи нозанин ватанаш даъвати Бухоро шуд.

Деҳе, ки шӯҳраи дуньёст,
Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ, шоистаи дуруд аст он.

«Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд!»
Ҷаҳони илму ҳунарро чароғи тобон буд!
Малики мулки адаб,
сарвари адибон буд,
Ба субҳи давр чу як ахтари фурӯзон буд.

Деҳе, ки шӯҳрат аз ӯ ёфт,
Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ, шоистаи дуруд аст он.

Нигар, ки дар дами пирӣ ба ӯ чиҳо карданд?!
Ба қасди қутби замон макру фитнаҳо карданд.
Амиру шоҳ варо хору бенаво карданд,
Кашида мил ба чашмон-ш, бас ҷафо карданд!

Деҳе, ки даст ба ӯ дод, Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ, шоистаи дуруд аст он.

Хамӯш рӯд шуду рӯзи Карбало сар шуд,
Ба Панҷрӯдзамин мотаму азо сар шуд,
Барои мотами он дида,
дидаҳо тар шуд,
Миёни зулмати шаб моҳ пурҷилотар шуд.

Деҳе, ки ғарқи азо буд, Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ,
шоистаи дуруд аст он.

Биноп қасри адаб шуд зи табъи ӯ бунъёд,
Бихонд номи варо халқ мӯҳтарам устод.
Ҳазор қасри шаҳон шуд харобу рафт ба бод,
Вале бимонд абад қасри Рӯдакӣ обод!

Деҳе, ки идгоҳи туст, Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ,
шоистаи дуруд аст он.

«Ҷаҳон ҳамеша чунин аст гирдгардон аст»
Замони тозае омад,
ки фахри инсон аст.
Кунунӣ шӯҳрати ту на зи оли Сомон аст,
Зи халқи тоҷику аз Маскави қадрдон аст,

Деҳе, ки идгаҳи туст, Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ, шоистаи дуруд аст он.

Хуш Иттифоқи Советӣ —
кабиру беҳамто,
Набуд рӯи ҷаҳонӣ калому ҷашни туро,
Ки бар зиёраташ оянд аз ҳама дунъё
Адибҳо бигузоранд дастаи гулҳо

Ба рӯи мақбараат, ки ба Панҷрӯд аст он,
Ба ҳурмати ту, ки шоистаи дуруд аст он.

Кунун, ки номи ту шӯҳратпазири олам шуд,
Ба ҳусни деҳаи ту ҳусни тозае зам шуд,
Ҳаёти насли ту чун шеър, хубу форам шуд,
Баҳори назми ту бишкуфту боғи хуррам шуд.

Чу наварӯс деҳ имрӯз — Панҷрӯд аст он,
Диёри Рӯдакӣ зебандаи суруд аст он.

# САРАФРОЗОНА ГЎЯМ:
# ТОҶИКИСТОНАМ, ҲАЛОЛАТ БОД!



## ҲАЛОЛАТ БОД!

Ту, халқи фотеҳи ман, нусрат ончунон кардӣ,
Ки номи кишвари худ шӯҳраи ҷаҳон кардӣ.
Ба шавқ омада дар ҷомаам нағунҷидам,
Зи ифтихор сарамро дар осмон кардӣ.

Ватан туро ба навозиш нишони Ленин дод,
Ба рӯи сина неҳу тӯй кун, ҳалолат бод!

Ҷадал накарда, зафар аз куҷо ба даст ояд,
Барои фатҳу зафар пангу орият бояд,
Зи баски анъана гардида орият бар ту,
Зафар ба рӯи ту оғӯши хеш бикшояд.

Ватан туро ба навозиш нишони Ленин дод,
Ба рӯи сина неҳу тӯй кун, ҳалолат бод!

Диловарона ба навоварӣ ту сар кардӣ,
Ту аввалин шуда бар кашфи нав ҳунар кардӣ.
Агарчӣ пеши раҳат мушкилӣ дучор омад,
Вале зи ғайрату ҷаҳду ҷадал зафар кардӣ.

Ватан туро ба навозиш нишони Ленин дод,
Ба рӯи сина неҳу тӯй кун, ҳалолат бод!

Шуданд кӯҳнапарастони кунд аз ту малул,
Валек таҷрибаат шуд ба дӯстон мақбул,
Бидод Москва бар кори ту баҳои калон
Шараф ба номи ту эҷодкори тозаусул!

Ватан туро ба навозиш нишони Ленин дод,
Ба рӯи сина неҳу тӯй кун, ҳалолат бод!

Зи баски Партия додат раҳи дуруст нишон,
Худи ту хурдиву эъҷози кори туст калон,
Зи хурд будани худ ҳеҷ гаҳ малул мабош,
Ки ҳаст меҳри падар як ба ҷамъи фарзандон!

Ватан туро ба навозиш нишони Ленин дод,
Ба рӯи сина неҳу тӯй кун, ҳалолат бод!

Табиат аз зафари нав бигашт сарафроз,
Ба ғолибони ту аз барф сохт пойандоз,
Ба соли нав гарав аз ҳосилоти афзун ин,
Сафед роҳи зафар бар ту мардуми колхоз!

Ватан туро ба навозиш нишони Ленин дод,
Ба рӯи сина неҳу тӯй кун, ҳалолат бод!

Назар ба обу заминҳоят ошиқона кунам,
Суруди фатҳи туро доимо тарона кунам,
Гирифта номи накӯят ба сарбаландиҳо,
Ба ҳар куҷо сухан оғоз голибона кунам.

Ватан туро ба навозиш нишони Ленин дод,
Ба рӯи сина неҳу тӯй кун, ҳалолат бод!

## ТАБРИК

Ҷашни даҳсолагият лоиқи фахри Ватан аст,
Боиси тантанаву шодии ҳар марду зан аст.
Ҳар куҷо номи накӯят ба зафар сарсухан аст,
Партави нури ту рахшон ба ҳама анҷуман аст.

Ҷашни даҳсолагият лоиқи фахри Ватан аст,
Боиси тантанаву шодии ҳар марду зан аст.

Ту чу оина ба халқи ҳамаи шаҳру диёр,
Соату рӯз ба ҳар соҳа намой дидор,
Сухани партияро бурда ба ҳар кунҷу канор,
Халқро дарси ленинӣ ту диҳӣ бар сари кор.

Ҷашни даҳсолагият лоиқи фахри Ватан аст,
Боиси тантанаву шодии ҳар марду зан аст.

То ба ин рӯзи шарафнок ба ҳар моҳу ба сол,
Зери тарбияти ленинӣ расидӣ ба камол,
Ба Ватан хизмати шоёни ту гардида мисол,
Душманон фош кунӣ, дӯст шавад з-он хушҳол.

Ҷашни даҳсолагият лоиқи фахри Ватан аст,
Боиси тантанаву шодии ҳар марду зан аст.

Солҳо хизмати шоиста ба халқи озод
Бинамо, эй писари содиқи мулки обод,
Рӯзи даҳсолаи ту ид кунад кишвари шод,
Шеъри ин шоират арзандаи табрикат бод!

Ҷашни даҳсолагият лоиқи фахри Ватан аст,
Боиси тантанаву шодии ҳар марду зан аст.

## ЗАРБДОР ОМАД

Кушо оғӯшат, эй шаҳри азизам, пахтакор омад,
Саодатманд фарзанди далерат зарбдор омад,
Зи Вахшу Ленинободу зи Кӯлобу Ҳисор омад,
Зи саҳроҳои меҳнат қаҳрамони номдор омад.

Бифармоед, фарзандони халқи кишвари тоҷик!
Шуморо бо чунин фатҳу зафарҳо мекунам табрик!

Биёед, эй бародарҳои ҷоноҷони боэъҷоз
Зи Мастчоҳу Бадахшону зи Ӯротеппаву Дарвоз,
Ватан аз меҳнату кори шумо гардида сар-афроз,
Сухан гӯянд дар ин анҷуман аз равнақи колхоз.

Бифармоед, фарзандони халқи кишвари тоҷик!
Шуморо бо чунин фатҳу зафарҳо мекунам табрик!

Шумо обод бинмудед саҳрою биёбонро,
Шумо бо ҷону дил иҷро намудед аҳду наймонро,
Шумо додед яксар ҳосили бешу фаровонро,
Шумо машҳур бинмудед номи Тоҷикистонро.

Бифармоед, фарзандони халқи кишвари тоҷик!
Шуморо бо чунин фатҳу зафарҳо мекунам табрик!

Ҳалолат бод, ҳар нозе, ки хоҳӣ кард, эй саркор!
Арақ резонда меҳнат кардаӣ аз сидқи дил бисьёр,
Муқаддас кишварат, халқат, тамоман аз ту миннатдор,
Фаровон пахта ҳосил карда чун саркору чун заркор,

Бифармоед, фарзандони халқи кишвари тоҷик!
Шуморо бо чунин фатҳу зафарҳо мекунам табрик!

Ту, эй шофер-ака, мошинаатро тез—сайрон кун,
Ту, эй раққосаи моҳир, ба рӯи саҳна ҷавлон кун,
Ту, эй хонандаи хушхон, чу булбул тоза илҳон кун,
Ту, эй соқӣ, лаболаб ҷоми майро бар сари хон кун.

Бифармоед, фарзандони халқи кишвари тоҷик!
Шуморо бо чунин фатҳу зафарҳо мекунам табрик!

Ризо аз кори мо шуд партияи аъзами Ленин,
Ватан бинвишт номи некатонро бо хати заррин,
Чӣ бошад з-ин шараф беҳтар ба дуньё, бештар аз ин,
Ба ин шаъну шарафҳои шумо, эй дӯстон, таҳсин!

Бифармоед, фарзандони халқи кишвари тоҷик!
Шуморо бо чунин фатҳу зафарҳо мекунам табрик!

## ПАХТАЧИНДУХТАР

Пахтачиндухтар, туй сарчашмаи ашъори ман,
Рост шуд аз кори ту ин килки качрафтори ман.

Гар намешуд сурх рухсори ту аз мавҷи арақ,
Аз куҷо мешуд дурахшон табъи оташбори ман.

Гар намегардид хам миҷгонат аз бори ғубор,
Кай шудӣ боло сарам чун қуллаи кӯҳсори ман.

Дасти шахшӯли ту нозук сохт ғози пахтаро,
Ин бувад эъҷози дасти заргару заркори ман.

Ҳусни меҳнат гар намешуд зам ба ҳуснат, ҳеҷ гоҳ
Тоб н-овардӣ ба шабҳо дидаи бедори ман.

Хам намешуд қомати мавзунат андар пахтазор,
Кай тавон шуд ин қадарҳо шаъну шӯҳрат ёри ман.

Дон, ки ҳар як кӯраки дархандаи саҳрои ту
Дар раҳат бошад ба мисли чашмҳои чори ман.

Сарбаландат дар сари минбар бубинам рӯзи ид,
Мешавад боло бароят косаи саршори ман.

## СУРУДИ КОРГАР

Ба синфи коргар Партия раҳбар шуд,
Зи дасти коргар офоқ дигар шуд,
Замони хуррамӣ бар мо муяссар шуд,
Бинои зиндагии мо мунаввар шуд.

Диловар коргар саркору доноӣ,
Ту пешоҳангиву зӯру тавоноӣ.

Асоси давлати мо пойдор аз туст,
Бақову қудрати мо барқарор аз туст,
Сипосу ҳурмати мо беканор аз туст,
Барои мардуми мо ифтихор аз туст,

Диловар коргар саркору доноӣ,
Ту пешоҳангиву зӯру тавоноӣ.

Замонро карда қоил зӯри бозӯят,
Ҳамеша деҳқон бошад ба паҳлӯят,
Тифоқ ин хонадон аз хулқи некӯят,
Фурӯғи зиндагӣ меборад аз рӯят.

Диловар коргар саркору доноӣ,
Ту пешоҳангиву зӯру тавоноӣ.

## ҒУСЕЛ

Хуршеди фурӯрафта паси қуллаи кӯҳсор,
В-аз шаъшаа нураш бидиҳад акс ба фонтан.
Гардад ба назар манзарае «тиру камон»-вор,
Шаббода зи Варзоб кунад сар ба вазидан.

Бар кӯчаи асфальт назар афканӣ аз дур,
Бо акси чароғони Ильич мавҷзанон об,
Гӯӣ ту, ки ин шаҳр бино ёфта аз нур,
Ё ин ки кунад киштӣ шино дар шаби маҳтоб.

То домани вокзал зи сари деҳаи Заргар,
Чун сабз тунель кӯчаи Ленин зи дарахтон,
Гардида аҷаб манзараи дилкашу дилбар,
Чун соя шаб аз шӯълаи барқ аст гурезон.

Дар ин шаби пур аз фараҳу дилбару ширин,
Аз баҳри ғуселонидани ёру рафиқон,
Бигзашта аз ин сабз тунель — кӯчаи Ленин,
Рафтем, зиёпош ба сар сели чароғон.

З-он ҳусну латофат, ки зи ҳар ҷост намудор,
Дар зоҳиру ботин ба ҳам омехта як ҷо.
З-он аст, ки дилбар ҳама то чашм кунад кор,
В-аз тинати шаб тирагӣ барҳам шуда кайҳо.

## СУРУДИ КОРГАР

Ба синфи коргар Партия раҳбар шуд,
Зи дасти коргар офоқ дигар шуд,
Замони хуррамӣ бар мо муяссар шуд,
Бинои зиндагии мо мунаввар шуд.

Диловар коргар саркору доной,
Ту пешоҳангиву зӯру тавоной.

Асоси давлати мо пойдор аз туст,
Бақову қудрати мо барқарор аз туст,
Сипосу ҳурмати мо беканор аз туст,
Барои мардуми мо ифтихор аз туст,

Диловар коргар саркору доной,
Ту пешоҳангиву зӯру тавоной.

Замонро карда қоил зӯри бозӯят,
Ҳамеша деҳқон бошад ба паҳлӯят,
Тифоқ ин хонадон аз хулқи некӯят,
Фурӯғи зиндагӣ меборад аз рӯят.

Диловар коргар саркору доной,
Ту пешоҳангиву зӯру тавоной.

## ГУСЕЛ

Хуршеди фурӯрафта паси қуллаи кӯҳсор,
В-аз шаъшаа нураш бидиҳад акс ба фонтан.
Гардад ба назар манзарае «тиру камон»-вор,
Шаббода зи Варзоб кунад сар ба вазидан.

Бар кӯчаи асфальт назар афканӣ аз дур,
Бо акси чароғони Ильич мавҷзанон об,
Гӯӣ ту, ки ин шаҳр бино ёфта аз нур,
Ё ин ки кунад киштӣ шино дар шаби маҳтоб.

То домани вокзал зи сари деҳаи Заргар,
Чун сабз тунель кӯчаи Ленин зи дарахтон,
Гардида аҷаб манзараи дилкашу дилбар,
Чун соя шаб аз шӯълаи барқ аст гурезон.

Дар ин шаби пур аз фараҳу дилбару ширин,
Аз баҳри гуселонидани ёру рафиқон,
Бигзашта аз ин сабз тунель — кӯчаи Ленин,
Рафтем, зиёпош ба сар сели чароғон.

З-он ҳусну латофат, ки зи ҳар ҷост намудор,
Дар зоҳиру ботин ба ҳам омехта як ҷо,
З-он аст, ки дилбар ҳама то чашм кунад кор,
В-аз тинати шаб тирагӣ барҳам шуда кайҳо.

Вокзал шуда як манзили файзовару зебо,
Аз дидани ӯ шавқ ба дилҳо бифазояд.
Саф баста бубин ранг ба ранг автомашинҳо,
Баҳри дил аз ин манзара идона кушояд.

Ин чанд рафиқе, ки дар ин лаҳза равонанд,
Як вақт сафар карда ба он мамлакати Дон,
То ин ки ба он ҳамватанон ёрӣ расонанд,
Дар кофтани тоза канал — Волгаву Дон.

Дар соҳили Дон он писаре ном баровард
Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ зидди фашистон,
Бо ҳамватанон ёрӣ бидоду зафар овард,
Тоҷикписари номвару фотеҳи майдон.

Имрӯз камар баста чу як шахси ҳунарвар,
Ҳамроҳи рафиқон биравад мулки қазоқон,
То ин ки диҳад ёрӣ ба он ёру бародар,
Дар сохтани тоза ҳаёте ба биёбон.

Поезд садо дод, шуд оҳиста зи мо дур,
Бар манзили мақсуд сафар кард шитобон,
Аз ҳар тараф овози фараҳ гашт ба ҳам ҷӯр,
Кард аз паси он ҷилва чӣ гулдаста, чи дастон.

## ЯЛЛА

Меҳнати шоистаатро ҳосили аъло хуш аст,
Баъди ин фатҳи калон тӯю тамошоҳо хуш аст.
Ҳар куҷо по мениҳӣ,
эй пахтакори қаҳрамон,
Чун арӯс ороста ин манзилу маъво хуш аст.

Меҳри Ленин дар дилу акси Ленин бар синаат,
Ин шарафмандӣ ба халқи сарфарози мо хуш аст,
Ифтихори Тоҷикистон гашт номат, пахтакор,
Тоҷикистонам, туро овозаи дуньё хуш аст.

Ин ҳама фаровонӣ, дӯстон, муборак бод,
Нозу неъмат арзонӣ, дӯстон, муборак бод,
Фатҳи кори деҳқонӣ, дӯстон, муборак бод.
Шодию ғазалхонӣ, дӯстон муборак бод!

Дар замони мо афзун эътибори меҳнат шуд,
Халқи Тоҷикистон ҳам номдори меҳнат шуд,
Фатҳи боби ободӣ чун шиори меҳнат шуд,
Сулҳро нигаҳбонӣ, дӯстон, муборак бод!

Азму ҷадал аз дилу ҷон мекунем,
Фатҳу зафарҳои калон мекунем

Боз паи шӯҳрати ҷонон Ватан
Мо ҳунари хеш аён мекунем.

Халқи шарафманд, ташаккур ба ту,
Ҷон ба ту пайванд, ташаккур ба ту,
Санъати худро ба ту бахшидаем,
Мо зи ту хурсанд, ташаккур ба ту.

## СУБҲИ ПАНҶСОЛА

Марҳабо, эй баҳори хандонрӯ,
Фасли зебои зиндагонии ман.
Нақш баста ба тарҳи симоят
Аксп симои навҷавонии ман.

То ки бинам туро, ба ёд орам
Боз он даврап ҷавониро,
Мисли гулғунчаҳои оғӯшат
Дилрабо ранги арғувониро.

Солҳо шуд,
                ки бо фараҳмандӣ
Ман туро пешвоз мегирам.
Лек имсол пешвозатро
Фотеҳу сарфароз мегирам.

Ман туро бо чунин латофату ҳусн,
Ба гумонам, надидаам асло,
Ҳам табиат, ҳам одамони Ватан,
Дар назар бештар шуда зебо.

Ту нахустин баҳор, к-аз шарафат
Субҳи панҷсола мешавад равшан.

Партави коммунизм тобон аст
Бо рухи мардумони кишвари ман.

Орзу дорам ин, ки дар ин давр
Чун ту ҳар сол навҷавон бошам,
Дар адои вазифаҳои хеш
Манфиатбахши мардумон бошам.

## ҚАЛАМ ГӮЁ ШУД

Баҳор омад, саропо кишварам сарсабзу зебо шуд,
Пан табрики иди Май лаби гулғунчаҳо во шуд,
Рубоби тоҷикон шодисаро аз Боми Дуньё шуд,
Чаман бишкуфта, булбул ҷӯр бо Шоҷону Барно шуд,
Чу Май шавқи ҷавонӣ ҳаминони мавҷи дарьё шуд.

Чаро, эй навбаҳори мулки ман, ин қадр зебой?
Чаро ин қадр дилро мебарӣ бо ин дилорой?
Чаро, охир, шитобон меравию дер меоӣ?
Хаёлам ин ки охиртар равию зудтар оӣ,
Туро ин сарзамини босафо зебанда маъво шуд.

Тамошо кун ба фурсат нав ба нав ин боғу бӯстонро,
Чу ҳуснат тоза бингар ҳусни зебои ҷавононро,
Фалакпаймо маҳи нав ҳола баста моҳи тобонро,
Намоиш рӯзи ҷашнат мо диҳем он шӯҳрату шонро,
К-аз он ғулғул ба дуньё рафту дар ҳайрат Сурайё шуд.

Дил аз ҷӯши тараб имшаб ба ёди васл бедор аст,
Пагоҳӣ дар намоиш баски дар паҳлӯи дилдор аст,
Хуш он умре, ки озод аз ҷафову макри ағьёр аст,
Дар оғӯши баҳорон шодкому ҳамдами ёр аст,
Ватан гулпӯшу дар васфаш қалам имрӯз гӯё шуд.

## БАҲОРИСТОНИ МО

Ба истиқболи моҳи Май тамоми халқ дар кишвар,
Фараҳмандона бархезад, хушо, пиру ҷавон яксар,
Дурахшад байрақи фатҳу зафар чун лолаи аҳмар,
Бигӯяд халқи соҳибнусрати мо аз сари минбар:

Биё, эй маҳ, ки мулки мо баҳористони беҳамтост,
Умеду такьягоҳи ранҷбарҳои ҳама дуньёст.

Нигар ҳар сӯ ҳазорон фабрику зовуду мулк обод,
Ба водиҳои кӯҳӣ гашта рӯду боғи нав буньёд.
Сарояд андалеби хушнаво дар ҳар чаман озод,
Саросар мардуми якмаслаки ин сарзамин дилшод.

Биё, эй маҳ, ки мулки мо баҳористони беҳамтост,
Умеду такьягоҳи ранҷбарҳои ҳама дуньёст.

Зи қаъри баҳр то авҷи само гардида раҳҳо боз,
Намуда лочинони ленинӣ андар ҳаво парвоз,
Ба рӯи баҳрҳо гардад Флоти Сурхи мо дартоз,
Расад аз фотеҳони қутб бар кишвар чунин овоз:

Биё, эй маҳ, ки мулки мо баҳористони беҳамтост,
Умеду такьягоҳи ранҷбарҳои ҳама дуньёст.

Кунуи, эй маҳ, туро бо ин зафарҳо ид месозем,
Аз ин гулшан ҳама марду зан озодона менозем.
Ба иҷрои супоришҳои ту якҷоя ҷонбозем,
Адӯи ҷангҷӯро зери хоки тира андозем...

Биё, эй маҳ, ки мулки мо баҳористони беҳамтост,
Умеду такьягоҳи ранҷбарҳои ҳама дуньёст.

*Маи соли 1937*

## ГУЛШАНИ БАХТ

Омад ба гулшани бахт фасли баҳор, бишнав!
Овози кабкҳоро аз кӯҳсор бишнав.
Ҳар дам садои мурғон аз шохсор бишнав!
Аз боғу роғи саҳро савти ҳазор бишнав!
Ҷӯшу хурӯши меҳнат аз ҳар канор бишнав!

Гулҳо кашида қомат дар саҳни боғу бӯстон,
Аз шӯхии сабо, бин, гулғунча гашта хандон,
Шабнам ба чашми наргис чун кавкаби дурахшон,
Сархуш ба боғ сунбул, булбул шуда ғазалхон,
Яксар суруди шодӣ бо авҷи кор бишнав!

Ҳар субҳ лавҳаи нав дар зиндагӣ кушояд,
Файзу таровати нав бар чашми кас намояд,
Сад нашъаву латофат дар ҳар чаман фазояд,
Шоир ба меҳрубонӣ оҳанги нав сарояд,
Овози мутрибонро бо чангу тор бишнав!

Ҳар лаҳза боди форам аз рӯи майса бӯяд,
Оби зулол нозук рухсори сабза шӯяд,
Бо ранги тозаву тар гул дар чаман бирӯяд,
Дил баҳри ишқи дилбар тавсифи тоза ҷӯяд,
Оҳанги шавқу шодӣ аз рӯзгор бишнав!

Бингар табиат имрӯз аз баҳри халқи озод,
Фарҳатфизову зебо бинмуда мулки обод,
Идона зиндагонӣ дорем бо дили шод,
Мо шоирем баҳрат, халқи азизу устод,
Ҳарфе ту аз дили мо бо ифтихор бишнав!

Дар кишвари адолат набвад баҳори фонӣ,
Сарсабзу гулфишон аст гулбоғи зиндагонӣ,
Эй навбаҳори бахтам, нозам, ки бехазонӣ,
Боқӣ кунад тараннум бо шавқу меҳрубонӣ,
Ин шеъри шоиратро, эй бахтьёр, бишнав!

## ТАБРИКИ ЁРОН

Дар ҷашни мо аз ҳар тараф имрӯз ёрон омада,
Чун нури чашму тоҷи сар дар рӯзгорон омада.

Шуд аз қудуми дӯстон пурзебу фар ҳар хонадон,
Хурсандиву тобу тавон бар пахтакорон омада.

Ёрони боаҳду вафо, хуш аз шумо дилҳои мо,
Аз шавқатон савту садо бар кӯҳсорон омада.

Дар ҷашни истиқлоли мо, иқболу истиқболи мо,
Бар халқи фаррухфоли мо табрики ёрон омада.

Дар водии гулпӯши мо, саҳрои зароғӯши мо,
Ҳар дам ба гӯши ҳуши мо сози ҳазорон омада.

Бо ҳам сарафрозӣ кунем, он гаҳ хушовозӣ кунем,
Ҳам шодию бозӣ кунем, овозадорон омада.

## ТАБРИК

Эй қалам, мардумаки дидаи ман,
Метавонӣ ту гуҳарҳо дидан.
Баҳри тавсифи далерони Ватан
Бо ту шодам, ки дароям ба сухан,

То кунам аз дилу ҷонам табрик,
Қаҳрамонони далери тоҷик!

Эй бародар, хабари тоза шунав,
Муждаи хуш бирасад аз Маскав:
— Пахтакорон, ки паи меҳнати нав
Фотиҳӣ кардаву бурданд гарав,

Бо чунин ном сазовор шуданд,
Қаҳрамони зафару кор шуданд.

Инчунин гуфт бузурге ба писар:
— Гӯш кун панди маро ҷони падар:
Донишу кор биомӯзу ҳунар,
Ки бувад ин гарави фатҳу зафар.

Писару духтари маҳбуби Ватан,
Ҳунару кори шуморо аҳсан!

Халқ имрӯз ҳама пиру ҷавон
Сарфarозанд аз ин шӯҳрату шон!
Бо дили пурҳавасу пурҳаяҷон
Ҳар куҷо номи шумо вирди забон.

Самари меҳнати шоён — ин аст,
Ҳосили кори далерон — ин аст.

## ТАРАННУМ КУН, ДИЛО!

Тараннум кун, дило, аз шавқ васфи Тоҷикистонро,
Зафарҳои ба олам ғулғулафкан пахтакоронро.
Ба ҷо оварда дар назди ватан ҳар аҳду паймонро,
Шукӯҳи меҳнати шоистаи ҳар марди майдонро.

Сарафрозона гӯям: Тоҷикистонам, ҳалолат бод,
Ки дар рӯёндани ҳосил шудӣ соҳибҳунар устод!

Зи меҳнат сарбаландӣ байни ёрон зебу фар бошад,
Ба ғайратҳо гузаштан дар сафи аввал ҳунар бошад,
Вафо бар аҳд кардан хосаи ҳар номвар бошад,
Ба дасти фотеҳон байроқи нусрат ҷилвагар бошад.

Сарафрозона гӯям: Тоҷикистонам, ҳалолат бод,
Ки дар рӯёндани ҳосил шудӣ соҳибҳунар устод!

Диёрам, месароям васфи халқи номдоратро,
Зи меҳнат гашта кони пахта хоки зарнисоратро,
Ҷавонмардони Вахшу Ленинободу Ҳисоратро,
Ба дунё карда боло обрӯю эътиборатро.

Сарафрозона гӯям: Тоҷикистонам, ҳалолат бод,
Ки дар рӯёндани ҳосил шудӣ соҳибҳунар устод!

Бинозад ҳар касе, гӯяд плони пахта ичро шуд,
Ба ҳар як хонадон з-ин хушхабар шодӣ дуболо шуд,
Суруди ҳофизон имрӯз ҳам хурсандиафзо шуд,
Шунав, эй марди майдон, навбати Қумрию Барно шуд.

Сарафрозона гӯям: Тоҷикистонам, ҳалолат бод,
Ки дар рӯёндани ҳосил шудӣ соҳибҳунар устод!

## ЧИНАКЧИИ МАШҲУРИ ҲИСОРӢ

Раҳмат ба ту, чинакчии машҳури ҳисорӣ,
Дидам, ки дар ин маърака бо авҷу барорӣ.

Шодам, ки ту дар аҳди наву қарзи гузашта,
Бо орияту нанг чунин ҷандала дорӣ.

Саҳрои ту чун баҳри садаф дар назар омад,
Дидам, ки ба киштии ҳунар дурр ба каф орӣ.

Ман садқаи дастони пур аз обилаи ту,
Дил садқаву ҷон садқа, аҷаб мӯъҷизакорӣ!

Бо номи ту пайваста бувад шӯҳрати тоҷик,
Савганд ба номат, ки ту арзанда нигорӣ.

Фурсат мадеҳ аз даст, ки вақтаст ғанимат,
Донам, ки чӣ ғам дод туро сели баҳорӣ.

Раҳме ба ту ҳаргиз накунад нози табиат,
Ғайрат бишавад шаъни туро ёвару ёрӣ!

Аз суръати кору ҷадали хоҳари аштӣ,
Ҳаққо, ки надонем хабар дорӣ, надорӣ?

Иҷрои плонат шуда аз нима зиёда,
Ҳоло ту қафо мондаӣ дар пахтасупорӣ.

Охир, туӣ, андар шафати шаҳри Душанбе,
Имсол қафо моӣӣ, шавад Боқӣ фирорӣ!

Пеш аз ҳама иҷрои плони ту зарур аст,
Бе гилаву ҷингила кунам хоҳишу зорӣ...

## ҚАНД ЗАНЕД

Дӯстони далери водии Вахш,
Воиси хуррамию шодии Вахш.
Дӯстиро нишона ҳамдардист,
Ору номус хислати мардист.
Дар сари қавли худ вафодорӣ,
Ор аз танбаливу «бемори».
Пешдастӣ ба кори колхозӣ,
Обрӯмандиву сарафрозӣ
Кори ҳар як наҷиб инсон аст,
Амали неки марди майдон аст.
Қаҳрамонони босаодати Вахш,
Боиси фахру шаъну шӯҳрати Вахш.
Ҳаст дар ёд вақти пахташукуфт,
Боқӣ аз меҳр чанд ҳарфе гуфт,
Чанд рӯзе,
                ки меҳмон будем,
Шоҳиди ваъдаҳоятон будем.
Гуфта будед:
                сахт кор кунем,
Шӯҳрати хеш барқарор кунем.
Бо ҷидолу талоши деҳқонӣ,
Мо арақ рехта зи пешонӣ
Доғи нангин шуста партоем,
Шарафи хеш тоза бинмоем.

Офарин, дӯстони водии Вахш!
Дар раҳи ғайратед ҳодии Вахш!
Қаҳрамонона корҳо кардед,
Ҳама бар қавли худ вафо кардед!
Ватан аз коратон бишуд дилшод
Пахтаҳотон бишуд зи ваъда зиёд.
Сифати кор то ки аъло шуд,
Шӯҳрати тоҷикон дуболо шуд.
Пахта ин эътибори мардуми мост,
Сарвати бебаҳову беҳамтост.
Дӯстони азиз, қанд занед,
Қанд нею асал дучанд занед.
Боқии мо бидуни қолу қил,
Шуд ба кори бузургатон қоил.

* * *

Лек аз чист водии Кӯлоб
Карда бас кори пахтаро дӯлоб?
Ин қафомонӣ аз чӣ то алҳол,
Ин қадар нахтачинӣ ёфт кашол?
Ҳой, кӯлобиҳо! Чӣ шуд ба шумо,
Сол ҳам хуб,
хуб боду ҳаво.
Колхози Ленин ба водиатон
Ғайрати бемисол дод нишон.
Аввалин номи худ ҳувайдо кард,
Ӯҳдадории хеш иҷро кард.
Пас чаро дигарон қафо монанд,
Айбу шармандагӣ намедонанд?
Дӯстони азизи кӯлобӣ
Гашта берун зи қаъри дӯлобӣ
Ҳама якборагӣ талош кунед,
Танбалонро тамом фош кунед,
Ғайрати хешро дучанд кунед,

Боз ҳам номи худ баланд кунед!
Пахтаро тоза чида биспоред,
Ваъдаи хешро ба ҷо оред.
Мард аз қавли худ намегардад,
Вахши мо ибрати шумо гардад.
Боз ҳастанд ҷойҳои дигар,
Ки қафо мондаанд, кун бовар...
Хуллас ин ки худи ту донӣ роз,
Гап мабодо шавад кашолу дароз.
Байни мардум аҷаб мақол аст ин:
«Гӯям, эй духтарам! Шунав, келин».

## БА ДӮСТОНИ ПАХТАКОРИ ВАХШ

Дӯстон! Дӯстон, салом, салом!
Андаке арзу андаке пайгом,
Андаке хоҳиши рафиқона
Аз аҳолии Вахши дурдона.
Мо фиристодагони аҳли қалам,
Бар шумо мекунем арз ин дам,
Пахта бишкуфта,
                    ин муборак бод!
Ҳам шумо шоду ҳам дили мо шод.
Чунки аз ҳосили фаровонаш
Мешавад хонадонатон обод.
Дӯстон,
            соли ору номус аст,
Камари хеш сахт бояд баст.
Ҳосили бешро ба даст орем,
Шарафи хешро нигаҳ дорем,
Шарафе на зи рӯи исписка,
Шарафи хуби бе переписка.
Дӯстон! Дӯстон! Шитоб кунед,
Тарки осудагию хоб кунед.
Ҳама якборагӣ ҳуҷум кунед,
Танбалиро ҳамеша гум кунед.

Пахта бишкуфтаву ҳаво хуб аст,
Ғайрату азм айни матлуб аст.
Вақтро дон ғанимат,
эй саркор,
Ҳамаи қувваро ба кор дарор!
Ҳар кӣ имсол кард чаттоқӣ
Мехурад зарби сахт аз Боқӣ.
Водии Вахш,
водии машҳур
Қудрати одамони он ҳам зӯр.
Нангу номусончунон карданд,
Вахшро шӯҳрати ҷаҳон карданд,
Лек дар байни қаҳрамонон ҳам,
Ҳаст бекорхӯҷаи беғам.
Ору номусро куҷо донанд?
Шарафи халқро биолонанд
Инчунин одамони кӯрнамак,
Байни мардум ситода чун сорияк,
Решакан карда,
дур партоед,
Сафи некон зиёда бинмоед
То ки овозаи шумо аз нав,
Бирасад бар дили Ватан—Маскав.
Дӯстон! Вақти ҳазлу бозӣ нест,
Бе муборизa сарфарозӣ нест.
Пахта бишкуфта пахтачин ҷӯяд,
Пахтачин «қарта лой» мегӯяд.
Обмон, ҷӯра, доду вой накун,
Об деҳ, лек оба лой накун.
Як грамм пахта гар шавад нобуд,
Зарар оянд ба тоннаҳои буд!
Аз грамм тонна-тоннаҳо пайдост,
Қатра-қатра ба ҳам шавад—дарьёст!
Дӯстон! Сокинони водии Вахш
Боиси хуррамию шодии Вахш.

Сол-ин соли ору номус аст,
Байрақи фатҳро гиред ба даст,
Ончунон қаҳрамониҳо созед,
Мисли Помир сар барафрозед,
Партия ҳаст бар шумо ғамхор,
Дӯстон,
дӯстон!
Кушоиши кор!

## ПАХТА БИШКУФТ

Субҳдам ҷониби саҳрои ту рафтам, ҷоно,
Сайр кардам чаманистони фараҳбахши туро
Дилрабо манзарае гашт ба чашмам пайдо,
Ғунчаҳо во шуда, хандид ба рӯям саҳро.

Пахта бишкуфт, муборак шавадат мегӯям,
Баҳри васфи ту сазовор сухан меҷӯям.

Ғофил аз вақт нагардидаву сар кардӣ кор,
Аз ҳама пеш заминро ту намудӣ шудгор,
Аз ҳама пеш бишуд шод зи ту фасли баҳор,
Аз ҳама пеш ба номи ту навиштам ашъор.

Пахта бишкуфт, муборак шавадат мегӯям,
Баҳри васфи ту сазовор сухан меҷӯям.

Сарфарозам, ки туро фотеҳи майдон дидам,
Дар сари кор чунон чобуку чаққон дидам,
Ҳосили меҳнати имсола фаровон дидам,
Чеҳраат чун чамани пахта шукуфон дидам.

Пахта бишкуфт, муборак шавадат мегӯям,
Баҳри васфи ту сазовор сухан меҷӯям.

Остин бар зада аз хок бируёнди зар,
Дидам имрӯз, ки бар чидани зар карди сар,
Бо дилу ҷон биравам назди ту аз баҳри ҳашар,
Наравад то ки ягон пағаи киштат ба ҳадар.

Пахта бишкуфт, муборак шавадат мегӯям,
Баҳри васфи ту сазовор сухан меҷӯям.

## ТАМОШО КУН

Тамошо кун, азизам, сарзамини Тоҷикистонро,
Нигар, ҷӯшу хурӯши кору азми пахтакоронро,
Миёни пахтазорон ҳар яке дар роҳи қавли хеш
Ҳамекӯшад, ки то иҷро намояд аҳду паймонро.
Ба дуньё шӯҳратафкан ҳосили тиллои тоҷик шуд,
Сарафрозона мехонем васфи қаҳрамононро.
Миёни пахтакорони ватан овозаҳо дорем,
Зи меҳнат мо ба даст овардаем ин шӯҳрату шонро.

## МУБОҲИСА

Байни ману як рафиқи дигар,
Якборагӣ чақ-чақе бишуд сар,
Ӯ гуфт маро ки: «Эй бародар!
Бо гуфтаи ман бикун ту бовар.
Ман одами бобарор ҳастам,
Донандаи рӯзгор ҳастам.
Аз таҷрибаҳои хеш донам
Омӯхта бас маро замонам...
Мехоҳӣ бигӯямат, ниҳоят,
Имсол барад кадом вилоят?..
Гуфтам: «Рафиқо, ба гап бидеҳ гӯш,
Дониста бигӯ, валек махрӯш!
Аз кишти замину ҳосилу кор
Ман ҳам чу ту андаке хабардор!..»
Ин чақ-чақу моҷарои моён,
Аз роҳ шунида марди деҳқон
Пеш омаду гуфт: «Ин чӣ сӯҳбат?
Гаҳ шавқуну гоҳ иззу ҳурмат?»
Гуфтам: «Падари азиз,
аз нав,
Ин қиссаи мо, ба хубӣ бишнав!
Байни ману ин рафиқ ҷанҷол
Аз байни плони пахта имсол,

Бо фикри ман ин ки: Ленинобод,
Гардида ба кори пахта устод,
Пеш аз ҳама пур кунад плонро,
Аз даст надода шаъну шонро.
Чун соли гузашта шермардон,
Бошанд якум ба Тоҷикистон...
Аз гуфтан ин рафиқи пурдон
Имсол зафар ба номи Қурғон...
Афзуни плон-ш пахта дорад,
Пеш аз ҳама оварад, супорад,
Сад шӯҳрату ифтихор гирад,
Ҳам тӯҳфаи бешумор гирад!..»
Деҳқон бинамуд фикри бисьёр,
Гуфто: «Ба шумо ҳамешавам ёр...
Аммо ба хаёлам ин ки Кӯлоб,
Имсол супурда ҳосили боб!
Пеш аз ҳама пур кунад плонро,
Ҳайрон бикунад ҳам ин, ҳам онро!..»
Шахси дигаре китоб мехонд,
Пурсид зи мо, китобро монд.
Гуфто, ки: «Манам ҳам аз дилу ҷон,
Ҳамфикри шумо, кунун рафиқон!
Бар фикри ман, ин Ҳисори шодоб,
Имсол супурда ҳосили боб!
Имсол гуҳарнисор гардад,
Пеш аз ҳама номдор гардад!..»
Будем дую кунун шуда чор,
Ин баҳсу мунозира чӣ даркор?
Беҳтар,
ки ману шумо дар ин ҷо,
Қавле бидиҳем ҳамдигарро...
Ҳар чор сари замин нишастем,
Аҳде ба миёни хеш бастем;
Ҳар кас ки рабуда ин гаравро,
Ин шарти калони соли навро,

Фармон бидиҳад ба ҳар яки мо,
Як тӯи калони хубу аъло.
Дар боғи Ленин кунем барпо,
Се рӯз зи ҳар ҷиҳат тамошо
Ҳар чор ба гӯшаву канорем,
Бар мақсади хеш интизорем!

## ҚАВЛУ АМАЛ ЯК АСТ

Қавлу амал як, ин бувад эъҷози тоҷикон,
Бори дигар шуҷоати худ медиҳад нишон.
Бегуфтугӯ барои Ватан пахта медиҳад,
Имсол бин, ки панҷсаду панҷоҳ ҳазор тон.

Ҳангоми кишту кор чунон кард доругир,
Аз қудраташ табиати саркаш бишуд асир,
Борону селу жола ҳамерехт, бардавом,
Аз он наёфт иродаи ӯ заррае тағьир.

Азбаски дар сиришти зану марди халқи ман,
Номусу ор гашта муҷассам ба ҷону тан,
З-ин рӯ ҳамеша фатҳу зафар ёри ӯ бувад,
Боло кунад чу Боми Ҷаҳон байрақи Ватан.

Фарзандҳо расонида бо ору қаҳрамон
Мисли Саидхоҷа, Карим марди қаҳрамон,
Чун Миралию Анвару Абдуғафуру Нур,
Аскаралӣ, Латиф, Юсуф, Қосим, Энахон.

Садҳост ин тариқа далерони номвар,
З-ин машъалони якшуда кишвар базебу фар.
Бадном номи неки ту ҳаргиз намекунанд,
Доғи расида меравад бо сайқали ҳунар.

Савганд хӯрда, баста камар бо чунин шпор,
Дорӣ рафиқ, гар каме номусу нангу ор,
Дар нахтазор рафта, ба чидан шитоб кун,
Аз нав кунем шӯҳрати пешина барқарор.

Аз меҳнати ҳалолу самимии дилписанд
Монанди кӯҳҳои Ватан гашта сарбаланд,
Биспурда пахта панҷсаду панҷоҳ ҳазор тон
Ҳам халқ шоду сарвати мо з-ин шавад дучанд.

Бар пахтазор халқи азизам шитоб кун,
Гар лозим аст, як ду маҳе тарки хоб кун,
Номусу ор ин шарафи одамӣ бувад,
Номусу ор кардаву кори савоб кун.

## МАРДУМИ НОМДОРИ АШТ

Қандата зан, амал намо, хоҳари номдори Ашт,
Баста камар чадал бикун, додари зарбдори Ашт.
Марду зану чавону пир, вақт нигар, ҳашар бикун,
То ки баланд аз ин шавад шӯҳрату эътибори Ашт.
Ғайрату кори ту шуда вирди забони одамон,
Беҳтар аз ин чӣ мешавад? Мардуми пахтакори Ашт!
Пахта барои мамлакат сарвату нозу неъмат аст,
Саҳми ту аввалин шавад, мешавад ин барори Ашт.
Номи баланду обрӯ ҳосили азму меҳнат аст,
Гашта муяссарат кунун, сустӣ макун, диёри Ашт!
Гар ки шавад сари ту хам як ду маҳе ба пахтазор,
Соли дароз сарбаланд гӯй сухан, нигори Ашт,
Ёри хучандӣ, остин барзада, бохабар бишав,
Гар ки ту ҳазл мекунӣ, бигзарад аз ту ёри Ашт.
Гар ки бихоҳӣ пештар Боқӣ равад ба тӯи ту,
Шеъри зафар бихонадат, хоҳари пахтакори Ашт.

## ҚАҲРАМОН МАҲМАДАЛӢ

Қанд зан, деҳқони номӣ, қаҳрамон Маҳмадалӣ,
Мардумонат лоиқи сад достон, Маҳмадалӣ.
Дар сари мошин туро дидам миёни пахтазор,
Паҳлавон Рустам ба наздат нотавон, Маҳмадалӣ.
Гӯиё дар баҳри сабзию ба тӯрат омада
Мисли моҳӣ пахтаҳо бозикунон, Маҳмадалӣ.
Марду зан чун лашкари меҳнат ҳуҷум овардаанд,
Ҳамчу сарлашкар далеру кордон, Маҳмадалӣ.
Мардумат ободу хуррам,
рӯҳи Восеъ аз ту шод,
Ин бувад мардонагии ин замон, Маҳмадалӣ
Ору номусу ҷавонмардӣ чунин аст,
дӯстон,
Гуфт инро шод гашта меҳмон Маҳмадалӣ.
Гуфтам: — Иҷрои плони пахтаат кай мешавад?
Гуфт: — Гуфтан гир,
шуд иҷро плон, Маҳмадалӣ.
— Ҳар қадар хоҳам замин он қадр ҳосил медиҳад,
— Офарин,— гуфтам,— рафиқи паҳлавон, Маҳмадалӣ.
Ленини аъзам зафар бахшад ба ҳар як кори мо,
Номи некаш баҳри ман ин шаъну шон, Маҳмадалӣ.
Ҳамраҳи Мирзо, биё, Боқӣ бигуфтӣ як ду рӯз,
Нағзтар бин меҳнати колхозчиён, Маҳмадалӣ.

Гуфт Мирзо: — Меравем, албатта,
назди дӯстон.
Мо ба колхози рафиқи қадрдон, Маҳмадалӣ.
Пахтазорат дида гуфтам: — «Офарин бар халқи ту!
Фахр кардам, шуд сарам то осмон, Маҳмадалӣ.
Мешавад номи ҷакӯят, эй раиси қаҳрамон,
Ҳусну зебоии шеъри шоирон, Маҳмадалӣ.

## ЁРИ ХУҶАНДӢ

Бишнав сухани шоират, эй ёри хуҷандӣ,
Машҳур ба ҳар корӣ ту, эй ёри хуҷандӣ.

Имсол бигуфтӣ, ки диҳам пахтаи бисьёр,
Бар ваъда вафодорӣ ту, эй ёри хуҷандӣ.

Хоҳам, ки ту ибрат шавӣ дар чидани тилло,
Хуш дор, ки заркорӣ ту, эй ёри хуҷандӣ!

Санҷиш бувад имсол барои ватани мо,
Албатта хабардорӣ ту, эй ёри хуҷандӣ.

Дар сӯҳбати ёрон ҳама гуфтанд баробар,
Бономусу боорӣ, ту, эй ёри хуҷандӣ.

Дастони пуробилаи ту шираи шеър аст,
Зебандаи ашъорӣ ту, эй ёри хуҷандӣ.

Ҳар қадр шавад пахта фузун, манфиати туст,
Бо фабрика ҳамкорӣ ту, эй ёри хуҷандӣ.

Дар маъракаи пахта чунои маъраказебӣ,
Дар маърака сардорӣ ту, эй ёри хуҷандӣ.

Гулрӯи ту дар ҳусну чу пӯлод ба меҳнат,
Алҳақ, ки сазоворӣ ту, эй ёри хуҷандӣ.

Пеш аз ҳама иҷрои плони ту зарур аст,
Шӯҳрат ба ҷаҳон дорӣ, ту эй ёри хуҷандӣ.

# ЙН САҲАР

Рехт бар сар дурру гавҳар абри найсон ин саҳар.
Шаҳрро дар ханда дидам баъди борон ин саҳар.

Аз дару девору боғу кӯчаҳои сабзпӯш
Ҷилвагар шуд дар назар рӯи баҳорон ин саҳар.

Кӯҳсори тоҷикон дорад намуди дилкаше:
Абр бар сар, ганҷ дар бар, гул ба домон ин саҳар.

Аз насими кӯҳсорон шаҳр мегирад нафас,
Медамад рӯҳи наве дар ҷисми инсон ин саҳар.

Баски маҳ шабзиндадорӣ дошт мисли ошиқон,
Дар уфуқ мегашт гаҳ пайдову пинҳон ин саҳар.

Об чун симоб бо сад печутоб аз тарфи кӯҳ
Ҷониби саҳро равон бар пахтазорон ин саҳар.

Рамзи сулҳу дӯстӣ — фавҷи кабӯтарҳо нигар,
Дар самои лоҷувардӣ бол-афшон ин саҳар.

Модари мушфиқ рухи фарзанди навзодаш бидид,
Бо навозиш бӯсаҳо бигрифт чандон ин саҳар.

Дилбару дилдодаро дидам, ки бо фармони ишқ
Ҷовидон бастанд бо ҳам аҳду паймон ин саҳар.

Мерасад аз дарраи Варзоб ҳар соат ба гӯш
Шӯху форам қаҳ-қаҳи кабки хиромон ин саҳар.

— «Муждаовар турнаҳо аз ҳосили аъло мудом»
Гуфт инро шод гашта марди деҳқон ин саҳар.

Аз паи иҷрои кори нақшаҳои соли нав
Одамон бар коргоҳи худ шитобон ин саҳар.

Баҳри касби илму асбоби ҳунар омӯхтан
Сӯи донишгаҳ равон хайли ҷавонон ин саҳар.

Духтари тоҷик сар афроз дар оғӯши бахт,
Бо дили пур аз фараҳ бошад ғазалхон ин саҳар.

Нав ба нав зебо биноҳо, кӯчаҳо саҳни чаман,
Зебу зиннат ёфта чун наварӯсон ин саҳар.

Бар сари шаҳри азизам аз ҳавои беғубор
Пуртароват файз меборад фаровон ин саҳар.

Боқӣ андар васфи ин субҳи дилоро шеър гуфт,
Дод онро бар ҳавои бастакорон ин саҳар.

## БА ҲАШАР!

Модару хоҳару падар,
Ёру рафиқи муътабар!
Пахта шукуфта сар ба сар,
Вақт намонда он қадар...

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Мо ҳама бо чунин шиор:
— Ҷумла ба сӯи пахтазор
Рафта ба аҳли пахтакор
Ёрӣ диҳему эътибор.

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Мардуми шаҳр! Дармаҳал
Ҷаҳд намою ҳам ҷадал,
Вақт бубин! Макун ҳаял,
Қавл бидодӣ, кун амал!

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Ёру рафиқи ғаллакор,
Бош ба пахтакор ёр!
Пахта бичин ба ифтихор,
Пахта ба чидан интизор!

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Ҳой, йигити паҳлавон,
Қимати обрӯра дон!
Халқи ту гашта қаҳрамон!
Вақти мадад, мадад расон!

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Айб бувад барои мо,
Рафта начида пахтаро,
Фикр накарда аз ҳаво
Сайр куни ба кӯчаҳо,

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад,
ҳашар, ҳашар!

Мекун, азизи ман, назар
Аз сари кӯҳ то камар.
Барф ҳамида пушти дар,
Пахта аз ӯст дар ҳатар.

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Хурду калони марду зан,
Аҳд намуд ба анҷуман,

Бахри ривоҷи ин Ватан
Як шуда пур кунад план.

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Ҳарфи бародарат шунав,
Мунтазири хабар машав,
Худ ба замини пахта рав,
Лоиқи ифтихор шав.

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Дидай, вақт қимат аст,
Ҳар нафасе ғанимат аст,
Бар ҳама вақти ҳиммат аст,
Пахта асоси шӯҳрат аст.

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Ин ки ба тӯи халқамон
Вақт расид, дӯстон,
Тӯи башӯҳрати калон,
Лоиқи шаъни ин замон.

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

Пахтаи мост пурбаҳо,
Бахри ҳаёту кори мо,
Нашъунамо бидеҳ варо,
То бишавад Ватан ризо.

Меҳнати халқ бар ҳадар
То наравад, ҳашар, ҳашар!

## ТАРОНАИ СЕГОНА

П а х т а к о р:

— Ман пахтакорам, пахтакор,
Дар пахтакорӣ номдор,
Ободии дунъё бувад
Аз пахтаи ман, ҳуш дор!

Ин ҷомаи кори калон,
Зебо либоси дилбарон,
Ин зебу зинатҳо ҳама
Бошад, рафиқ, аз пахтаҷон,

Ин пахта не, тилло бувад,
Ҳам роҳати дилҳо бувад,
Хуллас, ки бахту давлату
Ҳам обрӯи мо бувад.

Ч о р в о д о р:

— Ҳақ ин ҳама гапҳои ту
Аз ҷумла олам бои ту,
Аммо бигӯ: аз пахта-мӣ
Ин мӯзаҳои пои ту?

Садгуна аз пашмин либос,
Дар хонаҳо зебо палос

Аз пашми гӯсфандони ман,
Хубтар акоятро шинос.

Аз гӯшту шир ҳар қадар
Гирем ҳосил бештар,
Ҳайрон бимонад Амрико
Аз баъди як соли дигар.

Зироаткор:

— Ҳақ ин ҳама гапҳоятон,
Эй дӯстони қаҳрамон:
Аммо зироат, боғ ҳам
Дорад басо нафъи калон.

Ин меваҳои шаҳдбор,
Ширкулчаҳои қуббадор,
Аз меҳнати ман гаштаанд
Дар рӯи дастурхон қатор.

Бе ғаллаву бе меваҷот,
Бешубҳа, мелангад ҳаёт.
Дар соҳаҳои зиндагӣ
Кӯшем бо азму субот.

Ҳарсе:

— Ҳам пахтакорӣ мекунем,
Ҳам боғдорӣ мекунем.
Аз баҳри чорвои худ
Кишти ҷуворӣ мекунем.

Маҳсули мо афзун шавад
Партия ҳам мамнун шавад.

## ЗУЛФИЯ

Зулфияхони пахтакор.
Духтари хуби ин диёр,
Чипакчии овозадор,
Ба меҳнат аст устувор.

Духтари номдори мо,
Лоиқи ифтихори мо.

Пахтаи ӯ шукуфта бин,
Соҳиби ҳусн шуд замин —
Чун чаман аст нозанин,
Завқ диҳад ба пахтачин.

Духтари номдори мо,
Лоиқи ифтихори мо.

Фасли хуши баҳор буд,
Мавсими киштукор буд,
Шому саҳар ба кор буд,
Дар сари пахтазор буд.

Духтари номдори мо,
Лоиқи ифтихори мо.

Машинаҳо шуда қатор,
Хирмани пахта карда бор,
Зулфияхон шуда савор,
Сӯи завод раҳсипор.

Духтари номдори мо,
Лоиқи ифтихори мо.

## ДЕҲҚОН

Ҳар рӯз саҳаргоҳон,
Саҳро биравад деҳқон,
Меҳнат бикунад чандон
Бо ғайрати бепоён,

То ин ки замин неъмат,
Бидҳад ба ту беминнат.

Покиза заминатро
Аз хору алаф бинмо,
Ин гуфта бикун иҷро,
Маҳсул шавад аъло,

То ин ки замин неъмат
Бидҳад ба ту беминнат.

Бошад ба сарат тобон,
Моҳи пури нурафшон,
Бахту фараҳу эҳсон,
Гардида туро пазмон,

То ин ки замин неъмат
Бидҳад ба ту беминнат.

Вақте ки расад ҳосил,
Бар ид шавӣ ноил,
Пӯшида либоси нав
Афкан ту ғубор аз дил,

То ин ки замин неъмат
Бидҳад ба ту беминнат.

## ҲАМШИРАИ КӮЛОБӢ

Овозаи бисьёрат,
Бурдам ба сари корат,
Гуфтам, ки зафар ёрат,
Ҳамшираи кӯлобӣ.

Дасти ту пуробила,
Бе гилаву ҷингила,
Меҳнаткаши беҳила,
Ҳамшираи кӯлобӣ.

Аз пахта пурат доман,
Дидам ба сари хирман
Гуфтам, ки фидоят ман,
Ҳамшираи кӯлобӣ!

Гуфтӣ, ки фидо гаштан —
Бе пахта барин хирман.
Як шеър бигӯ чун ман,
Ҳамшираи кӯлобӣ.

Эй духтари ғайратдор,
Бо кори ту гардам ёр,
Гуфтӣ, ки ҳунар даркор,
Ҳамшираи кӯлобӣ!

Гуфтам, ки биёям кай?
Гуфтӣ, ки бипурс аз вай,
Писханд набошад шай,
Ҳамшираи кӯлобӣ!

Гуфто, ки гапатро мон,
Вақт аст, ғанимат дон,
Овора макун меҳмон,
Ҳамшираи кӯлобӣ!

Гуфтам, ки каме боз ист,
Чинакчии аъло кист?
Гуфтам, ки каме бозист,
Ҳамшираи кӯлобӣ!

Дар ид биё, Боқӣ,
Гар пахтара муштоқӣ,
Бишкан ту лаби тоқӣ,
Ҳамшираи кӯлобӣ!

## ИДИ ЗАФАР

Омад хабар зи Маскав,
Аз фатҳу нусрати нав,
Халқи далер бишнав!

Ин хушхабар муборак!
Иди зафар муборак!

Фашизм зери по шуд,
Таслими дасти мо шуд,
Буньёди ӯ фано шуд.

Ин хушхабар муборак!
Иди зафар муборак!

Имрӯз халқи кишвар,
Марду зани диловар,
Ҳар як сухан кунад сар,

Гӯяд: — зафар муборак!
Бахти башар муборак!

Эй кишвари кабирам,
Ҳам лашкари далерам,
Сарбози беназирам,

Ин хушхабар муборак!
Иди зафар муборак!

Мақсуд гашта ҳосил,
Аз мост фатҳи комил,
Гӯяд ба гӯш ҳар дил:

Иди зафар муборак!
Бахти башар муборак!

Имрӯз шӯҳрати мо,
Овоза шуд ба дуньё,
Гӯянд пиру барно:

Иди зафар муборак!
Бахти башар муборак!

Дар шохи сарву сунбул,
Хонад суруд булбул,
Гӯяд ба ханда бо гул:

Иди зафар муборак!
Бахти башар муборак!

Эй халқи меҳрубонам,
Урдуи қаҳрамонам,
Васфи туро бихонам,

Гӯям: — Зафар муборак!
Бахти башар муборак!

## БАҲОРИ ТОҶИК

Дилам кушояд зи пахтазорон,
Ба шавқ оям аз кори ёрон,
Ҷадал намоям бо рӯзгорон,

Фараҳфизо шуд баҳори тоҷик
Чи дилрабо шуд нигори тоҷик!

Бо нозу неъмат Хуҷанд машҳур,
Бо ноку қандак,
анору ангур,
Кунад Ватанро ҳамеша масрур,

Фараҳфизо шуд баҳори тоҷик,
Чӣ дилрабо шуд нигори тоҷик!

Зи шарфаи Сир шарора хезад,
Ба шаҳр, гӯӣ,
ситора резад,
Насим ҳар сӯ абир безад,

Фараҳфизо шуд баҳори тоҷик,
Чӣ дилрабо шуд нигори тоҷик!

Ба фазлу дониш амал намоем,
Зи ҷӯши ғайрат ҳунар физоем,
Ба чашми ибрат ҷаҳон кушоем,

Фараҳфизо шуд баҳори тоҷик,
Чӣ дилрабо шуд нигори тоҷик!

## СУРУДИ БОҒБОН

Дилбару зебост касби боғбон,
Кӯҳу саҳро гардад аз вай бӯстон.

Ин ҳунарро ман ситоиш мекунам,
Аз дилу ҷон, аз дилу ҷон, дӯстон!

Шод ҳастам, меваҳои боғи ман
Файз меорад ба ҳар дастурхон.

Шод ҳастам, ҳосили дасти маро,
Меписандад аҳли ҳар як хонадон.

Себу ангуру анори боғи ман,
Меравад то Маскави пуршаъну шон.

Одчунон ман боғҳо барпо кунам,
То шавад аз мева пур рӯи ҷаҳон.

## ОФТОБПАРАСТ

Ҳаргиз аз сел офтобпараст
Дар ягон ҷо намешавад пинҳон:
Лои часпак ду пои ӯро баст,
Об байни қаторҳо тозон.

Каллазард асту доғи кунҷиддор,
Телпаки нимшикан ба сар дорад.
Наравад ҳеҷ ҷо зи рӯи қатор,
Ки ба вай раъду барқ мефорад.

## БАХТЁРАМ КАРДАЙ

Духтари тоҷик, ба сӯзи ишқ ёрам кардаӣ,
Пурҳарорат офтоби рӯзгорам кардаӣ.

Ҳусни ту бо кори ту пайваст, зеботар шудӣ,
Мисли мавҷи рӯи дарьё беқарорам кардаӣ.

Зиндагӣ аз кору ҳуснат ёфта ин обутоб,
Пур зи сарват, нозанин ҷоно, диёрам кардаӣ.

Бахт шуд аз меҳнатат монанди тиллои сафед,
Дар сари тасвири корат номдорам кардаӣ.

Мечакад ҳар гаҳ зи рухсори арақшорат арақ,
Гӯиё дур аз сари шафқат нисорам кардаӣ.

Пеш рафт овозаи кори ту гар аз шеъри ман
Лек, ҷонам, дар ҷаҳон овозадорам кардаӣ.

Резад аз даҳ панҷаат дар арсаи меҳнат ҳунар,
Бо ҳунар дар роҳи меҳнат раҳсипорам кардаӣ.

Кӯҳҳои саркаши моро назебад сархамӣ,
З-ин сабаб ҳам сарфарозу бовиқорам кардаӣ.

Даъватам карди, биё ҳамроҳи ман дар пахтазор,
Байни ёрон ин қадар боэътиборам кардай.

Кош, ҳамроҳи ту Боқӣ пахта чинад умрбод,
Умрҳо гӯяд, ки дилбар, бахтьёрам кардай.

## РУБОИЁТ

Дирӯз ба сарзамини колхоз шудам,
Ҳамсӯҳбати мардумони мумтоз шудам,
Дидам,
ки зи пахта гашта ҳар ҷо хирман,
Аз ҳосили корашон сарафроз шудам.

* * *

Ҷонона даруни пахтазорат дидам,
Дар чидани пахта зарбдорат дидам.
Дар рӯйхати котиби колхозат ман,
Ҳар рӯз ду норма рӯзи корат дидам.

* * *

Меҳнат чу калиди бахт бошад, эй ҷон,
Созад ҳама мушкилоти корат осон!
Эй дӯст,
зи ҷону дил ту ҳам меҳнат кун,
Ёби ту ҳамеша ҳурмату иззату шон.

* * *

Вахше, ки варо буд ҳамин гуна мақол:
— Манзилгаҳи шеру рӯбаҳу хирсу шағол,
Аз меҳнати шоистаи халқу Ватанам,
Гардида макони лаълу гавҳар алҳол.

* * *

Ман садқаи гур-гури трактори туям,
Мафтуншудаи чобукии кори туям.
Имсол бирафта пахтаҳоят дидам,
Дилдодаи меҳнати сазовори тӯям.

* * *

Колхозчӣ, тӯй ваъда кардӣ моро,
Гуфтӣ,
ки плони пахта гардад иҷро.
Имрӯз плони пахтаро пур кардем,
Акнун бинамо ба ваъдаи хеш вафо.

* * *

Ин духтари пахтачин ба кор устод аст,
Халқи Ватан аз меҳнати ӯ дилшод аст,
То сесаду панҷоҳ килло пахта бичид,
Ин мӯъҷиза кори духтари озод аст.

* * *

Имрӯз шиори Очаой: «Пахтая чин!»
Бар чиниши ӯ халқ бигуфто таҳсин.
Бингар,
ки барои обрӯи халқаш,
Даҳ тонна чинад пахта дар ин сол бубин.

* * *

Сардори звено Қумрихон дар колхоз,
Овозаи шӯҳрати ӯ омад Дарвоз.
Аз Қалъаихум дар ҳаваси дидораш
Дар аэроплон нишаста кардам парвоз.

* * *

Кӯктош бирафта Қумрихонро дидам,
Ман ҳосили меҳнати варо санҷидам.
Хушнуд шудам зи меҳнати шоёнаш,
Якчанд рубоиро ба ӯ бахшидам.

* * *

Ин гуна касон дар ин Ватан бисьёр аст,
Дар кишвари мо беҳунарӣ? Ин ор аст!
Ҳар кас, ки ки барои халқ хизмат бикунад,
Номаш абадӣ зинда ба ҳар ашъор аст.

* * *

Аз пахта Ватан зи мо плон пурсидааст,
То як саду сӣ ҳазор тон пурсидааст,
Аз халқи далери Тоҷикистони азиз,
Партияи меҳрубонамон пурсидааст.

* * *

Эй дӯст, биё,
меҳнати шоён бикунем,
Дар пеши Ватан адои паймон бикунем!
Як паға зи пахтаҳо нагардад нобуд,
Читу сатину шоҳӣ фаровон бикунем!

* * *

Дирӯз рафиқи ман зи шаҳри Қӯрғон,
Фарьёд маро намуд ӯ бо телефон:
— «Иҷрои плони пахта омад наздик,
Дар тӯи калони мо, биё, шеър бихон!»

* * *

Ман шоирам, эй раиси колхоз бидон,
Хоҳӣ, ки шавад номи ту машҳури замон.
Ҳар сол плони пахтаатро пур кун,
Дар васфи ту ман шеър нависам чандон.

* * *

Бо меҳнати хеш Рӯзиҷон машҳур аст,
Дар чидани пахта паҳлавони зӯр аст,
Чандон бидиҳад зи пахта имсол, бубин,
Халқи Ватан аз меҳнати ӯ масрур аст.

* * *

Эй ёру бародарони мулки озод,
Гардида Ватан зи меҳнати мо обод.
Бо қувваи большевикӣ ғайрат бикунем,
Партияи маҳбуб шавад аз мо шод!

* * *

Халқе, ки варо партия шуд ғамхораш,
Ҳам раҳбару ҳам сарвару ҳам сардораш,
Бешубҳа ба ҳар ҷабҳа биғардад ғолиб,
Доим зафару шараф бувад дар кораш.

* * *

Бар ваъдаи хеш мо вафо мехоҳем,
Иҷрои супориш ҳама ҷо мехоҳем.
Дар кишвари бахт сарфарозем, ки мо
Сад давр зи азми худ ризо мехоҳем.

# СУРУДАМ ШОҲИДИ МЕҲРУ ВАФОВУ АҲДУ ПАЙМОНАМ

## ИШҚ

Ишқ бар ҳастии кас нашъунамо мебахшад,
Ишқи покиза ба дил сидқу сафо мебахшад.
Ишқ чун гавҳари чашм аст, азизаш доред,
Ба дилу ҷону тану рӯҳ зиё мебахшад.
Зиндагиро бидиҳад ишқи ҷавонӣ оро,
Орзуву ҳавасу завқи расо мебахшад.
Ишқ варзидану ҷон бохтан осон набувад,
Бе ҷадал меҳнати кас файз куҷо мебахшад?
Ишқи Фарҳоду бузургиву ҷавонмардии ӯ
Достонест, ки як умр вафо мебахшад.
Санг бе меҳнату заҳмат нашавад лаъл, бидон,
Ишқ бар булҳавасон хоки сиёҳ мебахшад.
Ту куҷо, ишқ куҷо, сурати бесирату зишт,
Занг бар оина кай тоби ҷило мебахшад?
Даст бар шишаву ханҷаркашиву даъвии ишқ
Кайф бар ҷоҳили бешарму ҳаё мебахшад.

## ВАФО КУН

Ба ман гуфтӣ, ки андак сабр бинмо,
Ба охир мерасад имсол мактаб,
Пас аз он ҳарду бо тӯю тамошо
Шавем осуда дар оғӯши мактаб!

Чӣ мегуфтам дигар ғайр аз ташаккур?
Намудам сабру тоқат бо дили пур.

Гирифтӣ номаи фазлу камолат,
Чаро имрӯзҳо ту камнамоӣ?
Агар пурсам намеояд малолат
Вафо бар ваъдаи худ менамоӣ?

Шунидам баъди ин қадр интизорӣ
Ту гӯиё ба хондан азм дорӣ?

Азизам мактаби мо бешумор аст,
Яки онро расонӣ гар ба охир,
Дигар бикшода дарро интизор аст,
Мабодо гуфта монӣ: — рав, шудӣ пир!

Ба дастат, бахтьёрам, ихтиёрам,
Ба ҷуз тоқат илоҷе ҳам надорам.

Бихон, то метавонӣ, ман ризоям,
Вале бар аҳду паймонат вафо кун,
Агар дидӣ каме савҳу хатоям,
Дар он сурат ба ҷонам сад ҷафо кун!

Зи дарси сидқ бинмо имтиҳонам
Миёни дӯстон, дардат ба ҷонам!

## ДУШАНБЕ

Чӣ хушо ки гулшани мо, на хазон, на хор дорад,
Чаманест сабзу хуррам, ҳама дам баҳор дорад.

Зи насими форамаш дил ба даруни сина рақсон,
Ба канори шаҳру саҳро гулу гулъузор дорад.

Зи ҷамоли гулрухонаш, маҳи нав кашад хиҷолат,
Зи камоли офаринаш Ватан ифтихор дорад.

Дами субҳ муждаи нав ба ту ҳар нафас расонад,
Гаҳе хонад аз зафарҳо, гаҳе машқи тор дорад.

Чӣ аҷаб дарахтҳояш, гули нури байни баргон,
Ба сари бутони тоҷик чу гуҳар нисор дорад.

На садои савти булбул зи фироқи орази гул,
Бирасонад ӯ ба шодӣ, ки зи ғусса ор дорад.

## ХАЁЛИ ДӮСТ

Хаёли дӯст ба дил ҳамчу меҳр ҷо карда,
Ҳавои ишқ бубин, ки ба ман чиҳо карда.

Тавофи гулшану кӯи висоли ёр кунам,
Ки ҳоҷати ҳамаро ошиқӣ раво карда.

Таваҷҷӯҳи дили мискин ба сӯи манзили васл,
Хаёли рӯи варо арзи муддао карда.

Бунафша дар талабаш сар ба пеш афканда,
Гул аз паяш бадани ҷомаро қабо карда.

Ба пои сарви қадаш андалеб афтода,
Барои васфи рухаш шевану наво карда.

Ҳар он касе, ки зи ҳаҷри висол шуд бемор,
Ба доруи ғами ишқ ӯ варо даво карда.

Хушаст шавқи дилу дарди ишқ, эй Боқӣ,
Чи неъмате, ки аҷаб баҳри кас ато карда.

## ОМАД

Ногаҳ бақои умрам аз пушти бом омад,
Бахти сафед бингар ҳангоми шом омад.

Гум карда дасту поям дил метапид аз шавқ,
Дидам, ки дар бари дар моҳи тамом омад.

Шарму ҳаё дамида гирди лабаш чу шабнам,
Аз ғунчаи муродам бӯи калом омад.

Зулфони ӯ мушавваш аз оташи ҷамолаш,
Лаълу ақиқ ҳамсон бо сими хом омад.

Истода рӯ ба рӯям мисли рамида оҳу,
Пай бурдам аз нигоҳаш бошад, ки ром омад.

Дилро гирифта гуфтам: ин аст тӯҳфаи васл,
Хандида гуфт бедил, ин дил чу дом омад.

Чун сими барқ меҳраш печонд ҷисми Боқӣ,
К-аз оташи муҳаббат сӯзи мудом омад.

## ИДИ САНЪАТ

Имрӯз иди санъат,
Иди мунаввари мо.
Шодона месарояд
Халқи ҳунарвари мо.

Колхозчию шофёр
Ба ҳамдигар дар ин ҷо
Хонанд хуш суруде
Бар васфи мулки зебо.

Раққоса духтарак, бин,
Ояндааш дурахшон.
Чун кавкабе,
ки рахшад
Бар синаи далерон.

Ҳам ҳиссу дил ҷавон аст,
Ҳам шеъру созу оҳанг,
Ҳам санъати қадимӣ,
Ҳам тору ғижжаку чанг.

Ҳам табъи мо равон аст,
Хушбахт одамонем.

Раққосу мутрибону
Ленинчии ҷавонем.

Оҳангу рақсу хониш
Оварда аз дилу ҷон,
Баҳри шумо дар ин ид
Аз мулки Тоҷикистон.

Халқи далери тоҷик
Аз бахти хуш сарояд,
Бигзор боби нав-нав
Дар зиндагӣ кушояд.

## ДИЛБАРИ ФАРЗОНА

Азизам, ҳаст дар дил орзуям,
Паи ин орзу дар ҷустуҷӯям,
Ки то дар соли нав як шеъри хубе
Ба васфат аз фараҳмандӣ бигӯям.

Ба ин мақсад саҳар кардам шабонро,
Накарда хоб, коҳиш дода ҷонро,
Суханро хостам гулчин намоям,
Ки то хурсанд созам дӯстонро.

Намедонам, ки эй фарзона дилбар,
Нахустин аз куҷо гапро кунам сар?
Кадомин имтиёзу хислататро
Нависам пурратар, хушрӯю хуштар?

Сухан ронам ман аз ҳусну ҷамолат,
Ва ё аз шӯҳрати фазлу камолат,
Ва ё аз корҳои дилиазират,
Ва ё аз умру бахти бемисолат?

Чунон имрӯз, ҷонон, арҷмандӣ,
Ба назди халқу кишвар сарбаландӣ,
Қалам оҷиз шавад ҳангоми тасвир
Нишотеро, ки аз он судмандӣ.

Агар гӯям, ки моҳи осмонӣ,
Агар гӯям, ки донои замонӣ,
Агар гӯям, ки якто қаҳрамонӣ,
Чӣ суд, ин гуфтаҳоро нағз донӣ.

Сурудеро, ки кардам ҳадьяи ту,
Набошад он қадар инъоми дилҷӯ,
Вале чун барги сабзи арча гуфта,
Ҳар он чӣ мерасад аз дӯст, некӯ.

## КАЙ МЕОЙ?

Нигоро, чаро ин қадар камнамой,
Ки бар пурсиши ҳол наздам наой,
Магар ин бувад хислати ошной,
Кӣ мондӣ маро дар азоби ҷудой!

Надонам, куҷой! Надонам, куҷой!

Магар фурсатат тангу кори ту бисьёр,
Зи ман ё дили нозукат дида озор?
Намефаҳмам, эй меҳрубонам, чӣ асрор,
Туро ман надидам дар ин маҳ ягон бор,

Надонам, куҷой! Надонам, куҷой!

Дар ин рӯзҳо ҳар тараф мешитобам,
Ки шояд, ба бахтам, хабар аз ту ёбам,
Ба ҷонат, ки ҷонона, дар изтиробам,
Бо ёди рухат рафта аз дида хобам.

Надонам, куҷой! Надонам, куҷой!

Ба ман динакак омада гуфт Барно
Ки аз дарсҳо имтиҳон дода аъло,

Магар рафтаи аз барои тамошо
Ба Маскав ту, эй Нинаи зулфтилло?

Надонам, куҷой! Надонам, куҷой!

Ғаҳи рафтани худ, нигоро, чӣ мешуд,
Хате менавиштӣ ту, ёро, чӣ мешуд?
Хабар менамудӣ ту моро, чӣ мешуд?
Сафар менамудем якҷо, чӣ мешуд?

Надонам, куҷой! Надонам, куҷой!

Ту медонӣ, Маскав бағоят калон аст,
Умеди ҳама халқи рӯи ҷаҳон аст,
Ба ман адресат, дӯстам, ноаён аст,
Агар хат нависам, ту гирӣ, гумон аст.

Надонам, куҷой! Надонам, куҷой!

Агар рафтаву ин хатамро бихонӣ,
Саломи самимӣ ба Маскав расонӣ!
Ташаккур бигӯ баҳри бахти ҷавонӣ,
Ки дорӣ чунин сайру хуш зиндагонӣ,

Фиристон бароям хате армуғонӣ!

## СУРУДИ МАН

Сурудам — шоҳиди меҳру вафову аҳду паймонам,
Хушоҳангу фараҳбахш аст — мегӯянд ёронам.

На ҳар як сатри ашъорам фурӯзон з-оташи илҳом,
На ҳар як шеъри ман гашта суруд аз баҳри хосу ом!

Вале нацме, ки булбул месарояд зери нури он,
Дилу табъи маро ҳам гоҳе-гоҳе мекунад рахшон.

Ҳар он чизе ки андар роҳи мақсудам дучор ояд,
Кунам васфаш, аз он шеърам равон, чун чашмасор ояд,

Садои аҳли меҳнат дар сурудам мешавад такрор,
Садои кӯдакони даври фирӯзу навозишкор.

Ба оҳанги сурудам мешавад пайваста ҳам-овоз
Садои дастгоҳи коргар бо мардуми колхоз.

Саёҳат мекунам чун мулки худро бо дили пурҷӯш,
Зи ҳар сӯ созу овози сурудам мерасад бар гӯш.

Баробар бо ҳаёти халқи пуршонам қадам монам,
Чу фарзанди садоқатманди ӯ бо аҳду паймонам.

Бувад то ҷон ба тан, бо аҳли меҳнат ҳамсафар ҳастам,
Ситода дар сафи аввал, қалам бигрифта дар дастам.

Ба ёдам ҳаст: рӯзе рафта будам ман Қаротегин,
Нишастам, дам гирифтам дар канори чашмаи Ленин.

Баногоҳе шунидам як суруди дилкашу форам,
Ки меомад зи байни кӯҳсору водии хуррам.

Суханҳои суруди хешро бишнохтам дарҳол,
Кабӯтарворашон сар дода будам баҳри истиқбол.

Бигӯ бар ман, аё хонандаи саҳрои колхозӣ
Писандат шуд магар, мехонӣ онро бо хушовозӣ?

Ҷавобам дод: «Ҳар як сатри ту бо маънии мавзун
Қарору сабр бурду кард дилро ин қадар афсун!

Бихондам аз сурудат васфи кори қаҳрамононро,
Бихондам аз сурудат васфи ишқи навҷавононро.

Сурудатро ба саҳроҳо бихондему ҳунар кардем,
Зи пахта ҳосили аъло гирифта, мо зафар кардем!»

Баногоҳе чу бишнидам суруди хеш, шуд пайдо
Ба ман фикре, ки ҷои шоир аст албатта, дар ин ҷо.

Равонам бо ҳаёт, аммо сурудам пештар гардад,
Умедам ин ки бо халқам ҳамеша ҳамсафар гардад.

## ЧЙ ГУЯМ?

Пурсад агар касе
Дар борaи сухан,
Гӯям ба ӯ чунин,
Ӯ ҳаст ҷони ман.

Гӯям, ки духтаре
Чун сими бегаш аст,
Аз шӯълаи рухаш
Дилҳо дар оташ аст.

Гӯям ба рӯи ӯ
Н-афкандаам назар,
Парвонасо варо
Кай гашта гирди сар?

Ман дӯст дорамаш
Монанди ҷон ба ҷон,
Не чашми ӯ хумор,
Не ҳоли ӯ аён.

Гар рухсатам диҳад
Гӯям чунин сухан,
Гардидаам ман ӯ,
Ӯ гаштааст ман.

3-он дам, ки ишқи ту
Дар сина парварам,
Мехостам шавӣ
Келин ба модарам.

Ой ба хонаам
Бо шодию сурур,
Пошӣ ба манзилам
Аз чашмҳот нур.

Пурсанд, дилбаро,
Гӯям чӣ дар ҷавоб?
Ё ин ки ишқи мо
Афсонаасту хоб?

## ДИЛБАРИ БАДАХШОНӢ

Дилбари бадахшонӣ, саҳна зеби ҷавлонат,
Созу рақсу хониш кун баҳри халқу давронат,
Ҳар гаҳе расад бар гӯш бо рубоб илҳонат,
Шодмонӣ афзояд бар дили рафиқонат,
Фахр карда гӯяндат, офарин ба Шуғнонат!

Бин, ки шаҳри Душанбе, гаштааст чунин обод,
Марду зан дар оғӯшаш ҷумла хурраму дилшод,
Баҳри роҳати мардум қасрҳо шуда бунёд,
Дар тараққии санъат, нав ба нав бикун эҷод,
Санг гашта лаъл акнун дар кафи Бадахшонат.

Нест пеши халқи мо, мушкилоти ноосон,
Шасти зӯри бозӯяш кӯҳро кунад талқон,
Дар ривоҷи ҳар коре, баҳри мост ҳар имкон,
Гӯй тоза оҳанге бо ҳавои кӯҳистон,
То расад зи ҳар сӯе раҳмати фаровонат.

Аҳли санъату санъат қадру қиматаш афзун,
Халқ дӯст медорад ин ҳунар зи ҳад берун,
Қалбро диҳад сайқал, нағмаҳои гуногун,
Гар ки мутриби хушхон, нав ба нав кунад мазмун,
Ту бишав чунин устод, ман шавам ғазалхонат.

## ШОДИИ ДИЛ

Ин шодии дил аз рухи зебои ту, ёро!
Шуд роҳати ҷон нозу таманнои ту моро,
Аз шавқи хаёли ту сурурест ба сина,
Кай бе ту равам сайри Самарқанду Бухоро.
Бе гулшани рӯят накунам ёди рухи гул,
Аз софии ҳусни ту чаман гашт дилоро.
Бо ҳусни ту ҳамранг шуда фазлу камолат,
Омехта чун ширу шакар гашт гуворо.
Қурбони замон гардаму устоди муаззам,
Додаст туро бахту шараф, ақли расоро.
Дар дафтари Боқӣ наравад ҳарфи хатое,
Умрест сароянд ғазали сидқу вафоро.

## БАҲОР

Чун ба тарфи гулшани кӯят гузар дорад баҳор,
Ҳамчу шабнам дар ҳавоят дурр ба сар дорад баҳор.

Ҳар баҳореро гулистон, ҳар гулеро булбуле,
Аз ҷамолат дам ба дам ранги дигар дорад баҳор.

Гар баҳор аз соғари ҳуснат нанӯшидаст май,
Аз чӣ рӯ паймонаи пур аз шакар дорад баҳор!

Дар баҳорон оварад аз бӯи гулзорат сабо,
З-он ҳавои шавқу гулҳоят ба сар дорад баҳор.

Лутфат аз ҷони назокат рехта дар коми ӯ,
Сад чаманзори латофат ҷилвагар дорад баҳор.

Гар гирифтори ҷамолат нест, ҳикмат чист, бас
Зардии рухсори гул чун оби зар дорад баҳор.

Опчунон аз файзи ин даврон тароват ёфтӣ,
К-аз тамошои ҷамолат баҳра бардорад баҳор.

## ДУХТАРАКИ НОМДОР

Духтараки номдор,
Ёракашро интизор,
Дар танаш куртаи шол,
Рухсорааш чун анор.

Аммо наёмад ёраш,
Он бевафо дилдораш,
Зоҳир бишуд хиҷолат
Дар рӯи чун анораш.

Наёмадӣ ёракаш,
Бевафо дилдоракаш,

Мӯҳояшро бо гулҳо
Гирди сар дода оро,
Наёмадӣ ёракаш,
Бевафо дилдоракаш.

Пажмурда гашта гулҳо,
Бӯ ҳам рафта аз онҳо.
Дарро кушода монда,
Чашмаш ба роҳ доимо

Бо умеде меой,
Меорӣ куртаи шоҳӣ,
Аммо наёмадӣ ту,
Шуд ҷои хобаш холӣ.

Наёмадӣ, ту ёраш,
Эй бевафо дилдораш.

Нигоҳ дошта вақти хоб
Як бӯсаи ҷудо боб,
Наёмадӣ ёракаш,
Он бӯса ҳам бишуд об.

## АРӮСИ БАҲОР

Насими форам аз Варзоб хезад,
Ба рӯи шаҳр мушку атр безад,
Саҳар аз домани худ файз резад,
Зи авҷи равшаной шаб гурезад.

Душанбе дар канори кӯҳсор аст,
Арӯси нозанини навбаҳор аст!

Дилоро пойтахти тоҷикон аст,
Ба даври безаволи мо ҷавон аст,
Бад-ин фархундагӣ зеби ҷаҳон аст,
Тароватбахши шеъру достон аст.

Душанбе дар канори кӯҳсор аст,
Арӯси нозанини навбаҳор аст!

Дар оғӯшаш саноатҳо фаровон,
Занад фаввора нури илму ирфон,
Бувад сарчашмаи эҷодкорон,
Зи номи ӯ бинозад Тоҷикистон.

Душанбе дар канори кӯҳсор аст,
Арӯси нозанини навбаҳор аст!

Чанористон шуда ҳар кӯчабоғаш,
Зи байни шохаҳо тобон чароғаш,
Расад то қулла маъвои фароғаш,
Зи даври ильичӣ равшан димоғаш.

Душанбе дар канори кӯҳсор аст,
Арӯси нозанини навбаҳор аст!

## ТИРОЗИ ҶАҲОН

Шаҳри зебову қадими тоҷикон
Шуд Хуҷанд имрӯз Тирози Ҷаҳон,
Гашт симояш дигаргун ин замон,
Ёфта аз Ленин зи нав умри ҷавон!

Шаҳри Ленин сарфарозӣ мекунад,
Дилбариву дилнавозӣ мекунад.

Рӯ ба мавҷи баҳр мешӯяд, саҳар,
Мешавад аз барқ чашмаш шӯълавар,
Файз меборад ба рӯи бому дар,
Гашта маъвои дил аз дасти ҳунар.

Шаҳри Ленин сарфарозӣ мекунад,
Дилбариву дилнавозӣ мекунад,

Одамони қадрдону меҳрубон,
Мӯнису соҳибтамизу нуктадон,
Шаҳрро доданд дорои замон,
Тӯй дорад, тӯи умри ҷовидон.

Шаҳри Ленин сарфарозӣ мекунад,
Дилбариву дилнавозӣ мекунад.

## ШОИСТА, ШОИСТА

Саро, эй булбули боғи Ватан, Шоиста, шоиста,
Сурудат бишнавад ҳар анҷуман, Шоиста, шоиста.
Ба оҳанги рубобу чанг савти тоза иншо кун,
Ки файзи нав ба нав дорад чаман, Шоиста, шоиста.
Чунон чаҳ-чаҳ бизан, к-аз чаҳ-чаҳат дил бар хурӯш ояд,
Ки булбул аз ту омӯзад сухан, Шоиста, шоиста.
Насими сулҳ овози хушат мавҷи фазо орад,
Ба гӯши пиру барно, марду зан, Шоиста, шоиста.
Наво дар гулшани пур аз сафои Тоҷикистон кун,
Ки бинвисам ба васфат шеър ман, Шоиста, шоиста.

## РАҲНАМО

Партияи Коммунистии мо,
Дар ҷаҳон гашта шӯҳратбаланд,
Барфарохт байрақи коммунизмро,
Шуд ба инсоният арҷманд.

Н а қ а р о т:

Доимо бар зафарҳои мо
Бошараф партия раҳнамо!
Халқҳои советизамонем,
Дӯстӣ байни мо ҷовидон,
Ҳар куҷо қодири сохтмонем,
Бахти мо шуд фурӯзон аз он.

Н а қ а р о т:

Доимо бар зафарҳои мо,
Бошараф партия раҳнамо!

Сулҳу амнияти халқҳоро
Мо мубориздарии посбонем,

Зинда бод кори ҳаққонии мо!
Халқҳоро ба мақсад расонем!

Н а қ а р о т:

Доимо бар зафарҳои мо,
Бошараф партия раҳнамо!

## МОСКВАИ МАН

Ту зеби тоза ҷаҳонӣ,
Ту бахти оламиёнӣ,
Макони сулҳу амонӣ,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман.

Ҳақиқат аз ту шунидам,
Саодат аз ту бидидам,
Ба қудрат аз ту расидам,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман.

Зи туст нури чароғам,
Зи туст зинати боғам,
Зи туст тоза димоғам,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман.

Зи бас туруст ҳамоин,
Мақоми халқи маро бин,
Ба рӯи қуллаи Ленин,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман.

Даме, ки васфи ту гӯям,
Каломи тоза биҷӯям,
Фурӯғи даври накӯям,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман.

Нигаҳ кунам ба заминам,
Ба деҳу шаҳри навинам,
Шукӯҳи акси ту бинам,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман,

Даме, ки пой ниҳодам
Ба кӯчаҳои ту, шодам,
Ту шаҳри бахту муродам,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман.

Ҳамеша зинда бимонӣ,
Ба бахти сулҳу амонӣ,
Умеди халқи ҷаҳонӣ,

Азиз Москваи ман,
Азиз Москваи ман.

## МО БАХТЬЁРЕМ

Мо ҷавонони саодатманди мулки бахтьёр,
Бар саодатмандии худ менамоем ифтихор,
Дар ривоҷу равнақи ин гулшани доимбаҳор,
Ҷумла мекӯшем, то з-ин ҳам физояд иқтидор.

Нақарот:

Хушбахттарин наслҳои ҷаҳонем,
Солиму содиқу қаҳрамонем,
Оянлаи худро мо медонем,
Бо роҳи Ленинӣ мо равонем.

Мо ҳама фарзандҳои як падар, як хонадон,
Бо ирода, бо матонат, якдигарро меҳрубон,
Раҳ наёбад дар баҳори умри мо ҳаргиз хазон,
Пеши азму қудрати мо марг бошад нотавон.

Нақарот

Партияи аъзами Ленин ба моён сарвар аст,
Ҳам ба мо руси диловар меҳрубону ёвар аст,
Ғояи мо, зӯри мо машҳур дар баҳру бар аст,
Байрақи сурхи советӣ зеби ҳар як кишвар аст.

Нақарот

Навҷавонони ҷаҳон, бандед мустаҳкам камар,
Аз барои бахти худ ғайрат намоеду зафар!
Бахт ҳаргиз бе ҷадал н-ояд ду дасташ пеши бар,
Ҳамчу мо бошед аз умри ҷавонӣ баҳравар!

Нақарот

## ҶАВОНОНИ ЛЕНИНӢ

Бо пайкари пӯлодиву бо маслаки Ленин,
Бо зӯри ҷавонмардиву бо чашми ҷаҳонбин,
Бо қудрату бо ҳиммату бо ғайрату тамкин,
Ҳастем қавирӯҳу далеру зафаройин.

Фармонбари ту, Партия, мо насли ҷавонем,
Бо роҳи ту бар ҷониби оянда равонем.

То хуни ҷавонист дамон дар бадани мо,
Пайваста ба номат ҳама кору сухани мо,
Ҳар рӯз шавад хурраму зебо Ватани мо,
Шоистаи ин ҷашн бувад анҷумани мо.

Фармонбари ту, Партия, мо насли ҷавонем,
Бо роҳи ту бар ҷониби оянда равонем.

Бо меҳнати худ лоиқи номи падаронем,
Бо ҷаҳду ҷадал ҳозири имдоди ҷаҳонем,
Бо илму ҳунар нобиғаи даври замонем,
То киштии мақсуд ба соҳил бирасонем.

Фармонбари ту, Партия, мо насли ҷавонем,
Бо роҳи ту бар ҷониби оянда равонем.

## ИДИ МАЙ

Дар рӯзи иди Май
Пурҷӯшу пурхурӯш
Савти хуши Ватан
Ояд чунин ба гӯш:

Насли диловарам,
Нозед дар барам!

Бо иззу ноз мо
Андар канори ӯ,
Чун ғунчаҳо шуда
Зеби баҳори ӯ.

Нозем дар Ватан,
Аз бахти хештан.

Таърихи бахти худ
Мо нағз хондаем,
Бар хоку санги ӯ
Мо меҳр мондаем.

Мо бо Ватан шудем,
Чун ҷону тан шудем.

Дар тамоми корҳову
Дар нишоти зиндагӣ,
Марду занҳоро
Баробарқадру ҳамтақдир кард.

Бо камолу фатҳу нусрат
Анҷуманро сар кунед,
Номи худро аз Маҳу Миррих
Болотар кунед.

Бо талошу ҳиммати
Дастони бахтэҷоди худ,
Ҳар ваҷаб хоки Ватанро
Боз зеботар кунед.

## МУБОРАКБОД

Идатон бодо муборак
Хоҳарону модарон,
Анҷуман—ҷашни саодатҳои
Истиқболатон!

Мо дар ин рӯзи табаррук
Бо фараҳмандӣ ҳама
Мефиристонем пайғому
Салом аз мағзи ҷон.

Неъмати Октябрь озодист,
Шукраш беҳисоб,
Тӯҳфаи арзанда ин
Баҳри шумо аз Инқилоб.

Қадри онро бештар гӯем
Бар насли ҷавон.
То шаванд аз давлати ӯ
Бештар ҳам баҳраёб.

Шӯҳрати занро
Замони тоза оламгир кард,
Толеи занро
Баланд аз қуллаи Помир кард.

## ЛЕНИНЧИИ ҶАВОН

Дар арсаҳои ҷанг,
Бо найзаву туфанг,
Шуд пешсаф мудом
Дар ҳифзи ному нанг.

Ленинчии ҷавон,
Сарбози қаҳрамон.

Дар лаҳзаҳои сахт
Бар зидди тоҷу тахт
Ҷанги шадид кард,
Овард фатҳу бахт.

Ленинчии ҷавон,
Сарбози қаҳрамон.

Дар рӯзи гарму сард,
Тӯфону дуду гард,
Асло қафо нагашт
Шуд пухта дар набард.

Ленинчии ҷавон,
Сарбози қаҳрамон.

Партияи ҷасур,
Орандаи сурур

Парвард инчунин,
Бо азми сахту зӯр.

Ленинчии ҷавон,
Сарбози қаҳрамон.

## ИФТИХОР

Марҳабо, дӯстон, паҳлавонон,
Қаҳрамонони майдони кор!
Карда ичро шумо аҳду паймон,
Тоҷикистон кунад ифтихор.

Раҳмату офарин, эй рафиқон,
Қудрату шаъну шони Ватан,
Мефиристам салом аз дилу ҷон,
Бар шумо андар ин анҷуман!

Дар ҳама ҷабҳаҳо доимо
Якдилу ҷон кунем мо зафар,
Хос гашта бо мову шумо,
Донишу кору аэму ҳунар.

Боиси равнақи Тоҷикистон
Ҷумла якҷоя ғайрат кунем!
Гул кунад кӯҳу дашту биёбон,
Устуворона меҳнат кунем!

## МАН ИНТИЗОРАМ

Рӯзи муборак фасли баҳорон,
Рафтам ба колхоз назди ту меҳмон,
Дорам ба хотир,
гуфтӣ, ки: «созем
Қасру биноҳо, бастем паймон».

Ширин нигорам,
Ба шӯҳрати ту,
Ман интизорам,
Ҷонакам,
ман интизорам!

Бо илтифоту ширинзабонӣ,
Кардӣ ҳикоят бо меҳрубонӣ.
Аз орзуҳои навҷавонӣ,
Аз кори колхоз,
аз зиндагонӣ.

Ширин нигорам,
Ба шӯҳрати ту,
Ман интизорам,
Ҷонакам,
ман интизорам!

Дар ёд дорам он рӯзи неку,
Кардӣ иморат бо шаъну обрӯ,
Кори ту донӣ беҳад зиёд аст,
Донистам инро ҳам аз гапи ту.

Ширин нигорам,
Ба шӯҳрати ту,
Ман интизорам,
Ҷонакам, ман интизорам!

## САДОҚАТ

Мерасад ҳар субҳдам бар гӯши ман,
Савту сози халқи маҳбуби Ватан,
Рӯҳ мегирад ғизо андар бадан,
Ишқ меболад ба мағзи ҷону тан.

Мешавад з-он мурғи табъам дар наво,
Месарояд нағма дар сози вафо.

Мерасад роҳатфазо аз ҳар канор,
Сад наво дар сози як оҳанги тор,
Дил даруни синаам бо ифтихор,
Метапад аз шавқу мегирад мадор.

Мешавад з-он мурғи табъам дар наво,
Месарояд нағма дар сози вафо.

Ин наво дар сози қонуни замон,
Муждаи сидқу вафо созад баён,
Ҳамсадо ҳастам ба халқи меҳрубон,
Доимо ҳарфи садоқат дар забон.

Мешавад з-он мурғи табъам дар наво,
Месарояд нағма дар сози вафо.

## ТӮЙ МУБОРАК

Водиву кӯҳу даман, барзану боғу чаман,
Растаи сарву суман карда зи гул пираҳан

Бар ҳамаи марду зан,
Бар ҳама аҳли Ватан
Тӯй муборак шавад,
Тӯй муборак шавад.

Шаҳру деҳи дилкушо ёфта нашъунамо,
Гашт аҷаб дилрабо, гашт аҷаб ҷонфизо!

Бар ҳамаи марду зан,
Бар ҳама аҳли Ватан
Тӯй муборак шавад,
Тӯй муборак шавад.

Дӯст, ба ҳар сӯ нигар, қудрати дасти ҳунар
Карда замонро дигар, дода ҳунарро зафар!

Бар ҳамаи марду зан,
Бар ҳама аҳли Ватан
Тӯй муборак шавад,
Тӯй муборак шавад!

Зеби назарҳост ин, зеби асарҳост ин,
Тӯи ҳунарҳост ин, тӯи зафарҳост ин.

Бар ҳамаи марду зан,
Ба ҳама аҳли Ватан
Тӯй муборак шавад,
Тӯй муборак шавад!

## ТӮЁНА

Мо аз дилу ҷон гӯем табрик туро имрӯз,
Умри туву бахти ту торафт шавад фирӯз.

Рақсида шеър хонем,
Бо ханда гул фишонем,
Оҳанги чангу дафро
То бар фалак расонем.

Дар тӯю тамошоят чандон шуда дилҳо шод,
Оҳанги рубоби мо гӯяд, ки муборак бод!

Рақсида шеър хонем,
Бо ханда гул фишонем,
Оҳанги чангу дафро
То бар фалак расонем.

Дар васфи ҳаёти худ бо шавқ ғазал хонем,
Умри хушу бахти хуш аз баҳри ту хоҳонем.

Рақсида шеър хонем,
Бо ханда гул фишонем,
Оҳанги чангу дафро
То бар фалак расонем.

Ин шодию фирӯзӣ аз Партия бар мо шуд,
Зебанда ҳаёти мо машҳур ба дуньё шуд.

Рақсида шеър хонем,
Бо ханда гул фишонем
Оҳанги чангу дафро
То бар фалак расонем.

## ШИРИН АСТ

Меҳрат, эй кишвари маҳбуб,
чу ҷон ширин аст,
Номи неки ту гирифтан ба забон ширин аст,
Ишқи покат ба дили пиру ҷавон ширин аст,
Ҳар нафас бо ту кашидан ба ҷаҳон ширин аст.

Ту бахти ҷовидонӣ,
Азизу меҳрубонӣ,
Баҳори бехазонӣ,
Ба ҷони мо ту ҷонӣ,
Ба ҷони мо ту ҷонӣ.

Меҳри ту карда дили пиру ҷавонро мафтун,
Аз ту дар нашъунамо шуд
ба ҷаҳон кори коммун,
Аз ту шуд душмани манҳуси башар зору забун,
Халқи дунъё шуда аз фазлу камолат мамнун.

Ту бахти ҷовидонӣ,
Азизу меҳрубонӣ,
Баҳори бехазонӣ,
Ба ҷони мо ту ҷонӣ,
Ба ҷони мо ту ҷонӣ.

Бо ту пайваста шуда ҷону тану ҳастии мо,
Ҳаст бо меҳру вафоят ҳама пайвастии мо,
Шуда дар баҳру бар овоза забардастии мо.
Кӯр шуд дидаи бадхоҳ зи ҳамдастии мо.

Ту бахти ҷовидонӣ,
Азизу меҳрубонӣ,
Баҳори бехазонӣ,
Ба ҷони мо ту ҷонӣ,
Ба ҷони мо ту ҷонӣ.

## БА ҶОНОНА

1

Ҷононаи бахтиёри ман, бахтиёри ман,
Номи ту шуд ифтихори ман, ифтихори ман,
Ҳаргаҳ, ки шеър менависам ман,
Илҳом диҳӣ ба кори ман, ба кори ман,
Ҷононаи бахтиёри ман!

2

Аз ҳосили кори ту, кори ту сарафрозам,
Бо шӯҳратат менозам, менозам,
Шояд, ки ин суруди ман
Созад ба ту дамсозам,
Ҷононаи бахтиёри ман!

3

Шуд ҳосили пахтаат нигори ман, ёри ман,
Шӯҳратбаланд дар диёри ман, ёри ман,
Аз фатҳи ту болида табъи ман, табъи ман,
Ҷононаи номдори ман, зебандаи рӯзгори ман.

## ЭЙ ЧАРОҒ

Байни кӯҳу камар,
Байни хавфу хатар
Баҳри ман доимо
Будӣ имдодгар.

Эй чароғ, эй чароғ!
Бар раҳам нур бор,
Шӯъла зан, шӯъла зан,
То шавам бахтиёр!

Дурӣ аз ман, вале
Мисли ту шӯълавар
Рӯи ях менамуд
Нур ҳам дар назар!

Эй чароғ, эй чароғ!
Бар раҳам нур бор,
Шӯъла зан, шӯъла зан,
То шавам бахтиёр!

Шуд чароғон зи ту
Хонаи ёри ман,
Шавқ бахшад ба дил
Чашми дилдори ман.

Эй чароғ, эй чароғ!
Ба раҳам нур бор.
Шӯъла зан, шӯъла зан
То шавам бахтиёр!

Доимо инчунин
Бар раҳам нур пош,
Мӯниси ин дили
Шоду масрур бош!

Эй чароғ, эй чароғ!
Бар раҳам нур бор.
Шӯъла зан, шӯъла зан,
То шавам бахтиёр.

## АЛЛА

Хоб кун, эй нури чашмам, роҳати ҷонам писар.
Нахли умрамро дар ин гулшан ту мебошӣ самар,
Боиси бахту умеду орзуҳоям туӣ,
Қаҳрамон шав, кордон шав, илм омӯзу ҳунар.
Хобу роҳат нест шабҳо дар хаёлам баҳри ту,
Ҳамчу парвин менишинам рӯ ба рӯят то саҳар,
Гир дар гӯшат ҳамеша пандҳои модарат,
Бош дар ҳифзи Ватан машҳур монанди падар.
Гар кунӣ иҷро васиятҳои манро бардавом,
Ахтари бахтат дурахшон бод монанди қамар.
Гар бихоҳӣ шири поки модарӣ сози ҳалол,
Пеши халқу кишвари худ бош доим мӯътабар!

## ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ зинату зеби ҳаёт аст,
Ҷавонӣ қудрату азму субот аст,
Ҷавониро накӯ медор доим,
Ки ӯ бахту саодат, ҳам нишот аст.

Б о з г ӯ й:

Ҷавонӣ гавҳари ноёб бошад,
Ҷавонӣ оташи пуртоб бошад.

Ғанимат дор даврони ҷавонӣ,
Ҷавонмардӣ намо дар зиндагонӣ,
Ки ҳамчун фасли зебои баҳорон
Ба суръат бигзарад, ғофил намонӣ.

Б о з г ӯ й:

Ҷавонӣ гавҳари ноёб бошад,
Ҷавонӣ оташи пуртоб бошад.

Ба дониш зеби ҳар як анҷуман шав,
Ба шӯҳрат қаҳрамони кӯҳкан шав,

Дар ин даврони файзободу хуррам
Саодатманд фарзанди Ватан шав.

### Бозгӯй.

Ҷавонӣ гавҳари ноёб бошад,
Ҷавонӣ оташи пуртоб бошад.

## ИДИ ҲАЁТ

Шуд мардуми мо озод
Аз хосияти Октябрь,
Шуд кишвари мо обод
Аз хосияти Октябрь

Ин рӯзи наҷоти мост,
Ин иди ҳаёти мост.

Мо хонда калон гаштем
Дар мактаби Октябрь,
Машҳури ҷаҳон гаштем
Бо матлаби Октябрь.

Ин рӯзи наҷоти мост,
Ин иди ҳаёти мост.

Бахту шарафу иқбол
Шуд аз тарафи Октябрь,
Гардид накӯаҳвол
Халқ аз шарафи Октябрь.

Ин рӯзи наҷоти мост,
Ин иди ҳаёти мост.

Шуд такьягаҳи олам
Пуршон Ватани Октябрь,
Умеди бани одам —
Пуршон Ватани Октябрь.

Ин рӯзи наҷоти мост,
Ин иди ҳаёти мост.

## ДУСТОН, ОШИҚАМ

Дӯстон ошиқам, қоплам,
Ишқи гулрухе
Ҷой дар дилам.

Нақарот:

Дар вафои ӯ
Бахтиёр ман,
Ёди ӯ ба сар
Беқарор ман.

Тӯи ошиқон, ҳар кучо
Болу пар диҳад
Шодии маро.

Нақарот:

Монда ӯ маро
Дар канор,
Бенасиб ман
Аз нигоҳи ёр.

Доимо бувад дар барам,
Дар таронаам
Номи дилбарам.

Н а қ а р о т:

Дар вафои ӯ
Бахтиёр ман,
Ёди ӯ ба сар
Беқарор ман.

# ҶИГӢ-ҶИГӢ

Ҳаҷвиёт

## СОЛИ НАВАНДА АРЗИ НАВ

Соли Наванда арзи нав,
Хор халад ба тарзи нав,
Ҳар кӣ адо намекунад
Назди Ватанба қарзи нав.

Кайфи сабил нашуд таранг,
Калла намешавад гаранг,
Ҷумлаи кору борҳо
Мешавад, эй рафиқ, ванг.

Муфтхӯрӣ макун ҳавас,
Нафс балои ҷони кас,
Аждари нафсро бикуш,
Мард, ба қадри худ бирас!

Дидаӣ,
        нафспарварон,
Хурд буданд ё калон,
Гуфта дурӯза айшу нӯш,
Гашта ҷудо зи хонумон.

Муфтхӯранду порахӯр,
Корчалону ландаҳур,

Соли Нав, ошкор кун,
Дар ҳама ҷо тапар-тупур.

Соли Нав ал-амон макун,
Раҳм ба ҷоҳилон макун,
Фош куну ҷазо бидеҳ,
Хотири ину он макун.

Гунг шавад, гаҳе сақав,
Лаънатии миёнарав,
Пораву дуздӣ сар занад
Дар ҳама ҷо аз ин махав.

Ҷӯраи мо раис ако,
Соли наванда пахтаҳо
Боз шаванд раҳ ба раҳ,
Ё ки шаванд ҷо ба ҷо?

Соли Нави пуримтиёз,
Хонаяи шифтбаланд соз,
То ки шаванд бачаҳо
Солиму зӯру қаддароз.

Аз магазинчиҳо қимоб
«Нест» фақат диҳанд ҷавоб,
Баъзеашон ҳамехӯранд
Уштура ҳамчу қулти об.

Навъи тамоми чизҳо,
Яқин кунед ҳар куҷо
То назананд нархи «1»
«3»-ву «2»-ву чаҳорро.

Воситаю риоя ҳам,
Соли Нав ар нагашт зам,

Тухми гурӯҳи ваъдабоз,
Мешавад аз миёна кам.

Авҷу камол давлат аст,
Ҳаққи ҳалол давлат аст,
Нафси палидро занӣ,
Аввали сол давлат аст.

## СОЛИ НАВ МӮРАК БОШАДЕ!

Эсуни дарьё ароба,
Ӯсуни дарьё ароба,
Ин районҳои ғолиб
Тобанд акнун мӯйлаба,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Қӯрғонтеппаю Регар,
Исфара, Зафаробод
Плани пахтаро пеш
Кардед ичро барзиёд,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё чароғон,
Усуни дарьё чароғон,
Қайроққум нури нав дод,
Дилварзин шуд ободон.
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё шамол шуд,
Усуни дарьё шамол шуд,
Кори баъзе вазирон,
Аз ҳад зиёд кашол шуд.
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё раҳ вайрон,
Ӯсуни дарьё раҳ вайрон,
Автобусҳои шалақ
Касро кунад сер аз ҷон.
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё магазин,
Ӯсуни дарьё магазин.
Молҳои нағзи камчин
Ҷо мекунанд дар хӯрҷин,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё дору пур,
Ӯсуни дарьё дору пур,
Баъзе духтурҳои мо
Гардидаанд порахӯр,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё маҳтоб аст
Ӯсуни дарьё маҳтоб аст,
Дар кӯчаҳои мо лек,
Ошхонаҳо камьёб аст,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё бедона,
Ӯсуни дарьё бедона,
Ҳар рӯз барои хӯрок
Мо мекобем ошхона.
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё пур аз нам,
Ӯсуни дарьё пур аз нам,
Лекин бинед, рафиқон,
Олим бисьёр, асар кам,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё кӯрмаҳтоб,
Ӯсуни дарьё кӯрмаҳтоб,
Аз забони модарӣ
Баъзе рафиқон қимоб,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё радио,
Ӯсуни дарьё радио
«Чӣ мехонӣ?» — «Порсола»
Баъзе ҳофизони мо,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё ташвиқот,
Ӯсуни дарьё ташвиқот,
Худи баъзе лекторҳо
Монда зери хурофот,
Соли Нав мӯрак бошаде!

Эсуни дарьё ободон,
Ӯсуни дарьё ободон,
Нуқсонҳоро Соли Нав
Нест намояд аз миён,
Соли Нав мӯрак бошаде!

## ҶИГӢ-ҶИГӢ

— Ҷон раис, ҷонон раис
Дар хонаат дишаб кӣ буд?
— Дар хонаам касе набуд!
Завхоз ака омада буд.
Завхоз ака омада буд,
Ним топ биринҷ оварда буд.

Баъд аз ин дар Соли Нав,
Гум нашавад як дона ҷав.
Ҷигӣ-ҷигӣ коҳиш макун
Анборашро тафтиш макун.

* * *

— Ҷон мудир, ҷонон мудир,
Дишаб дар дӯконат кӣ буд?
— Дар дӯконам касе набуд,
Ҳаннотбачек омада буд,
Аз пушти дар омада буд,
Червонҷона оварда буд.

Соли Нав, қавлам ҳамин:
Дуздӣ нахоҳам баъд аз ин

Чигӣ-чигӣ кохиш макун
Дӯконамро тафтиш макун.

* * *

Ҷон ҷӯраҷон, ҷон ҷӯраҷон,
Ҷанҷолатон бахри чӣ буд?
— Ҷанҷоламон бахри чӣ буд?
Дуюм янгет омада буд.
Ӯ алимент пурсида буд,
Кайфам аз ин парида буд.

Аз чунин ҷанҷолу ҷанг,
Калаам гардид гаранг,
Чигӣ-чигӣ кохиш макун,
Корхоямро тафтиш макун.

* * *

Ҷон бозорком, ҷон бозорком,
Дирӯз дар бозорат кӣ буд?
— Дар бозорам касе набуд,
Савдогарак омада буд,
Майда-чуйда оварда буд,
Хӯрҷин червонро бурда буд.

Соли Нав, кун боварӣ,
Нест мекунам савдогарӣ.
Чигӣ-чигӣ кохиш макун,
Бозорамро тафтиш макун.

## КОРГУРЕЗ ВА БЮЛЛЕТЕНЬ

Духтури мост «раҳмдил»
Ду чашмакаш ба портфель...
Ҳеҷ нагуфта қолу қил,
Мешавад ӯ ба ман кафил,
Ту дар миёнӣ, бюллетень!

Гар ки талаб кунанд кор
Бюллетенакам тайёр...
З-ӯ ба танам расад мадор,
Ман каси соҳибихтиёр,
Марҳами ҷонӣ бюллетень!

Гар касе тӯй кард сар,
Зуд маро кунад хабар,
Бе ту баҳонае дигар,
Ёфт намешавад магар?
Теғи забонӣ, бюллетень!

Рафта ба тӯйхонаҳо
З-аввали шаб то субҳгоҳ,
Замзамаҳо кунам ба по
В-аз ҳунарам худам ризо,
Сарви равонӣ, бюллетень!

Сар ки бишуд пиёлаҷанг,
Каллаи одамон гаранг...
Даст занам ба тору чанг,
Киса шавад зи пул таранг,
Қӯша червонӣ, бюллетень!

Ҳам ту кафили дарду ранҷ,
Ҳам ту калиди симу ганҷ,
Бо ту ҳамеша кор «панҷ»,
Бе ту мудом табъ ланҷ,
Тобу тавонӣ, бюллетень!

## ДАНДОН

Нигаҳ кардиву хандидиву рафтӣ,
Ягон айбам магар дидиву рафтӣ?
Ғазаболуда дидам хандаатро,
Гумон кардам, ки ранҷидиву рафтӣ.

Тамоми шаб хаёлу фикр бурдам,
Гуноҳам чист, гӯён ғусса хӯрдам!

Ба ёдат ҳаст, гуфтӣ, рав ба духтур,
Бирафтам назди духтур бо дили пур.
Сараш ҷунбонд духтур, гуфт:—«Биншин...»
Кашид ӯ зуд дандонам ба амбӯр.

Дигар айбе, азизам, ман надорам,
Туӣ дар дил, ба дандон нест корам.

Зи баски меҳри ту дар дил ниҳон аст,
Дили ман аз ҷавонӣ ҳам ҷавон аст.
Агар як дона дандонам намонад,
Ҷудо гардиданат аз ман гумон аст.

Ба ёдат ин гапи манро нигаҳ дор,
Наорад бӯсаи пирона озор!

Барои мо муҳайё карда даврон
Ба ҳар як дард чандин гуна дармон,
Биё, ҳамроҳи ман, бо чашми худ бин,
Ба ҳар як кӯча даҳ устои дандон.

Ба наздат меравам, албатта, фардо,
Ҷавонтар гашта, бо дандони тилло,

Ки шояд хандаҳои дилнишинат,
Табассумҳои гарму нозанинат
Бубинам беғазаб, пурлутфу эҳсон,
Набошад ҳеҷ чине дар ҷабинат.

Қасам бо ҷони ту, эй меҳрубонам,
Ҷавон ҳастам, ҷавон ҳастам, ҷавонам!

## ЧӢ ТАВР ШУД?

Ду ҳафта шуд, Дилбарҷон,
Толибаи аълохон,
Намеоянд ба мактаб,
Қафо мондаст бесабаб.

Чӣ тавр, чӣ тавр шуд ин кор?
Апа, ин тавр шуд ин кор;

Дилбарҷонро дадояш,
Дадои беҳаёяш,
Кайҳо ба шӯй додаст,
Як ҳафта тӯй додаст.

Ҳар кас шунида ин кор,
Мекард фикри бисьёр:
Синни Дилбар понздаҳ-ку
Чӣ тавр доданд ӯро шӯ?

Чӣ тавр, чӣ тавр шуд ин кор?
Апа, ин тавр шуд ин кор:

Дадои Дилбар усто,
Дар корчаллонӣ якто,
Қудоҳояшро шод кард,
Соли Дилбар зиёд кард.

Раиси Сельсоветро,
Ҳамроҳи ёру ошно.
Дар хонааш меҳмон кард,
Розӣ ба ину он кард.

Раис гуфт: «Майлаш гӯш дор,
Вақт ҳам нозук гап бисьёр,
Қонунӣ то шавад кор,
Нагардем мо гунаҳкор.

Ин гап монад дар ин ҷо
Парво накун ту асло,
Се сол бувад фақат кам,
Ман онро мекунам зам.

Пошнабаланд туфлиҳо,
Ёфта бипӯшон онро,
Сарбандашро баланд печ,
Саросема нашав ҳеҷ.

Пагоҳӣ ту Дилбарро,
Ба ин орову торо.
Гирифта ор идора
Ин аст ягона чора.

Ҳаждаҳсола баргардад,
Кор ширу шакар гардад.
Дар он сурат беибо,
Бидеҳ тӯю тамошо».

Ана Дилбар аз мактаб,
Ҷудо шуд аз ин сабаб
Шояд пурсед, чӣ тавр шуд?
Ана, ин тавр, ин тавр шуд.

## ТАРОНАИ ТАНБАЛ

Бригадир ошном,
табельчӣ-поччом,
Ба пахтачинӣ чаро ман баром?
Чидан намехом,
намехом,
намехом.

Музди бемеҳнат мегирам, ҷоне,
Вақти тирамоҳ дар колхози мо
Ҳар сол мечинанд пахтаро занҳо,
Чидан намехом,
намехом,
намехом.

Музди бемеҳнат мегирам, ҷоне,
Биринҷу равган ҳамеша тайёр,
Медиҳад бар ман мудири анбор,
Хӯрданро мехом,
мехом,
мехом.

Роҳат мекунем бемеҳнат, ҷоне,
Янгетон бошад доим дар хона,

Вай ҳам меёбад чандин баҳона,
Чидан намеход,
намеход,
намеход.

Музди бемеҳнат мегирад, ҷоне,
Раисҷон-ака
ғам нахӯр асло,
Аз шаҳр меоянд ба ёрии мо,
Чидан намехом,
намехом,
намехом.
Музди бемеҳнат мегирам, ҷоне.

## ШАММАЕ АЗ РОЗИ ДИЛ

Эй, зиёиҳои равшанфикри мо!
Гӯям андак рози дил назди шумо:
Гап, ки сар шуд дар хусуси илму фан,
Бештар ояд ба майдон, «мову», «ман».
Номҳои илмӣ се-чор ошьён.
Илм худ ҳайрон зи баъзе олимон.
Гашт гӯсфанди ҳисорӣ бохабар.
Илм ӯро мекунад машҳуртар,
Пашми он қимат чу тилло мешавад,
Қиматаш даҳчанд боло мешавад.
Лек наслаш диду худ дар нола шуд,
На така, на меш, на гӯсола шуд.
Олими илми забон бисьёр шуд,
Ки забондонӣ аҷаб душвор шуд.
Олимони қалбакиро кан ниқоб,
То ки бинӣ лояшон дар зери об,
Мавзӯи илмияшон:
пайванди ток,
Чумчуқи Варзобу мори заҳрнок,
Лаҳҷаи халқони пушти кӯҳи Қоф,
Сайри моҳиҳо дар оби нимсоф,
Гармии маҳтоб дар Қутби Шимол,
Ҷунбиши янтоқ дар вақти шамол...

Дар сари пул кашмакашҳо зӯр шуд,
Илм ҳам аз зиндагонӣ дур шуд.
Баҳси худро андаке дигар кунем,
Чақ-чақе аз аҳли санъат сар кунем.
Аз договор гашта пур чандин қанор,
Ваъдаҳо гардида берун аз шумор,
Лек аз некӯ асар осор нест,
Хорхон бисьёр, аммо хор нест.
Композиторҳо магар дар хоби ноз?
Нағмаи нав кай кунад эҷод боз?
Гӯям аз баъзе муаллимон сухан,
Рост гардад мӯятон чун хори ман:
Бесавод аст ин яке, он—дузана,
Ё магар ин баҳри онҳо анъана?
Шуд муаллим Рӯзиев дар Шаҳри Нав,
Ҳафтае нагзашта зан бигрифт нав.
Мисли Қурбонов, Назаров панҷу чор
Дар райони Октябрь рӯзадор.
З-ин сабаб ҳам тарбия бисьёр суст,
Худ вазир инро намесозанд руст.
Кори савдо ҳам, рафиқон, нағз нест,
Чормағз афзуну аммо мағз нест.
Барф ҳам дар роҳи Помир кард сар,
Шуд вазир аз халқи Помир бохабар,
Эй вазири сохтмони шаҳру деҳ,
Бар шикоятҳои мардум гӯш деҳ,
Хишту шифер ваъда додӣ-ку, куҷо?
Ҷои онҳоро нишон деҳ баҳри мо!
Ҳаст дарду ҳасрати мо нотамом,
Ин қадар гуфтем, Боқӣ, вассалом!

## МӮРЧА ВА ҚУРБОҚҚА

Тобистон як қурбоққа
Дар сояи як чинор,
Аз субҳдам то бегоҳ
Мехобад бекор-бекор.

Тӯппиро нимта монда,
Лаққидан аст корaш.
Бе саъю ранҷу меҳнат
Кайфу сафо—шиорaш.

— Майлаш ин ки,— мегӯяд,—
Шаш рӯз накарда ҳеҷ кор
Роҳат кунам,
дам гирам
Ҳар ҳафта рӯзи бозор.

Бар мӯрчагон бихандад,
Аз баҳри ин ки онҳо,
Меҳнат кунанд ҳар дам,
Натарсида аз гармо.

Хуб ҳам тайёрӣ дида
Ин мӯрчаҳо тобистон,

Кайфу сафо намоянд,
Аммо вақти зимистон.

Ҳар гоҳ хунук шавад сар,
Қурбоққаи беҳунар,
Дир-дир карда меларзад
Аз нӯги пояш то сар.

Чун сармои зимистон
Ба ҷони ӯ расонад,
Ба мӯрчагон он беор,
Рӯи зорӣ гардонад.

Мӯрчагони меҳнатдӯст
Медиҳандаш ин ҷавоб:
— Куҷо будӣ тобистон,
Зуд ба ҳамон ҷо шитоб!

* * *

Дар баъзе корхонаҳо
Сардорҳои беор,
Дар тобистон мелаққанд
Гашта зери ҳар чинор.

Чун зимистон биёяд
Мебардоранд оҳу вой,
Аммо суде надорад
Дигар задан дасту пой!

## АРИЗА БА ХОРПУШТАК

Дар районн Куйбышев
Колхози Ленин машҳур,
Қодир ном котиб дорад,
Суроби кибру ғурур.

Аз савлати Қодирҷон
«Гардам», кораш дабдаба.
Тоқияшро мемонад
То сари қош яклаба.

Аскарбача аз колхоз
Ба пеши Қодир омад,
Як справка гуфта
Бо илтимос даромад.

Ба наздикӣ омадам,
Ду ҳафта шуд, Қодирҷон,
Як справка аз ман
Пурсидаанд аз район.

Хоҳиш дорам,
　　　　　　　　нависед
Баҳри паспорт ғирифтан,

Дар соати даҳи рӯз
Ба район мебарам ман

Қодир фукаш дар ҳаво
Ҷавоб дод:
                    вақт надорам,
Ҷои корам хунук аст,
Рафта ангишт меорам.

Ба майда-чуйда корҳо —
(Ғурунгос зад зери лаб)
Машгул шавам доимо —
Дар соати нӯҳи шаб.

Такья зада бар стул,
Ҳамчу гаҳворачунбон,
Меҷунбонад худашро,
Пушти сарро хор-хорон.

— «Ровно дар соати нӯҳ,
(Аскар бигуфт ба Қодир)
Кай тавонам шуд ин ҷо
Дар соати нӯҳ ҳозир!»

Қодир гуфто: —
                    — «Гап якто
Аз рӯи соат корам,
Сад илтимосат як пул,
Гуфтам-ку «вақт надорам!»

Аз соати даҳи рӯз
Овора гашта то ҳафт,
Охир зи назди Қодир
Бе справка ӯ рафт.

Қодир чизе тамаъ дошт
Аз рӯи одати худ,
Аммо аскарбача нав,
Аз афти кор пай набурд.

Хорпуштакҷон, бародар!
Аризаамро хонед,
Гӯши ин шӯраҳоро,
Як-ду кашида монед!

Карру фари Қодирро
Бинед,
        кораш дабдаба.
Тоқиашро мемонад
То сари қош яклаба.

## БА ВАЗИРИ САВДОИ РЕСПУБЛИКА, БА ВАЗИРИ ТОҶИКМАТЛУБОТ

«Зарра-зарра барф меборад сафед»,
Эй рафиқон, аз шумо дорем умед:
Нозу неъматҳои дилкаш бобу соз,
Мантую самбӯсаҳои кампиёз,
Нонҳои ширмолу шаҳдгин,
Кулчаҳои хел-хели равғанин.
Лаззати шашлику угрову кабоб
Иштиҳои кас кушояд беҳисоб.
Боз гоҳо бадсифат ошхонаҳо,
Баста партоянд баъзан иштиҳо.
Айб ҳаст аз ошпаз ё аз алав,
Нест фарқе байни шавла ё палав,
Шӯҳрати мастова ҳам гардида паст,
Гашта он, бешубҳа, танҳо оби маст.
Гӯштҳои гӯсфандони Ҳисор
Як-ду пут равған гирифта дар канор.
Гӯшти ҳар барраи бо обу тоб
Аз чӣ рӯ дар дег мегардад хароб?
Хуб мебуд кам, агар мешуд, алиш,
Гӯштҳои нагз баъзан бар қаиш.
Нест дар чойхонаҳо зебо палос,
Чой ҳам бигрифта бар худ ранги нос,
Хом хӯрданҳо шуда вақташ тамом,
Пухта гардидаст акнун хосу ом.

Кӣ диҳад аз норасоиҳо ҷавоб,
Соли Нав, валлоҳу аълам биссавоб.

* * *

Ҳам паниру маскаю қаймоқу шир,
Тортҳо, булочкаҳои дилпазир,
Қанду конфетҳои хуштаъму лазиз,
Ҳам нишалло, ҳам мураббову мавиз,
Биҳию ангуру олуву анор,
Гуна-гуна меваҳои шаҳдбор,
Дар дӯконҳо боз ҳам гардад зиёд,
То шавад дил аз шумо як умр шод.

* * *

Илтимоси дигаре дорем мо,
Аз ҳисоби барфии худ аз шумо:
Боз ҳам дар ҷумла дӯконҳои мо,
Мӯл гардад нав ба нав газворҳо.
Ончунин газворҳоро дида кас,
Дар дилаш пайдо кунад садҳо ҳавас,
Боз мехоҳем, ки дар Соли Нав,
Бар харидорон расад ҳар моли нав
Бар каверкоту габардин ё драп,
Зуд ёбад, ҳар кӣ бинмояд талаб.
Он ҳама моле, ки ояд бар дӯкон,
Хушсифат, қиматбаҳо, кори калон.
Ин ҳама моле,
ки номаш кас шунид,
Аз таги дӯкон нагардад нопадид.
Рӯи мардумро бубинад гоҳ-гоҳ
Ёбад аз чанголи ҳаннотон паноҳ,
Кас аз ин кирдор ҳайрон мешавад,
Ростӣ, хотирпарешон мешавад.

Ҷумла медонанд дар даврони мо,
Мӯҳтарам бошанд фарзандони мо,
Аз чӣ бошад ки либоси кӯдакон,
Гарчӣ бисьёр аст дар ҳар як дӯкон,
Кас наметонад, ки созад интихоб
Аз барои кӯдакаш пӯшоки боб,
Гӯй гар ин ҳаст тоқатнопазир,
Зуд гӯяд арзи худро бар вазир.

* * *

«Зарра-зарра барф меборад сафед»,
Аз вазирон боз дорем ин умед:
Молҳои нағз дӯконӣ шавад,
Соли Нав соли фаровонӣ шавад.

## ГАНҶИ БЕРАНҶ

Буд марде ба деҳаи Миртоб,
Рафтаистода танбалу қаллоб,
Баски мегашт доимо бекор,
Буд мардум зи ранги ӯ безор,
Ганҷи беранҷ ризқи ман, мегуфт,
Субҳ то шом ҳилагар мегуфт,
Гоҳ-ногоҳ андар ин қишлоқ,
Ҷуфт гӯсфандҳо ҳамешуд тоқ.
Оқибат дуздияш бишуд маълум,
Ногаҳон шуд зи байни мардум гум.

Мана,
        зери ниқоб он маккор;
Ришу тасбеҳу ҷомаву дастор.

Кас набошад зи ҳоли ӯ огоҳ,
Мешавад сайди доми он рӯбоҳ,
Бингаредаш, чӣ сон ба карру фар,
«Хар ҳамону тӯқуми ӯ дигар».
Гашт «мулло»-и деҳае ҳоло,
Ёфта «иззу эҳтиром» он ҷо.
Аҷабо, ин чӣ ҳилаву найранг?
Мешавад з-ин фиреб каллагаранг.

Қасам, эй аҳли деҳа! Ин ки шунав,
Бехабар ӯ зи ҳарфи кӯҳнаву нав,
Донишу илм гуфтанӣ гапро,
Нашунидааст ӯ ба умр асло.
Вовро гов хонад он шайтон.
Коҳро калла, калларо каҳдон...
Кард шахсе ба ман ҳикояти ӯ,
Аз дуохониву «табобат»-и ӯ.
Он чӣ бишнидам аз хиёнати он,
Бар шумо мекунам баён, ёрон:
Каси нодон намекунад бовар,
Ки зи ҳар қотилест ӯ бадтар,
Гумраҳе наздаш омада боре,
Карда назру ниёзи бисьёре,
То ки ин «домулло» даво кобад,
Чашми фарзанди ӯ шифо ёбад,
Гуфтааст: — «Чораву давои накӯ,
Баҳри ин дард,— барги тамбоку,
Гарм карда ба рӯи чашмаш мон,
Мешавад зуд дарди ӯ дармон».

Баъди ин «чора» чашми он ранҷур
Шуда дар як нафас кашидан кӯр.

Ин хабарро шунида домулло,
Гуфта: — «Ин розигиву изни худо!»
Кампире дошта ду сар гӯсфанд,
Фикру ҳушаш барои онҳо банд.
Яке аз он касал шуда ногоҳ,
Рафта кампир пеши он рӯбоҳ,
Гуфта: — «Тақсир,
соз хурсандам,
Кун давое ба дарди гӯсфандам!»
Гуфт ӯ: — «Рав, саломаташро ор,
Баъд бар дигараш диҳам тӯмор».

Мана, он дузд, муфтхӯр, танбал
Зиндагӣ мекунад ба макру ҳиял.
Доми тазвири ӯ дуову дуруд,
Каси нодон фитад ба домаш зуд.
Бо фиребу дуову «авфи гуноҳ»,
Зани чандин касон зада аз роҳ.
Ба даҳон гарчӣ «лоилаҳ...» гӯяд,
Дасти ӯ лек киса меҷӯяд.
Шаб, ки шуд мезанад қимору банг,
Рӯз шуд, боз домуллои таранг.
Ботинан дузд, зоҳиран «мулло»,
Як-ду не инчунин касон ҳоло!..
Ман аминам, ки Хорпуштаки мо,
Гирад аз ӯ ниқоби онҳоро,
То ки расвои хосу ом шаванд,
Садқаи иззу эҳтиром шаванд.

## ВАЪДАБОЗ

Сӯхтам аз ваъдаҳои пучу қоқи ваъдабоз,
Ваъдаҳои бе сару нӯгу чатоқи ваъдабоз.

Барра аз модар назода ваъдаи пашмаш диҳад,
То ба кай ин ваъдаҳои тумтароқи ваъдабоз?

Ончунон андар гулӯяш ваъдаҳо ҷамъ омада,
Ҷои ҳар гап ваъда резад аз буқоқи ваъдабоз.

Гӯшт ваъда, пахта ваъда, мева ваъда, хона ҳам,
Пур шуда олам зи ҷоғи садьямоқи ваъдабоз.

Дар сари минбар бароянд қӯша-қӯша ваъдаҳо,
Дил ба зад, аз ростӣ, ин ҷуфту тоқи ваъдабоз.

Ӯ бағалҳоро зи ваъда пур кунад аз чормағз,
Пучу холӣ лек бошад ҳар чамоқи ваъдабоз.

Кош андар зиндагӣ як ваъдаат иҷро шавад,
Умрҳо ҳастем бар ин иштиёқ, эй ваъдабоз.

## ТАҚСИМИ КОР

Очеш, тамоми пахтаи саҳро азони ту,
Ҳармоҳа музди кори ту танҳо азони ман.
Дар хона интизор нишастан азони ман,
Лек баъди кор пухтани шӯрбо азони ту.
Он сояҳои ҳам салу ҳам қин азони ман,
Кайфу сафои чидани «тилло» азони ту.
Шаб то ба рӯз хӯрдану хуфтан азони ман,
Дар пахтазор роҳати фардо азони ту.
Харҷи пулу давидани бозор азони ман,
Пул ёфтан барои мудово азони ту.
Таърифи пахта, ваъдаву шавқун азони ман,
Иҷрои кору қавлу планҳо азони ту.

## ДАР ИНТИЗОРИ АВТОБУС

Орзу кардам шавам рӯзе савори автобус,
Аз ду соат беш гаштам интизори автобус.
Бӯшкаи сабрам чу кафки пивакаш лабрез шуд,
Лек будам ташналаб андар хумори автобус.
Омад-омад гуфта аз ҳар сӯ садоҳо шуд баланд,
Ҳар яке омода шуд дар ғиру дори автобус.
Ногаҳон сар шуд чунон афту дарафти одамон,
Ҳушу тӯпӣ аз сари ман шуд нисори автобус.
Он қадар мушту лағад хӯрдам, ки контужнӣ шудам,
Баъд якпаҳлӯ задам дар ҷӯйбори автобус,
Мушти кондуктор зи як дар, пои шофер аз дигар,
Мехӯрад ҳар сар агар ояд дучори автобус.
Ҳар касе нодида ё нашнида бошад бузкашӣ,
Ояд аз баҳри тамошо дар канори автобус.
Кафш як сӯ, тугма як сӯ, салла як сӯ, киса пуч.
Ин ҳама бинед дар ҷои қарори автобус.
Не милиса кордорасту на шахси чорасоз.
Бо кӣ гӯям дарди дил аз кору бори автобус.
Давлати мо давлати халқист, эй саркор ако,
Ҳеҷ медонӣ ту инро кордори автобус?
Дар тамоми шаҳрҳо қоидае ҷорӣ бувад,
Ҳар ки бо навбат шавад доим савори автобус.

## БАРФНОМА

Шабонгаҳ бар сари мо барф борид,
Зимистон гӯиё дурдона корид,
Зи тоби чашму рӯят барф шуд об,
Ба рӯи ғабғабат чун шамъ шорид.

Зимистон буд бикшодам даратро,
Бибӯсидам ба ногаҳ ман саратро,
Зи шодӣ дасту по гум карда будам,
Бихӯрдам зарби дасти модаратро.

Ба ёдат ҳаст пушти дар фитодам,
Каме гум карда будам ҳушу ёдам.
Ба рӯям барф молидӣ азизам,
Яке ай, гуфта чашмамро кушодам.

Зимистон буд мо як ҷо нишаста,
Ба суми кафшҳо яхро шикаста,
Яке рафтем ногаҳ зери кулзум,
Бурун гаштем ларзон ҷаста-ҷаста.

Зимистон барфбозӣ карда ҳарду,
Ба саҳро ғӯтатозӣ карда ҳарду,
Бизад сар ишқи мо аз барфбозӣ,
Зимистон дилнавозӣ карда ҳарду.

Зимистон омаду дил гармтар шуд,
Кафи пои нигорам нармтар шуд,
Маро диду арақ гирди лабонаш
Чу шабнам бардамиду шарм тар шуд.

Зимистон ҳар ду рафта бо дили пур,
Барои якта телпак якта жимпур,
Мудири як дӯконе гуфт бар мо
Иҷозатнома лозим аз министр.

Зимистон буд, ҳарду сайр кардем,
Ба ногаҳ рӯ ба сӯи дайр кардем,
Ба арвоҳи Умар-Хайёми марҳум
Ҳама пулҳои худро хайр кардем.

Зимистон буд,
ёрам пива нӯшид,
Хунук шуд ҷомаи манро бипӯшид.
Маро медид дар оғӯши сармо
Ба рӯям мисли шӯриш мехурӯшид.

Зимистон буд шаб маҳтоб будаст,
Нигорам дар барам нотоб будаст,
Чунон тангаш гирифтам ман дар оғӯш,
Бихезам, гурбаам дар хоб будаст.

Зимистон буд, рафтам назди сардор,
Бигуфтам: «Патпатӣ сечарха даркор».
Бигуфто: «Марҳамат фардо биёед».
Дусад фардо гузашту буд нашуд кор.

Зимистон омаду шуд хона яхдон,
Бишуд дар хонаи мо рақси «Ларзон»
Ғазал гуфтем: «Хуршедам куҷоӣ?»
Ба бахти мо бишав боре намоён.

Зимистон буд беимзо хат омад,
Кушодемаш чунин даъво баромад:
Магар з-ин ҳаст болотар ҷиноят,
Раиси мо зи мошин кач фуромад?

Зимистон зери Каврак кӯра дорад,
Ки обаш гарм, сангаш шӯра дорад,
Раиси мо чӣ парво дорад аз ин? —
Ки ҳатто ҷӯраи ӯ ҷӯра дорад.

Зимистон буду бе имзо шикоят
Биёмад аз деҳи Поҷе ниҳоят,
Ки бурданд бар фалонӣ гови колхоз,
Раис инро намедонад ҷиноят.

Зимистон аст ошам бепиёз аст,
Чаро ин қозро гардан дароз аст,
Нависам боз бе имзо шикоят,
Ки як ҳамсоям меҳмоннавоз аст.

Ба ман лозим садои шишаву мул,
Намехоҳам дигар овози булбул.
Ба ҷуз тӯҳмат бидонам боз се чиз:
Яке охурчаву сартурбаву пул.

Зимистон буду он тӯҳматгар омад,
Зи пушти нафс дар қапқон даромад,
Бидида рӯи наҳсашро бигуфтам:
Ба даст ин лаънатӣ охир фаромад.

Канӣ бинед инро, арзаи кист?
Ҳама доду фиғонаш аз паи чист?
Дар ин хат тӯҳмату иғвост бисьёр,
Вале имзо ки набвад, одамам нест.

## МАХСУМИ АБДУЛМӮМИН

Як саду панҷо ҳайҳот,
Вовайлои каромот
Накардӣ ту эҳтиёт,
Махсуми Абдулмӯмин.

Тӯмор додиву хондӣ,
Чизи бисьёр кашондӣ,
Сад хонаро сӯзондӣ,
Махсуми Абдулмӯмин.

Авлодат эшон гуфтӣ,
Нафасат сӯзон гуфтӣ,
Худатро ҳолдон гуфтӣ,
Махсуми Абдулмӯмин.

Ҳар касро,
ки мехонад,
Мемирад ё мемонад?
Гӯяд: — «Пулаш медонад»,
Махсуми Абдулмӯмин.

Махсум ҷудо айёр аст,
Довғулии тайёр аст,

Фиребгару макор аст,
Махсуми Абдулмӯмин.

Каромоташро бисьёр
Бар нодонҳо шаби тор,
Равшан мекард намудор,
Махсуми Абдулмӯмин.

Мегуфтанд, ломакон аст,
Авлиёи замон аст,
Кӯҳи оташфишон аст,
Махсуми Абдулмӯмин.

Ногаҳон ранҷад аз кас,
Хонаи касро чун хас
Месӯзад дар як нафас,
Махсуми Абдулмӯмин.

Поидаму поидам,
Каромататро дидам,
Қоил ба ту гардидам,
Махсуми Абдулмӯмин.

Худатро маҳкум накун,
Аз ҳурмат маҳрум накун,
Фанарчаро гум накун,
Махсуми Абдулмӯмин.

Шаб, ки кушодӣ даҳан,
Аз ким куҷон бадан,
Шавад фанарча равшан,
Махсуми Абдулмӯмин.

Фанарча нею ҷонат,
Равшании имонат,

Ба ҳар дарде дармонат,
Махсуми Абдулмӯмин.

Расво шудию мондӣ,
Фанарчаро ғалтондӣ,
Сират ошкор кунондӣ,
Махсуми Абдулмӯмин.

Ташвиш машав фиребгар,
Аз фанарча ҳам беҳтар,
Нав ҳилае бикун сар,
Махсуми Абдулмӯмин.

Гуфтӣ гунаҳ кардам ман,
Кароматам шуд оҳан,
Ҷодугарию раҳзан,
Махсуми Абдулмӯмин.

Саратро зан ба девор,
Назди мардум шав иқрор,
Шайтон ҳам аз ту безор,
Махсуми Абдулмӯмин.

## ТАКАМОЙ

Поёни Кафтаргузар,
Дар қишлоқи Лаби Ҷар,
Буд такаи шохчанбар,
Аз они хола Дилбар.

Хола Дилбар як вақтҳо,
Гум карда такаашро,
Гумон бурда аз мулло
Карда чунин вовайло:

Такамой,
                такамой,
Такаи бозингарам,
Такаи шохчанбарам,
Доғакат дар ҷигарам.

Така набуду гав буд,
Чашмаш мисли алав буд,
Хӯрокаш орди ҷав буд,
Зоташ аз зоти нав буд.

Ало мисли акка буд,
Ришаш риши макка буд,

Ӯ дар қишлоқ якка буд,
Ҷони ширин такка буд.

Бачекам кардаш сара,
Бишуд ҷудо ҷангара,
Нигаҳ мекард якпара,
Дами шохаш чун ара.

Як қилиқаш нобоб буд,
Аз салладор қимоб буд,
Дар саҳни масҷид хоб буд,
Мулло ҳам дар меҳроб буд.

Такамой, такамой,
Такаи бозингарам,
Такаи шохчанбарам,
Доғакат дар ҷигарам.

Дид хаму хези мулло,
Баъ-баъ кунон хест аз ҷо,
Фукашро карда боло,
Дар назди ӯ шуд пайдо.

Гашта рӯи ҷойнамоз,
Дид фаши мулло дароз,
Ришашро дода пардоз,
Така дид гӯё гуроз.

Аввал омад дар бараш,
Бӯй кашид аз камараш,
Боло, ки шуд пайкараш,
Чунон бизад бар сараш,

Ҳуши мулло беҷо шуд,
Така гӯё бало шуд,

Дар қавмҳо ғавғо шуд,
Ҷанги калон барпо шуд.

Такамой, такамой,
Такаи бозингарам,
Такаи шохчанбарам,
Доғакат дар ҷигарам.

Ҳар касро, ки зад як бор,
Ғелида мешуд хуншор,
Як сафи пеш аз қатор
Гӯё баромад аз кор.

Ҳодиса ногаҳон шуд,
Мулло дар ғами ҷон шуд,
Фарзу сунат вайрон шуд,
Мардум ҳама ҳайрон шуд.

Баъди ин ҳодиса зуд
Така ҳам бишуд нобуд,
Ҳар куҷо, ки лозим буд,
Кофтаму надидам суд.

Такаҷонам, такамо,
Хонаат сӯзад мулло,
Такама бурдӣ куҷо?
Биёбедаш, мӯъмино!

Охир, ту дар куҷоӣ?
Баъ-баъкунон наоӣ,
Ё дар чанги балоӣ?
Ё луқмаи муллоӣ?

Такаи пурҳунарам,
Такаи бозингарам,

Такаи шохчанбарам,
Такаҷонам, такамо.

Шохи ту пурчин гуфтанд,
Дили ту пуркин гуфтанд
Туро ғайри дин гуфтанд,
Берун аз оин гуфтанд.

Дод, аз дасти мулло дод,
Бар сарам чӣ рӯз афтод!
Мекунам ҳар дам фарьёд:
Кош аз модар намезод!

Такаҷонам, такаё,
Такаи бозингарам,
Такаи шохчанбарам,
Доғакат дар ҷигарам.

## ИН ЧӢ ГАП?

Бар Шумо гуфтем чандон:
ин чӣ гап?
Э, рафиқони бавиҷдон,
ин чӣ гап?
Шаҳриён гардида ҳайрон,
ин чӣ гап?
Эй бародар, марди деҳқон, ин чӣ гап?
Ҳар касе гӯяд: рафиқон!
Ин чӣ гап?

Ин бувад бозори колхозӣ магар,
Ё ки ном аз ӯву комаш бар дигар?
Муфтхӯр, бекорхӯҷа, ҳилагар
Кардаанд нарху наворо, алҳазар!
Пурсам, эй инсофдорон,
Ин чӣ гап?

Ин магар колхозчӣ?
Рӯзи дароз,
Шишта якпаҳлӯю поҳояш дароз,
Дода бозорком ӯро имтиёз,
Сад намуда нархи сабзию пиёз.
То ба кай лаб зери дандон?
Ин чӣ гап?

Оре, матлубот, чандин торгҳо,
Таъминоти халқ дар дасти шумо!
Лофу қофу ваъда, иҷро доимо,
«Сад, дусад фоиз» канӣ? Охир куҷо?
Канда шуд дар роҳ чашмон,
ин чӣ гап?
Ё ки аввал навбати савдогарон?
Ё бувад ин «хоксорӣ» дӯстон?
Ё иҷозатхат ба имзо додетон?
Ё иҷозат нест бар ҷои дӯкон?
Ё инспектор ба район?
Ин чӣ гап?

Бодиринг мисқолакӣ шуд дар фурӯш:
Баъзе лаззат мебарад аз рангу рӯш,
Ҳам муфаттиш, ҳам начальникҳо хамӯш,
Бурдааст нархи помидор ақлу ҳуш,
Чорае, эй чорабинон!
Ин чӣ гап?
Баҳри арзонӣ, амонии диёр
Ғамгусорӣ карда давлат бешумор,
Ҳеҷ кас медода бошад эътибор,
Ё ки бозор аст берун аз қарор?
Худ ба худ гуфтем моён:
— Ин чӣ гап?

## «АГАР»

Дар тамоми кор нодаркор меояд «Агар»,
Дар сари ҳар гуфтугӯ ночор меояд «Агар».
Аз раис пурсӣ:
— Плони пахта иҷро мешавад?
— Обу дорую ҳаво бисьёр меояд «Агар».
— Об ноёбу чаро ин об беҷо меравад?
— Ҷӯйро гум карда ҷӯ ҳамвор меояд «Агар».
— Пахтаҳотонро алаф печондааст аз чор сӯ?
— Доруе монанд бар фосфор меояд «Агар».
— Тортанак, ҳам кирм пайдо гашта андар пахтазор?
— Ҳеҷ гап не, дору бемиқдор меояд «Агар».
Кош пахта мисли печак худ ба худ пайдо шудӣ,
Илм дар ин бора камтар кор меояд «Агар».
Аз мудири ферма пурсӣ:
— Ҳоли силосат чӣ шуд?
— Лаблабую маккаи такрор меояд «Агар».
— Мешавад охир фаровон ширу равған, пашму гӯшт?
— Худ ба худ ему алаф тайёр меояд «Агар».
— Говҳои зотӣ лоғар аз чӣ гашта ин қадар?
— Иштиҳошон, кош монад зор, меояд «Агар».
— Онаи хукон ншион додед оғои раис?
— Онашон бо холашон ширдор меояд «Агар».

— Ҳосили мурғон чаро имсол камтар гаштааст?
— Ҷои қум, дон аз сари кӯҳсор меояд «Агар».
— Киштзоронро чаро печак гирифта дар канор?
— Кош марги печаки беор меояд «Агар».
— Нангу номуси падарҳоро нигаҳбонӣ кунем!
— Бе «Агар» дар кор рангу ор меояд магар?..
Дар тамоми кор нодаркор меояд «Агар»,
Дар сари ҳар гуфтугӯ ночор меояд «Агар».
Хоҳишам ин аст: ду маҳ бе «агар» созем кор,
Шаъну шӯҳрат, Боқиё, дар кор меояд дигар!



# РОҲИ НУРИ ОФТОБ

(Достон бо ҳамроҳии
Мирзо Турсунзода навишта шудааст).

## МОҲИ МИЗОН

Магар дар моҳи мизон барф омад,
Сафед абре магар поён фаромад.

Магар барвақт субҳи нав дамидаст,
Ки сар то сар замин ин сон сафед аст?

Ба рӯи сурфа, зери токи ангур
Рухи духтарчае буд ғарқаи нур.

Валекин духтарак хобида эмин,
Лабаш ҷунбонда механдид ширин.

Ба паҳлӯяш китобу дафтараш буд,
Хаёли дарсу мактаб дар сараш буд.

Шуои офтоби бомдодон
Гузашта аз миёни сабзбаргон,

Қитиқ мекард чашмони сиёҳаш,
Ки то бинад чӣ сон бошад нигоҳаш.

Ба каф мехост ё бардорад онро,
Ба мактаб бурда худ биспорад онро,

Барад ё бар сари кӯҳи баланде,
Тамошо дода мулки дилписанде,

Ба ӯ гӯяд, ки ин боғ асту роғ аст,
Ба ӯ гӯяд, ки ин кохи чароғ аст.

Ба ӯ гӯяд, ки ин водӣ Ҳисор аст,
Душанбе дар дили ӯ пойдор аст.

Нигар, ин чашмаҳои кӯҳсоранд,
Нигар, ин рӯдҳои беқароранд.

Нигар, ин Вахшро, домони Панҷ аст,
Чӣ хуш доман, ки ӯ лабрези ганҷ аст.

На танҳо боғҳояш бешуморанд,
На танҳо меваҳояш шаҳдборанд.

Дар ин ҷо пахтаи абрешимин аст,
Пур аз тилло — пур аз нуқра замин аст.

Нигар, Боми Ҷаҳон — Помир дорем,
Ба мислаш пурҳашам тақдир дорем.

Ба водӣ тирамоҳ, ин ҷо баҳор аст,
Дилаш пурлаълу рӯяш лолазор аст.

Нигар, дарьёи Сир дар баҳр резад,
Зи ҳар як қатрааш барқе ситезад.

Агар тақдир чун кӯҳ аст, лекин
Дар он шуд қуллаи тобанда Ленин.

Нигаҳ кун, шаҳри Ленин дар лаби Сир
Шаҳодат медиҳад з-ин нек тақдир.

Худи Ленин дар ин ҷо хона дорад,
Чунин Шарқи нави ҷонона дорад.

Бубин, шаҳри қадим аз нав ҷавон шуд,
Чароғон чеҳрааш чун Каҳкашон шуд.

Барам он ҷо, ки ҷои модари туст,
Дар он ҷо нақши пои додари туст.

Дар он ҷо одамон меҳнатпарастанд,
Дар он ҷо духтарон байроқи дастанд.

Агар дар кӯҳсорон лола бинӣ,
Дар он ҷо зарбу доли пахтачинӣ.

Нигар бар куртасурхони сияҳмӯ,
Нигар бар тоби рӯю чангу абрӯ.

Нигар, рӯи ба обу тоби мардум,
Зи сурхӣ гашта ҳамчун нони гандум.

Ҳама бар киштии сабзанд моил,
Ба кори ӯ ҳама гардида қоил.

Паси рӯлаш агар як кас нишинад,
Ба ҷои сад-дусад кас пахта чинад.

Ҳар он кас, ки ба ин киштӣ савор аст,
Зафар онро ҳамеша интизор аст.

Фақат ингуна киштӣ метавонад
Зи кори сахт мардумро раҳонад,

Маҳи мизон, ки ин моҳи тарозуст,
Дами санҷидани маҳсули бозуст.

Ба ҳар коре баҳо монад тарозу,
Баҳои бехато монад тарозу.

Якеро шӯҳрат афзояд тарозу,
Дигарро хиҷлат афзояд тарозу.

Касе, к-ӯ ҳиммати бисьёр дорад.
Ба хирман тонна-тонна бор орад.

Аз ин ҳиммат бувад осоиши мо,
Саодатмандии мо, поиши мо.

Ту ҳам донӣ, ҷаҳон ҳам нағз донад,
Ки ин давлат ба мақсудат расонад.

Бинои давлат одам кард буньёд,
Ҳамон одам, ки аз зулмат шуд озод.

Бирав, духтарча, ки роҳат сафед аст,
Ду чашмам дар раҳат, дил пурумед аст.

Бирав, ҷонам, ба пеши одамон рав,
Ҳикоятҳои онҳоро ту бишнав.

## ҲИКОЯТ ДАР БОРАИ ИНЖЕНЕРИ ИСТГОҲИ БАРҚӢ

Дар яке аз деҳаҳои кӯҳсор
Гашт боло даҳшатафкан пои дор.

Марг дар поёни дор истода буд,
Аз барои қатл ӯ омода буд.

Дар забонаш номи оллоҳу набӣ,
Дар кафаш қуръону теғи аҷнабӣ.

Дар кафаш шамшери занголуд дошт,
Қатл кардан деҳаро мақсуд дошт.

Босмачӣ
дар ҷустуҷӯи қут буд,
Дар намуди гӯр буд,
тобут буд.

Хост гирад пеши нури офтоб,
Хост пӯшонад ҳақиқатро ниқоб.

Хост,
ки аз ҷӯш монад чашмасор,
Хушк гардад оби дарьё дар баҳор.

Хост аз нав шоми торик оварад.
Банду зиндон бахри тоҷик оварад.

Сӯи мактабхонаи қишлоқ рафт,
Чун балои ногаҳи офоқ рафт.

Хост гирад ҷони зебопайкаре,
Бегунаҳ ҷони муаллимдухтаре

Сӯхт баски чодари пурнангро,
Пеша карда донишу фарҳангро.

Хост гирад аз кафи духтар китоб,
Аз забони ӯ суруди инқилоб.

Дар гулӯяш ҳалқа карда ресмон,
Бар сари дор оваридаш кашкашон.

Хост бандад чашмҳои шӯълабор,
То набинад вақти ҷон додан диёр.

Гуфт духтар: «Кун ҳазар аз хашми ман,
Қудрате набвад, ки бандад чашми ман!

Субҳи озодӣ, ки чун оғоз шуд,
Чашми ман аз хоби ғафлат боз шуд»

Ҷон супурду хам нашуд асло сараш,
Чун ливои боми мактаб пайкараш.

Зиндагии тоза мисли дасти ял,
Сахт бигрифт аз гиребони аҷал.

Донаи пошида аз зери замин,
Рост шуд ҳамроҳи деҳқон аз камин.

Шуд қалам дар дасти мактабхон синон,
Дар шлёми Буденный партизон.

Гашт шайпури пионер раъду барқ,
Галстукаш чун шафақ дар субҳи Шарқ.

Бо аҷал дуньёи нав дар ҷанг шуд,
Хоки золим бод гашту чанг шуд.

Мактаби қишлоқ, мактаббачагон,
Мӯсафедон, ашкрезон модарон.

Бо сари хамгашта гуфтанд: Алвидоъ,
Ёди ту моро диҳад дарси шуҷоъ».

Духтаре аз байни мардум дод зад,
Чун мубориз наъраи озод зад.

Чодарашро пора кард, андохт дур,
То нагирад парда дигар пеши нур.

Шуд баланд овозҳои офарин,
Ҳам садои тавба аз тағфори дин.

Аз ғазаб, аз хашм рӯи софи ӯ
Мавҷ мезад мисли оташ дар намӯ.

Духтари деҳ чордаҳсола ба син,
Чун муаллим гашт сарбози матин.

Дод бар дасти сабо мӯи дароз,
Шайхро афканд дар сӯзу гудоз.

Ин садо омад ба гӯш аз рӯи дор,
Паҳн шуд дар байни мардум чун шиор:

«Зиндаам кардӣ, мубориз, хоҳарам,
Офарин, эй нури чашми кишварам!»

* * *

Як зане рӯи Пули Сангини Вахш,
Бохабар аз расму аз оини Вахш.

Истода нақшаи нав мекашид,
Худ ба мисли мавҷи дарьё медамид.

Наъра мезад Вахш дар қаъри дара,
Пош дода обро чун шаршара.

Вахш мезад сар ба хоро ҳар нафас,
Чун паланги монда дар банди қафас.

То ки аз ин тангно берун шавад,
Дар биёбон хоҳари Ҷайҳун шавад.

Дар канори Вахш зан истода буд,
Ақлу ҳушашро ба дарьё дода буд.

Ин дара монанди оташхона буд,
Рӯд аз гармии он девона буд.

Кӯҳ тафсон,
растаниҳо сӯхта,
Чашм бар дарьё ниҳолон дӯхта.

Аз ҳарорат ташналаб паррандаҳо,
Тӯп-тӯп афтода, хуфта ҳар куҷо

Одамон лабхушк, дарьё дар канор,
Об бепарвою мардум интизор.

Дар чунин вазъияти душвор гашт
Ин масал машҳури аҳли чӯлу дашт:

«Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,
Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем».

Ахтарон чун чашми тези кӯҳсор
Дар раҳи рӯди равон буданд чор.

Чашми зан ҳам шоҳиди наззора буд,
Фикри зан дар ҷустуҷӯи чора буд.

Чун чароғи ильичӣ дар рӯи об
Ҷилвагар мешуд ба чашмонаш ҳубоб.

Гэс-и Норакро чӣ ҷои боб ёфт,
Чархи онро дар кафи гирдоб ёфт.

Зан ба рафти об чашмашро ниҳод,
Солҳои рафтааш омад ба ёд.

Ёд овард аз фаранҷӣ растанаш,
Мисли ин дарьё зи тангӣ ҷастанаш.

Босмачиву дор, хуни рехта,
Гуфтаҳои пайкари овехта:

«Зиндаам кардӣ, мубориз, хоҳарам,
Офарин, эй нури чашми кишварам!»

Аз хаёли зан паёпай мегузашт,
Рӯи оянда шукуфон чӯлу дашт.

Шӯъла хезад аз дили ин қасри нур,
То чароғистон кунад ҷоҳои дур.

Сафкашон симчӯбаҳо дар ҳар тараф,
Нақши нав банданд дар боғи шараф.

Гарчи машҳуранд дар айёмҳо
Дар лаби Нили араб аҳромҳо,

Монда аз фиръавнҳо чун ёдгор,
Ёдгор аз санъати мардони кор.

Ҳар заводе, ки дар ин кишвар ба пост,
Ёдгор аз зиндагии зиндаҳост.

Гарчи пӯшонид илми кимиё
Мурдаи фиръавнҳо аз мӯмиё.

Лек мо кори дигар сар мекунем,
Хокро аз кимиё зар мекунем.

Гэс-и Норак қалби химкомбинат аст,
Нури арзон, ёрии беминнат аст.

Нав ба нав з-ин истгоҳи бошукӯҳ
Шаҳрҳо сабзанд дар оғӯши кӯҳ.

Барқи Норак часта чун тиру камон,
Мекунад фардои моро ҳам аён.

Рӯзҳои рафтаро зан ёд кард,
Ёди дарси Маскаву устод кард.

Олими машҳури халқи русро
Пандҳои дӯсти дилсӯзро.

Олиме, ки Тоҷикистон дидааст,
Кишвари тоҷикро санҷидааст.

Ошно бо кӯҳу бо дарьёи ӯст,
Саркашиву нозу истиғнои ӯст.

Аз Пули Сангин гузар кардаст он,
Борҳо дафъи хатар кардаст он.

Инженерзан нақшаро такрор дид,
Гуфтаи устод бар ёдаш расид:

— Тоҷикон гӯянд:
«Аз даври қадим
Маънии Норак бувад «нори ҷаҳим».

Шояд ин афсонаи пешина аст,
Шиквае аз кулфати дерина аст.

Ҳар чӣ бошад,
духтарам, иқдом кун,
Бабри кӯҳистони худро ром кун.

Вахшро бо майли худ ҷорӣ намо,
Аз бари Норак ба ҷаннат раҳ кушо.

Ҷаннати афсонавиро баъд аз ин
Одамон созанд дар рӯи замин.

Рав амал кун,
ҷаҳд кун бо одамон,
ГЭС-и нав буньёд кун дар он макон.

Зан ба пеши шавҳараш омад, нишаст,
Нақшаро бикшоду бар он бурд даст.

Гуфт: «Ин ҷо ГЭС-и Норак мешавад,
Халқро рӯзи муборак мешавад».

Шавҳараш айнак гирифту зеҳн монд,
Нақшаро аз пеши чашмаш бигзаронд.

Сулфа карду рӯи худро бурма кард,
Кач намуд лаброву гап нимғурма кард.

Гуфт: «Хонум, инженер! —
Пас ханда кард, —
Аз паи ин нақшаи хомат нагард.

Ҳеҷ кас онро нагирад дар план,
Не раису не вазир,
ҳатто ки ман.

Гэс-ҳо бисьёру ҷои сарф нест,
Балки дар ин бора ҷои ҳарф нест.

Ё ту мехоҳӣ, ки рӯи офтоб
Хира гардад аз чароғи беҳисоб.

Ё ту мехоҳӣ,
ки ону ин кунӣ,
Аз электир кӯрпаву қолин кунӣ!»

Аз ғазаб ларзид ҷисму ҷони зан,
Ашк шуд дурдона дар мижгони зан.

Гуфт: «Мардак, аҳли худ бар ҷой мон,
Мову ту дар хона не, дар Госплон.

Ман туро медонам аз рӯзи азал,
Бо ту мушкил кардани ин кор ҳал.

На ту рӯбоҳу на шери бешазор,
На уқобиву на кабки кӯҳсор!»

Зан бурун гардид, дар пӯшид сахт,
Шавҳараш ду даст бар сар монд тахт.

* * *

Москва дил мекашад аз ҳар канор,
Хоҳ аз водиву хоҳ аз кӯҳсор.

Мекашад дилро зи меҳри модарӣ,
Аз канори гарм чун ҷонпарваре.

Москва гардида аз нав рӯ ба рӯ,
Бо зани тоҷик дорад гуфтугӯ

Дар биное, ки ҳақиқатгоҳи мост,
Мушкилӣ ояд агар мушкилкушост.

Дар ҳамон ҷое, ки Ленин ҳозир аст,
Худ чу ЦК дар сари мо нозир аст.

Зан ба дасташ нақшаву бо зинаҳо
Дилпурона мебаромад монда по.

Пеши чашмаш қулфи Норак боз шуд,
Зери пояш нур пояндоз шуд.

## ҲИКОЯТ ДАР БОРАИ КОММУНИСТ

Ҳикоят мекунад марди коммунист,
Чиҳо диду чиҳо карду чӣ сон зист.

Ба дасташ ҳуҷҷату фармони нав дошт,
Ҳазорон фикри нав, паймони нав дошт.

Ба ҷои нав ба кори тоза мерафт,
Ба кори тоза бе овоза мерафт.

Ҳамерафт ӯ на баҳри худнамоӣ,
Ба кори мушкилу мушкилкушоӣ.

Ба каф ҳуҷҷат — нишони боварӣ буд,
Зи пешин хизматаш ёдоварӣ буд.

Ба роҳаш марди меҳнатпеша мерафт,
Ба сад фикру ба сад андеша мерафт.

Қадам мемонд, месанҷид ҳар бор
Гузашта умри худ такрор-такрор.

Зафармандӣ,
сарафрозӣ, сари хам
Ба умри хеш дида шодию ғам.

Ба умри хеш дида ҳақшиносӣ,
Зи дасти тӯҳмати ноҳақ халосӣ.

Чӣ сон ин мард ҳақ гуфту ҷадал кард,
Ба ҳар як гуфтаи Ленин амал кард.

Ба зидди фитнаи мансабтарошон,
Ба зидди ҷоҳилон, давлатфиребон.

Мубориз гаштаву ноҳақ ҷазо дид,
Ҷазо аз «ошно»-и беҳаё дид.

Хазида беҳаё аз роҳи иблис,
Ба зидди ҳақ, ба даъвоҳои талбис.

Ба ҷое корро овард нопок,
Ки то қалби коммунистро кунад чок.

Ситонад то билеташ ҳамраҳи дил,
Ба иғво, ҳақтарошиҳои ботил.

Васиятҳои Ленин кардаш имдод,
Ба майдони ҷадал ӯро фиристод.

Қадам мемонд қатъӣ, бо ирода,
Ба партия дили пурҷӯш дода.

Ба ёд овард ногаҳ шеъри шоир,
Ки дар он пахтаро кардаст тасвир.

На дар он маънии барҷастае буд,
На ташбеҳи нави шоистае буд.

Коммунист нағз медонист, меҳнат
Ба кас ҳам роҳат асту ҳам уқубат.

Коммунист нағз медонист, ки чун
Рухи чӯлу биёбон гашт гулгун?

Биёбон шуд гулистон, гуфтан осон,
Валекин рафта пурс аз марди деҳқон,

Чӣ сон заҳмат кашиду ӯ арақ рехт,
Арақро ӯ чӣ сон бо хок омехт.

Ба шеъри бенамак писханд мекард,
Ба мӯяш пахтаро монанд мекард,

Ба боғи дилкушои сарзаминаш,
Лаби чоки биёбонро ба чинаш.

Диёрашро назар бинмуда мерафт,
Гаҳе осуда, гаҳ н-осуда мерафт.

Ба чашмаш ҷилвагар шуд хонаву дар,
Зану фарзанд, ҳам бемор модар.

Чӣ сон розӣ кунад хушдоманашро,
Намояд гӯш ҷанҷоли занашро.

Зи нав кӯчидан аз як ҷо ба ҷое,
Зи нав анҷом додан корҳое.

Занаш мегуфт гӯё, ин чӣ ҳол аст,
Ки умри мо ба чанголи шамол аст.

Чӣ сон ӯ дил канад аз ҷою хона,
Зи ёру дӯст, ҳамсоя, дугона.

Чӣ сон аз мактаб, аз дарси муаллим
Барад фарзандҳоро вақти таълим.

Ба хона рафта мегӯяд, ки ёрам,
Намо шодӣ, калон гаштаст корам.

Вале донад, ки аз ин муждагонӣ
Занаш ҳаргиз насозад шодмонӣ.

Ба хона нисфи шаб оҳиста по монд,
Ба рӯи мизи корӣ папкаро монд.

Дигарҳо хоб, зан бедор монда,
Ба сӯи дар ду чашмаш чор монда.

Чунин буд коммунистро хонадорӣ,
Насибу қисмати зан — интизорӣ.

Ба рӯи хона оҳиста қадам зад,
Ба рӯи саҳфаи коғаз рақам зад.

Навозиш кард ҳамдам, ҳамсаравшро,
Ба ҳар ҳолат зани тобоварашро.

Ба наздаш бо савол истод хомӯш,
Ба дасташ ҳуҷҷати нав дод хомӯш.

Ба хатту мӯҳри коғаз зан назар кард,
Назар карду зи дил оҳе бадар кард.

Табассум кард, лаб накшод дигар...
Қавӣ шуд з-ин табассум рӯи шавҳар.

Ба сақфи хона чашмандоз гардид,
Авезон мӯзаи деринаро дид.

Ба ӯ ин мӯза мерос аз падар буд,
Тамоми умр бо вай ҳамсафар буд.

Гузашти умр дар ин мӯза медид,
Азобу кулфати дирӯза медид.

Дар он медид ҷанги бостонро,
Пур аз обила пои деҳқонро.

Ба ӯ мегуфт мӯза: дар ҳама ҳол,
Ба вақти пасту болоии иқбол,

Чӣ дар болои зин, чӣ дар таги зин,
Чӣ дар вазъияти осон, чӣ вазнин.

Чӣ дар ҳангоми меҳнат, фурсати нӯш,
Маро манмой аз ёдат фаромӯш.

Қадам мезад ба сар фикри дигар дошт,
Ба дӯшаш бори вазнин бештар дошт.

Худаш дар хона, дил ҷои дигар буд,
Муқим он ҷову ин ҷо раҳгузар буд.

Дар он ҷо аз чӣ бояд сар кунад кор,
Чӣ сон бо одамонаш карда рафтор?

Дар он ҷо халқ гуногунзабонанд,
Зиёд аз бист миллат одамонанд.

Кунад дил бо дили онҳо чӣ сон як,
Амал як, хулқ як, фикру забон як?

Ҳамеша решаи дар об бошад,
Ҳамеша қатра дар селоб бошад.

Ҳамеша пора аз хуршед гардад,
Ҳамеша пояи уммед гардад.

## КИШТИИ ДЎСТӢ

Бародар,
рус,
гӯши худ ба мо деҳ,
Шунав овози моро аз Душанбе.

Навишта достонеро ба номат,
Душанбе мефиристонад саломат.

Шунав овози моро аз дили Шарқ,
Ки ӯ кардаст равшан манзили Шарқ

Шунав овози мурғони чаманро,
Садои кӯдакон, зеби Ватанро.

Шунав овози шӯхи барраҳоро,
Насими марғзори дилкушоро.

Шунав овозҳои киштии сабз,
Шитоби пахтачину тик-тики набз.

Шунав овози Норак,
Вахши пурҷӯш,
Ба овози машину парма деҳ гӯш.

Шунав савти бинокорони Норак,
Суруди кӯҳканмардони Норак.

Суруд аз мағзи дил хезад,
нишинад
Тамоми Шарқро гардад, бубинад.

Нишинад бар сари Соланги афғон,
Сарояд сулҳро бо чанги афғон.

Нишинад дар лаби кӯҳи Асуон,
Диҳад обе ба фаллоҳи биёбон.

Ба Африқо равад мисли кабӯтар,
Занад боли сафедашро ба ҳар дар,

Ба монанди табибони советӣ,
Ваборо дур андозад зи гетӣ.

Равад чун шеъри Ҳофиз болафшон,
Шавад бо назми ҳинду ишқи печон.

Нишинад бар лаби боми Бхилай,
Биҷӯшад ҳамраҳи фӯлод бо вай.

Бародар,
рус!
Рӯзи тӯи мо аст,
Ду чашми дӯстон ҳам сӯи мо аст.

Ба иди чилсола Тоҷикистон,
Хабар кардем ёрону рафиқон.

Қазоқу украин, ӯзбек оянд,
Чу соҳибхонае аз дар дароянд.

Ҳама оянду бинанд ин маконро,
Макони нектолеъ тоҷиконро.

Ҳама дар гирди дастархон нишинем,
Нишоти идро бо ҳам бубинем.

Ту соқӣ бош, май якҷоя нӯшем,
Ба бахти ҳамдигар завқида кӯшем.

Туро дар партави Ленин бубинем,
Дар ин ҷо ҳамраҳи Ленин нишинем

Ҳар он чизе, ки бинҳодем имрӯз,
Ба дастархони ин ҷашни дилафрӯз,

Зи файзи дӯстӣ ҳамдастии мост,
Вафодорӣ ба ҳампайвастии мост,

Нишони дуду оташ диданн мост,
Даруни хоку хун ғӯтидани мост.

Гурусна,
ташна,
бехобӣ
кашидан,
Лаби нони сияҳ якҷоя дидан.

Ҳар он чӣ дида шуд, ҳамроҳ дидем,
Дар ин раҳ ҷон супурда, ҷон харидем.

Гирифта байрақи сулҳу амонро,
Сафар кардем бо ту мо ҷаҳонро.

Накарда фарқ ирқу пӯст аз пӯст,
Ба ҳар як хонадон рафтем чун дӯст

Ба мо партия як сон болу пар дод,
Мароми дӯстӣ, фатҳу зафар дод.

Агар ин дӯстӣ бошад чу кӯҳе,
Набошад кӯҳро ин сон шукӯҳе.

Чаро ки кӯҳ ҳам аз боду борон,
Шавад вайрон ба рафти рӯзгорон.

Агар он мисли истеҳком бошад,
Чу гӯе дар кафи айём бошад.

Агар он чун дарахти сабз бошад,
Чу як қабза алаф дар қабз бошад.

Бувад ин дӯстии мо баробар —
Ба киштии фалакпаймои кишвар.

Бародар, рус, монанди капитон
Барӣ ту халқҳоро то ба кайҳон.

Барӣ то кӯчаҳои пурситора,
Аз ин сайёраи равшанназора.

Ҳамеша зинда монад, то замин аст,
Бақои дӯстии мо чунин аст.

Чунин асту чунин асту чунин аст!
Ҳаёти мо ҳамин асту ҳамин аст!

*Октябри соли 1964. Душанбе.*

# ПАРИИ ОБЙ

(Тарҷумаҳо)



*М. Ю. Лермонтов*

## ВЕНЕЦИЯ

1

Венеция, диёри пур зи сарват,
Дар оби баҳр ҳар дам ҷилвагар буд,
Маҳ аз пушти туман бо нури талъат
Сафобахши ҳама девору дар буд.
Намоён бодбоне дар назар буд.
Басо амвоҷи бегоҳӣ ба шиддат
Кунад аз зарбаҳои бел нола,
Шавад такрор сози баркарола.

2

Хаёлам, доду афғони шабона
Аз он бошад, ки оромист барҷо.
Зи нав овози тор асту тарона,
Аз он тарсед, шавҳарҳо, шуморо
Диҳам ин маслиҳат дар ҳифзи занҳо,
Ки месӯзад дили ман дӯстона,
Агар худ бевафо бошед, дигар
Диҳад тавфиқатон олоҳуакбар!

3

Саломат бош,
                    Чичизбои зебо,
Ту ҳам ҷонон Малина, ёри маккор.
Кунед инак шино бар мавҷи дарьё,
Муҳаббатро шавад туғьён нигаҳдор.
Агар, ин сарнавишти нек-озор,
Бувад дар баҳрҳо ҳам ҳукмфармо,
Вале тӯмори бӯсобӯси манзур
Хаёли ботил аз сар мекунад дур.

4

Ниҳода каф ба каф,
                    оҳиста бо ҳам
Кушоянд он ду тан завраҷнишин роз:
Ба акси партави маҳ ёри хуррам
Бидорад синаи худ аз сари ноз.

Гирифташ танг дар бар бахти мумтоз,
Ту гӯӣ, роз ифшо шуд дар ин дам,
Ба гӯш омад гаҳе маҳзун,
                    гаҳе шод
Садои баркарола ҳамраҳи бод:

Чу боди шӯх дар дарьё,
Биронам завраҷи худро,
Чу оби наҳр пайваста
Нагардад завраҷам хаста.

Билағжад завраҷам аз мавҷ,
Бимонад ишқ ҳам аз авҷ:
Зи нав дарьё шавад ҳамвор,
Нахезад ҳирс дигар бор.

* * *

Ҳаст дар хотират магар, ки чӣ сон
Мо ба ҳам шом хайрухуш кардем?
Тӯпи бегоҳ ҳам бишуд ғуррон,
Ҳар ду рӯ сӯи деҳа овардем...
Он замон офтоб меғӯтид,
Ғафс мешуд ба рӯи баҳр туман;
Зуд бигзашт ғулдуроси шадид,
Пас, фурӯ монд аз садо додан.

Кори рӯзонаро намуда тамом,
Доимо мекунам хаёли ту,
По ба соҳил гузошта ҳар шом,
Гӯш бидҳам ба таркиши он сӯ.
Чун ба навбат ҳамешавад хомӯш
Ғурриши тир байни мавҷи дамон,
Ман бигирьям, ғамам рабояд ҳуш,
Хоҳишам мурдан аст ҳамраҳи он...

## СУРУД

1

Намедонам фиребам дода буди,
Тамасхур кардиям ё не,
чафокор,
Вале савганд, шайдоям намуди,
Ки аз он мондааст,
андар дил осор.
Қасам бидҳам туро бо номи афлок,
Ба онҳое, ки барн-оянд дигар,
Ба номаълум бахтам, к-аз дили пок
Зи ҷурми ошиқи дилдода бигзар.

2

Ба ҳарфи содаам бовар надорӣ,
Вале рӯзе бидонӣ з-ин варақҳо
Тамоми сидқу эҳсосоти ёре,
Ки рондӣ бе тараҳҳум аз худ ӯро.
Ту, шояд, аз дилат оҳе барорӣ,
Шавад дар нӯги мижгон ашк пайдо,
Намоӣ ёди он дилдода боре,
Ки аз ашку ғам ӯро нест парво.

## 3

Ғаму дарду умеду орзуро
Набинад ин ҷаҳони сард дигар,
Ки ҳаст андар дили озоду барно,
Намебинӣ ту аз он лаҳза, дилбар
Вале гар бозмегаштам ба он рӯз,
Ки шӯре аз муҳаббат доштам ман,
Зи нав мехостам ранҷу ғаму сӯз
Аз он ишқе, ки сӯзад кишвари тан.

## БА ДӮСТАМ

Дӯстам, гирьён машав пеш аз фироқ,
Раҳ мадеҳ ғам дар дили пуриштиёқ,
Аз чӣ пеш аз вақт дар дил изтироб?
Бар ғами ишқи сабуковар, ки тоб
Бурдааст аз синаи сӯзони ту,
Ханда хоҳӣ кард пас, бегуфтугӯ.
Он чӣ гум гаштаст боре, як замон
Шояд аз нав гашта ояд наздамон
К-ин дили девонаи мо ин қадар
Мекунад умеди худ ҳар дам дигар,
К-аз сари нав дошта бар дасти худ
Он чӣ қисмат дӯш аз мо бурда буд,
Ҳеҷ нашносем аз ӯ ному нишон,
Дилрабо дигар набошад ҳусни он;
Бар гузашта эҳтиросу шавқи хеш
Бингарем акнун на бо он майли пеш.
Он чӣ як вақте балое менамуд,
Бишмарем акнун ба ҷои бахти худ.

## МАВҶҲО ВА ОДАМОН

Мавҷҳо, лағжон зи пушти якдигар,
Паст-паст ояд садоҳошон ба гӯш.
Издиҳоми халқ ҳам дорад гузар
Аз паи ҳам мисли амвоҷи хамӯш.
Беҳтар аз гармо ба мавҷи одамон
Бандагию сардии тоқатшикан.
Рӯҳ мехоҳанд мардум... рӯҳашон
Сардтар аз мавҷ ҳам андар бадан!

## САДОҲО

Чӣ садоҳои хуше! Бе ҳаракат гӯш кунам,
Дилам ояд ба хурӯш;
Оламу одаму афлок фаромӯш кунам,
Бохта ақлу ҳуш.
Эй худо! Ваҳ чӣ садоҳо, ки ба сад арзу ниёз
Дил бувад сомеашон,
Чун ба лабташна мусофир ба биёбони дароз
Бувад оби ҳайвон!
Ҷуръа аз ёди замони куҳанам нӯшонанд,
Ки бувад рӯҳафзо,
Аз дигар пираҳани зиндагиям пӯшонанд,
Он чӣ гаштаст фано.
Ин садоҳо чу ҳаюло шуда дар пеши назар,
Мекунандам мафтун,
Ба гумонам, ки зи нав бишнавам аз ҳаҷр хабар,
Дили сӯзон маҳзун.
Боз аз соғари айёми кӯҳан нӯш кунад
Дили девонаи ман,
Боз дар ёд ба алфози касон гӯш кунад
Дили девонаи ман.

## 11 ИЮЛЬ

Аз миёни абрҳои даргузар,
Дар қафои қуллаҳои барфпӯш,
Офтоби кӯра-осо пуршарар
Сар фурӯ мекарду мепӯшонд рӯш,
Назди як дӯшизаи соҳибҷамол,
К-аз шафақ гардида ҳуснаш бештар,
Меситодам ман парешон, чун хаёл,
Сӯи ӯ пайваста мекардам назар,
Чашми ман асло намегардид сер,
Ман ҳамин як лаҳзаро дар тира ёд
Бо умеде доштам маҳфуз дер
Ин ҳама хобу хаёле буд наход.
Ҷойгоҳи духтару тиреза ҳам,
Хандаи лабҳои ширину нигоҳ,
К-аз нигоҳаш манъ карда қисматам,
То бубинам шодии худ гоҳ-гоҳ?
Не, фақат иқбол дорад иқтидор
Тира созад орзую ақлро,
Ҳеҷ набвад хоб, к-он дар рӯзгор
Лоақал як зррае орад ҷафо!

## МУҲАББАТИ НАХУСТИН

Ҳанӯз аз давраи тифлӣ шарори ишқи дил-афрӯз
Қарору сабр аз тан бурдаю оварда дар дил сӯз.
Даруни ҷойгоҳи гарм, дар шабҳои зулмонӣ,
Ки шамъ аз пеши расми анбиё бо нури ларзоне,
Фурӯзон буд, маҳви олами пиндор гардидам,
Хирад бар орзуи фотеҳи асрор бахшидам.
Рухи зебои занро дидаам, к-он сард чун ях буд,
Нигоҳаш дар дили ман хона карду розҳо бикшуд;
Чу виҷдон, ҷони манро аз ҷиноят ҳифз бинмояд
Ягона гар зи рӯъёҳои тифлӣ гӯямаш шояд.
Муҳаббат доштам бар духтаре, к-он он сон муҳаббатро
Надидастам, намебинам дигар дар зиндагӣ асло.
Бишуд гӯё, ки з-он девор ин дам сояҳо поён
Шуданд оҳистаю бар пои ман бархӯрд сарҳошон.
Чу онҳо, хотироти тираам беинтиҳо буданд,
Агарчи орзу, лекин азизу пурбаҳо буданд.

## ЧАШМА

Чашмаи ҳирс бувад дар дили ман,
Бас бузург асту аҷаб пур-эъҷоз;
Реги симин зи тагаш мавҷафкан,
Сатҳи ӯ мисли само аксандоз;
Лек пайваста бидорад ҷараён,
Регро дар таги он чархзанон,
Рӯи оби ба ҷило ҷӯшида
Осмон абр ба рух пӯшида.

Чашма пайдо шуда ҳамроҳи ҳаёт,
Мешавад ҳамраҳи ӯ боз фано;
Гоҳ суст асту гаҳе пурҳаракот,
Лекин он ҷазб намояд ҳамаро;
Бахтьёрем нахустин, аммо
Баҳри якчанд дами кайфу сафо,
Баҳри якчанд азобу ғаму дард
Иваз оромии дил хоҳам кард.

## БА ХУД

Худамро хостам бовар кунонам,
Ки ӯро дӯст ман ҳаргиз надорам,
Ба беандоза чун андоза монам,
Чӣ сон бар ишқи беҳад ҳад гузорам?

Намудан заррае беэътиноӣ
Ба ишқи безаволу қудрати он,
Ба ман исбот кард он муддаое,
Ки набвад шавқро бишкастан осон.

Ки занҷирам намегардад гусаста,
Ки ин оромии имрӯзаи ман
Чу овози малак з-афлок раста
Ба рӯи ҷамъи иблисони раҳзан.

## ШӮҲРАТ

Чаро меҷӯям ин сон шӯҳрату ном?
Бале, дар ному шӯҳрат нест ором,
Вале бисьёр мехоҳад дили ман,
Ки бошад кошифи ҳар илму ҳар фан.
Ба қаъри зулмати оянда чашмон
Давонда, мешавад дар банди эҳзон,
Ба майли ӯ нагардад чархи гардун,
Шавад аз каҷравиҳои замон хун.
Наметарсидам аз қонуну аҳком,
Агар медоштам бовар ба айём,
Ки кори гашта бо илҳом ҳамдам
Набинад ранҷи тӯҳматҳои олам;
Ки бовар мекунад аҳли замона
Ба нақли ғуссаҳои бекарона,
Ки овози фалак ҷонбахшу масрур
Нахоҳад шуд ба овози замин ҷӯр.
Маро чизе намегардад муяссар,
Ки ташвишам бувад як-умр бар сар:
Бувад кӯтоҳ дар олам ҳама чиз,
Набошад ҷовидон шаъну шараф низ.
Бимон! Авлод бо таъриф,
охир,
Бигардонад муқаддас ёди шоир.

Чӣ суд аз ин ҳама таърифи кӯтоҳ?
Аён, к-абнои инсонанд гумроҳ.
Биёяд дигаре бо шеъри мавзун,
Кунад хонандагони хеш мафтун,
Бигардад ҳофизи пешин фаромӯш,
Ки танҳо зисту гардид хомӯш.

## БЕГОҲ

Чун дар он сӯи замини нилфом
Рӯзи гулгун чеҳра пинҳон мекунад,
Абр хезад, сояи мавҳуми шом
Дашту дарро пардапечон мекунад.
Мекунам он гаҳ дар оромӣ хаёл
Аз муҳаббат, аз бақои безавол,
Ҳотифе оҳиста мегӯяд ба ман:
Ту нахоҳӣ гашт аз нав бахтьёр.
Дида дӯзам, бар мутеӣ дода тан
Бар сипеҳри лоҷуварди беканор.
Кардааст эҷод вай эъҷозҳо,
Лек огаҳ бош: не аз баҳри мо,
Не барои аблаҳи мардуду паст,
К-аз барояш як нигоҳи чашми ту
То ба тан боқист ҷонаш, буду ҳаст
Аз тамоми бахшиши гардун накӯ.

## СУРУДИ РУСӢ

1

Парча-парча барф меборад, нигар
Аз чӣ духтар меҳаросад ин қадар.

То фароянд з-остон
Об орад, рафта он?

Ҳамчу роҳиб, к-ӯ барад тобутро,
Мекунад бӯрони мудҳиш нолаҳо.

Медавад бозикунон,

Дар дами дарвоза саг бо қаҳри беш
Гоҳ-гоҳе мегазад занҷири хеш,

Меҷакад улласкашон.

2

Не ҷакиданҳои ғамангези саг,
Не фиғони боди ҳарҷонибдавак

Дар дили духтар ҳарос
Менамоянд инъикос:

Ёри ҷонаш дӣ зи олам рафта буд,
Ӯ ба ранги барф рӯ хоҳад намуд.

Боз мегӯяд ба ӯ:

Ту ба ман кардӣ хиёнат, нозанин, —
Пас нишонаш медиҳад ангуштарин,

Истода рӯ ба рӯ.

## САДОҲО ВА НИГОҲ

Бас-бас акнун, боз чанги хештан
Ту ба тори чанги тиллой мазан,
Бин: чӣ сон ҷӯяд дил озодии худ,
Ашкҳо аз чашм меояд фурӯд;
Боз бар ман оварад ҳар як садо
Ёди ғамноки гузашта рӯзҳо,
Беҳ, ки бо як изтироби ишқи беш
Сӯям андозӣ нигоҳи гарми хеш,
Ёди он бигзаштаи манҳусро
Ғарқ хоҳам кард дар ин рӯзҳо,
Ҳастии худро ба ин як дам висол
Сарф хоҳам кард ман беқилуқол.

## ЗАМИН ВА ОСМОН

Дӯст натвон дошт дигар осмонро чун замин?
Кай бувад маълум бахти осмонӣ баҳри мо:
Сад карат бахти заминӣ хурд бошад ҳам, яқин
Ҷумла медонем онро нағз, бечунучаро.

Майли пинҳонӣ биҷӯшад дар дили мо бардавом,
То ки орем аз умеду кулфати дерина ёд,
Орзуи бебаҳо ташвишамон орад мудом,
Менамояд кӯтаҳии ғуссаи айём шод.

Дар дили мо оварад имрӯз ташвишу ҳарос
Дурии торики истиқболи пинҳон аз назар:
Кайфи айши осмониро ба ҷон дорем нос,
Лек бошад зиндагонии заминӣ хубтар.

Баҳри мо марғуб он чизе, ки андар ҳукми мост,
Гарчи бинмоем баъзан чизи дигар ҷустуҷӯ;
Лек равшантар шавад вақти видоъ-ин аст рост —
Чун шавад пайванди ҷон он чизу бахшад кайф ӯ.

## ҲАМСОЯ

Гардид рӯз хомӯш дар авҷи осмонҳо,
Ором нурпошӣ доранд ахтарон ҳам:
Машғул бо чӣ бошад ҳамсояи ман ин дам?
Аз байни шохсорон бинмоямаш тамошо;

Бинам зи шӯълаи шамъ тирезааш мунаввар,
Дар боғи хурд ҷо-ҷо акси зиё фитода,
Берун зи ҳуҷраи ӯ андӯҳ рӯ ниҳода,
Бо ин ба ман писанд аст ҳамсоям муқаррар.

Дар ҳаққи ӯ бигӯянд мардум аҷиб гапҳо,
То таънааш намоянд, ҳастанд ҷумла тайёр,
Лекин надорад ӯ ҳеҷ бар ҳарфи мардумон кор,
Афрӯзад ӯ ба сарвақт доим чароғи худро.

Нури чароғи ӯро ҳар гаҳ ки ман бубинам,
Дарҳол мешитобам пеши даричаи хеш,
Хушнудии пурасрор ин лаҳза оядам пеш,
Ба қалби пурталотум хомӯш менишинам.

Бо ҳамдигар, ба фикрам, ҳамфикру ошноем,
Ҳамқисматем бо ҳам, ҳамсояем имрӯз,
Аз оташи як андӯҳ ҳастем дар табу сӯз,
Дерест ҳардуи мо ҳамрози бериёем.

## ИБЛИСИ МАН

### 1

Маҷмаи кинаҳост тинати он:
Байни абри сияҳ кунад парвоз,
Ошиқ аст
                ӯ ба шӯришу тӯфон,
Ғурриши беша бошадаш дамсоз;
Дӯст дорад кудурати шаби тор,
Туману ранги хираи маҳтоб,
Хандаи талху дидаи бедор,
Ки наяфшондааст қатрае об.

### 2

Ба гапи сарду фитнаи аъён
Гӯш кардан шудаст одати ӯ,
Оядаш ханда аз накӯ суханон,
Ханда бар мӯъминон занад ҳар сӯ.
У надонад муҳаббату шафқат,
Бо хӯроки заминӣ ӯ зинда,
Ташнаи дуди ҷанги пурдаҳшат,
Ҳаври хунрост дӯстдоранда.

## 4

Чун таваллуд шавад ҷафокаши нав,
Ӯ ба рӯҳи падар диҳад ташвиш,
Ӯ тамасхуркунон расида ба дав,
Ҳозир ояд ба афти мудҳиши хеш.
Чун шавад марги одаме наздик,
Ҷонаш аз хавфи гӯр ларзанда,
Дар дами охирин ба ӯст шарик,
Лек таскин ба ҷон набахшанда.

## 3

То ки ҷон дар танам бувад ҷӯшон,
Дур аз ман намешавад иблис,
Ӯ ба ақли ман аст нурафшон
Аз пурэъҷоз оташи талбис:
Ӯ лиқои камол бинмояд,
Пас бигирад ба ҷовидон онро,
Гарчи з-ӯ ҳирси кайф меояд,
Лек бахтам намедиҳад асло.

## ДУ ПАҲЛАВОН

Дар сараш бигзошта зарринкулоҳ,
Паҳлавони кӯҳнасоли рус он,
К-аз сари шаб буд чашмонаш ба роҳ,
Назди ӯ аз дур ояд паҳлавон.

Дар паси саҳрою кӯҳу бешаҳо
Дар забонҳо номи ӯ такрор буд:
Лоақал боре шудан зӯрозмо —
Орзуи ин ду шӯҳратдор буд.

Бо кару фарру ҳашам омад зи дур
Паҳлавони навбаромад тохта, —
Худнамоӣ карданӣ шуд аз ғурур,
Чанг бар тоҷи ҳариф андохта.

Лек бо лабханда заҳрогин ҷавоб
Паҳлавони рус додаш он замон:
Дидашу — бо сар намудаш сахт боб...
Воҳ! — гуфту каллапо афтид он!

Лекин ӯ афтод андар баҳри дур,
Рӯи хоросанги пинҳон аз назар,
Андар он ҷое, ки тӯфонҳои зӯр
Мезананд аз қаҳр бар гирдоб сар.

## ПАРИИ ОБЙ

### 1

Парии об дар дарьёи ахзар
Шиновар, ғарқи нури моҳи анвар;
Ҷадал мекард,
к-аз мавҷи зарогин
Ба рӯи Маҳ расонад кафки симин.

### 2

Дар об афтода акси абрпора,
Ба дасти мавҷи ҳамчун гоҳвора.
Парии об мехонду садоҳо
Бо соҳил мерасид аз мавҷи дарьё.

### 3

Чунин мехонд ӯ:
«Аз партави рӯз
Ҳамеша қаъри дарьё ҳам дилафрӯз:
Дар он ҷо фавҷи моҳиҳои заррин;
Дар он ҷо шаҳрҳо аксар булурин;

4

Ба рахшон болини регӣ, дар он ҷо
Ба зери сояи серуни найҳо
Бихонад паҳлавони мулки дигар,
Ки мавҷи рашкнокаш карда музтар...

5

Шабонгоҳон ҳамеша дӯст дорем,
Ки шона бар хами мӯяш гузорем.
Гирифта бӯсаҳо дар нимрӯзӣ
Зи рӯи нозанини дилфурӯзе;

6

Намедонам чаро сард асту хомӯш
Аз ин сон бӯсаҳои нарму пурҷӯш.
Ба рӯи синаам сар монда хоб аст
Нафас не, ҳарф не, ӯ лоҷавоб аст».

7

Ба номаълум савти ҳузн-овар
Парӣ мехонд дар дарьёи ахзар,
Дар об афтода акси абрпора,
Ба дасти мавҷҳо як-ду ситора.

## БА КАЗБЕК

Бо шитоб имрӯз аз ҷоҳои дур,
Аз диёри гарму дилгири шимол,
Посбони Шарқ, Казбеки гаюр,
Омадам наздат, намоям арзи ҳол.

Асрҳо пешонаи пурчини ту
Сахт печонида дастори сафед,
Аз хурӯши одамию кибри ӯ
Дар ту ошӯбе намеояд падид.

Лек бигзор ин дуою вирдро
Аз дили ороми ҳар харсанги ту,
Бо барат аз кишварат — авҷи само,
Бар ҳузури холиқи зишту накӯ.

Илтиҷо дорам,
ки боз ояд фурӯд
Рӯзи серун бар раҳи пургарду чанг,
То ки дар саҳрои хушки беҳудуд
Дам бигирам нимрӯзӣ рӯи санг.

Илтиҷо дорам, ки бо қаҳру ғазаб
Лашкари бӯрон нагардад ҳамлавар,

Бар ману бар аспи лоғар рӯзу шаб
Дарраи Дарьёл бошад бехатар.

Боз як хоҳиш бувад дар қалби ман!
Тарсам аз гуфтан! — Танам дар изтироб!
Вой бар ҳолам, чу ронданд аз ватан,
Карда бошандам агар дур аз ҳисоб!

Ҳурмати пешина меёбам магар?
Мекушояндам навозишҳо канор?
Баъди чандин соли гаштан дар ба дар
Мешиносандам магар хешу табор?

Ё ки дар байни қатори қабрҳо
Мениҳам бар хоки ёрон пои хеш,
К-он ҳама буданд аҳлу бовафо,
Дар ҷавонӣ дида бо ҳам нӯшу неш?

Вой агар бошад чунин! Казбек, зуд,
Гирдбод ангезу пинҳонам намо,
Дар миёни дарраи пурҳавли худ
Бе таассуф бод кун хоки маро.

## АНДЕША

Ман ба ин авлоди худ бо яъсу ғам дорам нигоҳ!
Ҳаст ё холӣ ва ё торик истиқболашон,
Зимни он дар зери идроку ҳароси иштибоҳ
Пир аз беғайратии хеш гарданд ин замон.
Мо худ аз гаҳвора мегирем сарват аз падар:
Ақли дерину хатоҳои пур аз ташвишро,
Зиндагӣ чун роҳи бемақсад ба мо орад зарар,
Мисли он афтодае дар сӯҳбати бегонаҳо.
Бе набарду саъй пажмурда ба майдони ҳаёт
Мешавем, аз неку бад парво надорем он қадар;

Мо ҳама неши ҳукумат бандагони бесубот,
Мо ҳама тарсончаку ларзанда дар неши хатар,
Меваи коҳида, к-аз вақташ муқаддам мепазад,
Инчунин аст, ӯ надорад лаззатеву рангу бӯ,
Меваи коҳида оё байни гулҳо месазад?
Айни авҷи ҳусни гулҳо бодрезак гардад ӯ!

Бо ҳасад уммеди худро карда аз ёрон ниҳон,
Қалби худро пур намудастем аз кину ҳасуд,
Эҳтироси мо шуд аз нобовариҳо дар зиён.
Мо ҳамин дам даст бар ҷоми ҳаловат бурдаем,
Лек нирӯи ҷавонӣ ҳифз дар дилҳо намуд,

Мо зи ҳар шодии аз ҳад беш тарсе хӯрдаем,
Ҷовидонӣ шарбаташ бистонда бо дастони худ.

Орзуи назму завқи санъати позук-адо
Н-оварад дилро зи шодию фараҳ дар изтироб;
Ҳифз бинмоем дар дил боқип эҳсосро,
К-аз хасисӣ, дафн кардемаш, нагашта баҳраёб.
Ишқи мо ҳам, нафрати мо ҳам, тасодуф ҳар замон,
Мо накардастем баҳри ишқу нафрат ҷон фидо,
Ким чӣ сон сардии пинҳон бар дили мо ҳукмрон,
Мо чу анбӯҳи ҳазину рафта аз ёди ҷаҳон
Бигзарему не садою не асар монад зи мо,
Фикри нафъовар наяндозем бар асру замон,
Дар ҷаҳон аз мо намонад меҳнату кори даҳо
Ҳамчу ҳукми қатъии инсонии худ насли мо
Мекунад бо шеър, бешак, лаънате бар рӯҳамон,
Аз надар дид ӯ фиребу гашт аз сарват ҷудо,
Талх механдад ба ҳоли мо писар ҳасраткунон.

## ШОИР

Медурахшад ханҷарам аз оби тилло
Бо дами безангу бурровю ҷилодор:
Ҳаст пӯлодаш зи шарқи ҷангӣ,
аммо
Худ бувад бонии мероси пурасрор.

Бар савори кӯҳие хизмат намудаст,
Солҳо нагрифта ҳаққи хизматашро:
Ӯ ба чандин сина захме монда будаст,
Пора карда сад зиреҳро дар ҷадалҳо.

Буд ба шӯхӣ, чун ғуломе,
тобовар,
Дар ҷавоби ҳарфи беҷо медурахшид:
Он замон аз баҳри ӯ ни сайқали зар
Буд шармангезу як олоти таҳдид.

Аз паёми мурдаи як хоҷа ӯро
З-он сӯи Терек қазоқ овард
бар даст,
Баъд ҳангоми юришу дар сафарҳо
Дар дӯкони арманӣ бисьёр мондаст.

Ҳамраҳи бечораи марди диловар
Аз наёми пора-пора гашт маҳрум,
Ӯ ба девор аст чун бозичаи зар,
Бешукӯҳу безарар, бар вақт маҳкум.

Ҳеҷ кас бо дасти ғамхоронаи хеш
Тоза нанмояд зи чангу гард ӯро.
Хатти ӯ дигар нахонад аз саҳар пеш
Ҳеҷ кас бо кӯшишу вирду дуоҳо.

Нестӣ оё чунин, эй шоири мо,
К-ин замон бинмудаӣ гум хизмати худ,
Карда бар тилло иваз ҳукме,
Халқро лозим буд ӯ, чун ҷоми ишрат,

Як замон аз савти алфози матинат
Дар дили ҷанговар оташ буд фурӯзон,
Шеъри ту, чун рӯҳи яздонӣ, ба олам,
Дар дуо лозим чунон испанди сӯзон.

Шеъри ту,
чун рӯҳи яздонӣ, ба олам,
Мепариду ҳуши мардум сӯи ту буд,
Чун садои занг аз хушнудию ғам
Солҳое халқро огоҳ бинмуд.

Ин забони соддаи ту нест фаҳмо,
Мо зи макру кизб меёбем таскин;
Хуб одат кардааст ин кӯҳна дунъё,
Мекунад пинҳон ба ғоза аз рухаш чин.

Мешавӣ бедор аз нав, эй паямбар!
Ё ки асло бар садои табли кайфар,
Барнаёрӣ аз ғилофат ханҷари зар,
К-аз дами ӯ занг бурда сиру ҷавҳар?..

## ҲАДЬЯҲОИ ТЕРЕК

Терек бо қаҳру пурдаҳшат хурӯшон
Миёни қуллаҳои сар бар афлок,
Намояд гирья ӯ монанди тӯфон,
Бипошад ашки пуршӯру аламнок.
Вале чун мефарояд рӯи саҳро,
Намояд дар назар маккора ором,
Навозиш карда мегӯяд Хазарро,
Ки овардаш зи роҳи дур пайғом:
«Кушо оғӯшат,
эй баҳри кӯҳансол,
Бидеҳ бар мавҷҳои шӯхи ман роҳ!
Басе гаштам ба кӯҳу дашт, алҳол
Шавам аз роҳати оромӣ огоҳ.
Таваллуд ёфтам дар авҷи Казбек,
Маро дод абр шир аз нӯки пистон,
Ба баҳс омода будам доимо, лек
Ба баҳси зидди ҳукму амри инсон.
Барои бозии фарзандҳоят
Намудам меҳрубон Дарьёл вайрон,
Биғелондам, бубин,
бо зӯри қудрат
Ба сӯят селаи санги фаровон».

Вале сарро ба соҳилҳо ниҳода,
Хазар ором шуд, хоб аст гӯё:
Терек боз аз навозиш лаб кушода,
Ба гӯши баҳр гӯяд ин суханҳо:
«Биёвардам бароят армуғоне,
На одӣ армуғон аст — арҷмандест,
Кабардинзодае ӯ,
паҳлавоне,
Зи майдони набарду сарбаландист.
Зиреҳ пӯшида бар тан марди майдон
Ба дастон баста бозубанди пӯлод:
Дар он бо оби зар оёти Қуръон,
Навишта, к-он балогардонии ӯ бод!
Ба қаҳр ӯ баркашид абрӯи худро,
Зи нӯки мӯйлабҳояш равон шуд
Муқаддас хуни гарми ӯ дар ин ҷо,
Ба рӯи хок ҷорӣ дар замон шуд:
Шуда чашмони бози лоҷавобаш
Лаболаб аз хусуматҳои дерин:
Парешон мӯйҳои мушктобаш
Ба пушти сар фитода мисли қамчин».

Вале сарро ба соҳил барниҳода,
Хазар дигар пинак рафтасту хомӯш:
Терек аз нав забони худ кушода,
Ба ӯ гӯяд сухан бо мавҷи пурҷӯш:

«Амак, бишнав, чӣ қимат армуғоне!
Чӣ дорад қадр дигар армуғонҳо?
Ниҳонаш доштам то ин замоне
Дар оғӯшам зи чашми аҳли дунъё.
Биёрам назди ту дар мавҷи ҷӯшон
Қазоқдухтари маҳпайкареро,
Ки зулфонаш бувад ҳамранги тилло,
Ба рӯи китфи урьёнаш парешон.

Зи рӯи тираи ӯ ғам намудор,
Бувад чашмони ӯ дар хоби ширин,
Вале аз синаи ӯ захми хуншор,
Намуда пайкари зебош рангин,
Зи марги нозанини моҳманзар
Ба соҳилҳои дарьёи шитобон.
Надорад ғуссае дар деҳ саросар,
Фақат марди қазоқи тезҷавлон.
Ҷавон аспи сиёҳи хеш зин кард,
Чечен дар кӯҳсорон, дар шабохун.
Ба ӯ ногаҳ ҳуҷуме хоҳад овард,
Равонашро кунад аз ҷисм берун».

Сипас дарьёи хашмин гашт хомӯш,
Баромад пайкаре чун барф рахшон,
Сари жӯлидамӯ дар мавҷи пурҷӯш
Бишуд оҳиста-оҳиста намоён.

Хазар бархост бо фармонравоӣ
Чу раъду барқ, пурзӯру тавоно,
Намоён шуд ба чашмони самоӣ
Каме аз ҳирсу эҳсосоти дилҳо.
Ба туғьён омад ӯ пурҷӯшу шодон,
Дар оғӯшаш гирифт амвоҷи дарьё,
Ки меомад паёпай, карда ҷавлон,
Талотумҳои ишқаш буд ҳувайдо.

## БА М. А. ЩЕРБАТОВА

Ба базми фосиди пурзебу оро,
Ба қайди сӯҳбати дилгири аъён,
Иваз кардаст дашти Украинро,
Ки сар то сар бувад боғи шукуфон.

Вале дар байни аъёни дилозор,
Ки сарданду надоранд одамият,
Шуда ҳусни ҷанубӣ з-ӯ намудор,
Ки мебахшад ба рӯи ӯ таровот.

Ба монанди шабони Украина,
Ки рахшонанда аз фавҷи ситора,
Суханҳои пурасрораш зи сина
Бароянд,
            резад аз лаб лаълпора.

Ба ёд орад самои кишварашро
Кабуду соф он чашмони фаттон,
Зи лутфаш шафқату ҷабр аст пайдо,
Чунон к-аз боди саҳрою биёбон.

Бувад сурхии себи наврасида
Намудор аз узори беғами ӯ,

Зи хуршеди саҳаргоҳон дамида
Ҳувайдо тобиши заррин дар он мӯ.

Нигаҳ медорад ӯ қатъию маҳкам,
Ғамовар урфу ойини ватанро,
Бидорад эътиқоди худ мусаллам,
Чу кӯдак, бар худованди таоло;

Мисоли қавми соҳибҳиммати худ,
Вай аз бегонагон набвад мададхоҳ,
Ба оромии нафсу иззати худ
Кунад тоқат бо қаҳру ханда ҳар гоҳ.

Нигоҳи чашми густохони берӯ
Насозад ҳирон ӯро оташафшон,
Муҳаббат бастанаш мушкил, вале ӯ,
Агар бандад, шикастан нест осон.

* * *

Маънои баъзе ҳарфҳо
Маҳлул ё мутлақ басо! —
Лекин бидуни изтироб
Мушкил шунидан доимо.

Шӯри ҷунун аз ҳар садо
Ояд ба оҳанги дигар!
Дар он зи ҳиҷрон ашкҳо,
Дар он зи васле ҳам хабар.

Ҳарфе, ки пайдо гаштааст
Аз равшанию аз шарор,
Дар олами пуршӯру паст
Ҳаргиз наёяд дар шумор;

Лекин ба ҳар ҷое равам,—
Дар дайр ё ҷангу ҷидол
Овози ӯро бишнавам,
Бишносамаш, беқилуқол.

Нокарда анҷоми дуо,
Бидҳам ҷавоби он садо
В-онгоҳ аз майдони ҷанг
Тозам ба сӯяш бедиранг.

## ВАСИЯТ

Дилам хоҳад, ки боре, эй бародар,
Шавам ҳамсӯҳбатат танҳо ба танҳо;
Касон бинмудаанд ин сон муқаррар,
Ки кам мондаст умри ман ба дунъё!
Ба зудӣ меравӣ ту сӯи хона,
Ба ман бингар... Маҷӯ дигар баҳона,
Бигӯям рост, к-аз тақдирам асло
Набошад ҳеҷ касро ҳеҷ парво.

Ягон шахсе агар пурсад зи ҳолам...
Мабодо, гардад аз ман ҳар кӣ ҷӯён,
Ҷавобаш гӯӣ маҳзунона он дам,
Ки бишкофид қалбам тири сӯзон;
Ки баҳри подшаҳ мардона мурдам,
Ки таъзиму паёмамро супурдам,
Расонӣ бар диёри беҳтар аз ҷон,
Ки сусту беҳунар дар мо табибон.

Гумон бошад падар ё модарамро,
Бародарҷон,
　　　　　　равию зинда ёбӣ...
Маро раҳм ояд аз аҳволи онҳо,
Ки бинанд аз барои ман азобе:

Касе з-онҳо агар зиндаст, аз ман
Бигӯ: н-ояд ҳушам дар хат навиштан.

Шабонрӯзӣ сафар бо полк дорам,
Ки минбаъда набошанд интизорам.
Дар он ҷо ҳаст як ҳамсоядухтар...
Ҷудо гардида будем!.. Ӯ муқаррар
Намепурсад зи ман... Албатта ҳозир.

Бигӯ бар ӯ ҳақиқатро тамоман,
Макун раҳмаш, ки он дилсарди пурфан
Каме аз дидагонаш ашк борад...
Аз ин ӯ ҳеҷ парвое надорад!

* * *

1

Не, не, ба худо, ҳеҷ туро дӯст надорам,
Не баҳри ман аст ин ҳамаи ҳусну назокат:
Аз дидани дидори ту бар хотирам орам
Он даври ҷавонӣ, ки расида ба ҳалокат.

2

Вақте ки кунам бар рухи софи ту наззора,
Вақте ки ду чашмони туро маст бубинам,
Бо рози дарунӣ дамад аз шавқ шарора,
Ҳамсӯҳбати дил гардаму не бо ту қаринам.

3

Сӯҳбат бикунам бо санами даври ҷавонӣ;
Дар тарҳи рухат ҷустаниям тарҳи дигарро,
Аз лаъли лабат лаъли лаби шаҳдфишоне,
Аз ҳалқаи чашмони ту афсурда шарарро.

## ХОБ

Ҳавои гарми ними рӯз дар водии Доғистон,
Нақунбида ҳамехуфтам, ба сина новаки пайкон.
Ҷароҳотам амиқу мебаромад ҳаври гарм аз он;
Чакидӣ қатра-қатра хун зи захми синаи сӯзон.

Ба рӯи рег ман ғалтида мехуфтам ба танҳоӣ:
Фаро бигрифта атрофи маро кӯҳу камар яксар,
Фарози қуллаҳо месӯхт аз ин турфа гармое,
Мани чун мурдае хобидаро ҳам сӯхтӣ пайкар.

Ба хоби ман даромад бо ҳама зебу фурӯзонӣ,
Аҷаб як базми бегоҳӣ ба мулки арҷмандӣ мо.
Миёни бонувони гулбасар бо шавқи ҷӯшоне
Сухан мерафт аз ман, ханда мешуд гоҳ-гаҳ боло.

Валекин нозанине менишаст он ҷой нохушнуд,
Намекард ӯ ба гуфтугӯи хушҳолона ҳамроҳӣ,
Худо донад, ки аз баҳри чӣ ӯ худ ғарқи фикре буд,
Дили барнои ӯ аз ҳузну ҳасрат дошт огоҳӣ;

Ба хоби ӯ даромад ногаҳон водии Доғистон;
Дар он водӣ шиносо мурдае бар рег хобида;
Сиёҳӣ менамуд аз сина захми новаки пайкон
Аз он оҳиста мешорид хуни сардгардида.

## МУЛОҚОТ

**1**

Дар пушти кӯҳи сарбаланд,
Кайҳо фурӯ рафт офтоб
Бо ҷӯши мавҷи дилписанд
Рахшон бувад дар чашма об,
Аз накҳати гулҳои тар
Пур гашта саҳни бӯстон,
Хомӯш Тифлис сар ба сар,
Ҷарҳо ба торикӣ ниҳон.
Бар одамони пургуноҳ
Афканда дасти хоб банд,
Фавҷи малоик дер гоҳ
Бо кӯдакон дар сӯҳбатанд.

2

Он ҷо паси кӯҳна ҳисор,
Болои он кӯҳи азим,
Дар сояи ғафси чинор
Хобидаам рӯи гилем.
Танҳоаму ғарқи хаёл:

Дар хоб набвад ин, наход?
Ту ваъдаам карди висол
Дар ин шаби зулматниҳод?
Ин соати рози ниҳон
Шоёни ишқу орзуст,
Шайдо дили ман, ёри ҷон,
Ҷӯяндаи дидори туст.

3

Дар паст, рӯи пули рӯд,
Рахшон чароғони язак,
Чандин манора менамуд,
Чун посбонон бардамак;
Бо тарс бинҳода қадам,
Аз ҷониби ҳаммомҳо
Занҳои гурҷӣ пушти ҳам
Оянд берун бесадо;
Аз кӯчаи холӣ ба зӯр
Ҳастанд роҳӣ, чун хаёл...
Дар чодари тори чу гӯр,
Донистанат амри маҳол!..

4

Ҳамвор боми хонаат
Бар дидаи ман менамуд:
Он зинаи кошонаат
Бар рӯд меоянд фурӯд:
Аз Кураи серун басо
Бошад вазон ҳар лаҳза бод,
Печондаанд он хонаро
Хушранг гулҳои зиёд:

Аз пушти шамшоди баланд
Бинам яке тирезаро...
Лекин чароғи дилписанд,
З-он ҷо намепошад зиё!

5

Ман бо таҳайюр интизор,
Дорам назар бо хавфу бим:
Бо ханҷари худ беқарор
Ман пора кардастам гилем:
Аз интизорӣ дар азоб,
Аз ғам парешонхотирам...
Аз шарқ омад бошитоб,
Пурнам насиме бар сарам,
Тобанда дар пушти туман
Дандонаҳои қуллаҳо,
Берун зи шаҳри хештан
Шуд корвон роҳӣ куҷо...

6

Эй ашки расвой, гурез,
Эй дил, бикун ҷӯшу хурӯш!
Ман аз хиёнатҳот низ
Эй мор, воқиф, дор ҳуш!
Дорам хабар аз он, ки шаб
Тотор рафт осудадил,
Асп ӯ давонда, бо тараб
Лабханд мезад муттасил,
Назди дарат дидам, ки вай
Ҳам худнамой мекунад,
Бар аспи эронӣ зи пай
Бобат назар меафканад.

7

Бигрифта милтиқро ба даст,
Гардам зи дарвоза бадар:
Он ҷо ба зери кӯҳ ҳаст
Як тангию баҳри гузар,
Пушти калисои мазор
То чанд истам интизор,
Бар роҳи пурчангу ғубор
Гирам нишон, бошам қарор!
Беҳуда дил ларзишкунон!
Хобидаам дар пушти санг;
Чу! — гуфта, наздик омад он...
Ҳо, ин ту! Беномусу нанг!

## МУНДАРИЧА

Сарсухан . . . . . . . . . 5

**Маслаки мо, машъали мо ленинизм аст**

Нахустин шиносой бо Ленин . . . 9
Партия—Ленин . . . . . . . 13
Иттиҳоди аъзам . . . . . . . 16
Кӯчаи Ленин . . . . . . . . 17
Занги соати бурҷи Кремль . . . . 19
Ба партия . . . . . . . . . 20
Октябри бистуяксола . . . . . . 21
Ба октябрь . . . . . . . . . 23
Ба сисолагии Октябрь . . . . . 24
Хонаи Иттифоқҳо . . . . . . . 25
Партия роҳбари кабири мо . . . . 29
Ба партияи хирадманд . . . . . 31
Ҳамноми Октябрь . . . . . . . 33
Қудрати инқилоб . . . . . . . 35
Чароғи адлу хирад . . . . . . 38
Иди аслӣ — иди мост! . . . . . 41
Дар васфи КПСС . . . . . . . 43
Бо номи даҳо . . . . . . . . 45
Чашмаи Ленин . . . . . . . . 47
Симои ҷовидонӣ . . . . . . . 50
Гулшани эҷоди халқ . . . . . . 52
Санъати мо . . . . . . . . . 54
Истеъдоди халқ . . . . . . . 55
Партия раҳнамо . . . . . . . 56
Толеи зани тоҷик . . . . . . . 57

**Месароям сулҳро дар сози сулҳ**

Пешвои сулҳ . . . . . . . . . 61
Ҳомии сулҳ . . . . . . . . . 62
Сулҳ . . . . . . . . . . . 63
Сайқали зиндагонӣ . . . . . . 64
Сипоҳи сулҳ . . . . . . . . . 65
Интиқом . . . . . . . . . . 68
Дар мудофиаи дил . . . . . . . 69
Ба қаҳрамон . . . . . . . . . 70
Гастелло . . . . . . . . . . 72
Ойгул Муҳаммадҷонова . . . . 73
Вафо ба аҳд . . . . . . . . . 75
Ҳодӣ меҳмон омадаст . . . . . 77
Овози модар . . . . . . . . . 78
Ба қаҳрамони ватан . . . . . . 80
Ба ҳалокшудагон . . . . . . . 82
Паймон кардаам . . . . . . . 84
Суруди ҷавонӣ . . . . . . . . 85
Мулки аъзами мо . . . . . . . 86
Москва . . . . . . . . . . . 88

**Муждаҳо аз дӯстии бардавом овардаем**

Хуш омадед . . . . . . . . . 93
Ба дӯсти масковиям . . . . . . 95
Ба дӯстони ӯзбек . . . . . . . 99
Хешовандон . . . . . . . . . 100
Ба бародари қазоқ . . . . . . 101
Хотираи Маяковский . . . . . 104
Марҳабо . . . . . . . . . . 108
Васфи дӯстӣ . . . . . . . . . 109
Бақо гирифт . . . . . . . . . 111
Меҳмон омадем . . . . . . . . 112
Ба дӯстам . . . . . . . . . . 114
Дар назди арча . . . . . . . . 116
Эъҷоз . . . . . . . . . . . 119
Рафиқ . . . . . . . . . . . 120
Ба дӯстам . . . . . . . . . . 121
Мирзои мо . . . . . . . . . . 122
Ба 50-солагии дӯстам А. Деҳотӣ . . 124
Кор дорад Миршакар . . . . . . 126
Ба Миршакар . . . . . . . . . 128

Ба ҷавони панҷоҳсола М. Раҳимӣ . 129
Ба Раҳим Ҷалил . . . . . . . 130
Ба Вализода . . . . . . . . 131
Ҳақиқатнигор . . . . . . . . 132
Тӯҳфаи қиматбаҳо . . . . . . 133
Хотираи устод . . . . . . . . 136

## Сарафрозона гӯям: Тоҷикистонам, ҳалолат бод!

Ҳалолат бод! . . . . . . . . . 141
Табрик . . . . . . . . . . . 143
Зарбдор омад . . . . . . . . . 145
Пахтачиндухтар . . . . . . . . 147
Суруди коргар . . . . . . . . 148
Гусел . . . . . . . . . . . 149
Ялла . . . . . . . . . . . 151
Субҳи панҷсола . . . . . . . . 153
Қалам гӯё шуд . . . . . . . . 155
Баҳористони мо . . . . . . . . 156
Гулшани бахт . . . . . . . . 158
Табрики ёрон . . . . . . . . . 160
Табрик . . . . . . . . . . . 161
Тараннум кун, дило! . . . . . . 163
Чинакчии машҳури ҳисорӣ . . . 165
Қанд занед . . . . . . . . . 167
Ба дӯстони пахтакори Вахш . . . 170
Пахта бишкуфт . . . . . . . . 173
Тамошо кун . . . . . . . . . 175
Мубоҳиса . . . . . . . . . . 176
Қавлу амал як аст . . . . . . . 179
Мардуми номдори Ашт . . . . . 181
Қаҳрамон Маҳмадалӣ . . . . . . 182
Ёри хуҷандӣ . . . . . . . . . 184
Ин саҳар . . . . . . . . . . 186
Ба ҳашар . . . . . . . . . . 188
Таронаи сегона . . . . . . . . 191
Зулфия . . . . . . . . . . . 193
Деҳқон . . . . . . . . . . . 195
Ҳамшираи кӯлобӣ . . . . . . . 197
Иди зафар . . . . . . . . . . 199
Баҳори тоҷик . . . . . . . . . 201
Суруди боғбон . . . . . . . . 203

Офтобпараст . . . . . . . . . 204
Бахтьёрам кардаӣ . . . . . . . 205
Рубоиёт . . . . . . . . . . . 207

## Сурудам шоҳиди меҳру вафову аҳду паймонам

Ишқ . . . . . . . . . . . . 213
Вафо кун . . . . . . . . . . 214
Душанбе . . . . . . . . . . 216
Хаёли дӯст . . . . . . . . . 217
Омад . . . . . . . . . . . 218
Иди санъат . . . . . . . . . 219
Дилбари фарзона . . . . . . . 221
Кай меоӣ? . . . . . . . . . 223
Суруди ман . . . . . . . . . 225
Чӣ гӯям? . . . . . . . . . . 227
Дилбари бадахшонӣ . . . . . . 229
Шодии дил . . . . . . . . . 230
Баҳор . . . . . . . . . . . 231
Духтараки номдор . . . . . . . 232
Арӯси баҳор . . . . . . . . . 234
Тирози ҷаҳон . . . . . . . . 236
Шоиста, шоиста . . . . . . . 237
Раҳнамо . . . . . . . . . . 238
Москваи ман . . . . . . . . 240
Мо бахтьёрем . . . . . . . . 242
Ҷавонони ленинӣ . . . . . . . 244
Иди май . . . . . . . . . . 245
Муборакбод . . . . . . . . . 247
Ленинчии ҷавон . . . . . . . 249
Ифтихор . . . . . . . . . . 251
Ман интизорам . . . . . . . . 252
Садоқат . . . . . . . . . . 254
Тӯй муборак . . . . . . . . 255
Тӯёна . . . . . . . . . . . 257
Ширин аст . . . . . . . . . 259
Ба ҷонона . . . . . . . . . 261
Эй чароғ . . . . . . . . . . 262
Алла . . . . . . . . . . . 264
Ҷавонӣ . . . . . . . . . . 265
Иди ҳаёт . . . . . . . . . . 267
Дӯстон ошиқам . . . . . . . 269

Ёри хуҷандӣ . . . . . . , . . . 271
Марҳабо . . . . . . . . . . . . 273

## Ҷигӣ-ҷигӣ

Соли наванда арзи нав . . . . . 277
Соли нав мӯрак бошаде! . . . . . 280
Ҷигӣ-ҷигӣ . . . . . . . . . . . 283
Коргурез ва бюллетень . . . . . 285
Дандон . . . . . . . . . . . . 287
Чӣ тавр шуд? . . . . . . . . . 289
Таронаи танбал . . . . . . . . 291
Шаммае аз рози дил . . . . . . 293
Мӯрча ва қурбоққа . . . . . . . 295
Ариза ба хорпуштак . . . . . . 297
Ба вазири савдои республика, ба раиси
Тоҷикматлубот . . . . . . . . . 300
Ганҷи беранҷ . . . . . . . . . 303
Ваъдабоз . . . . . . . . . . . 306
Тақсими кор . . . . . . . . . . 307
Дар интизории автобус . . . . . 308
Барфнома . . . . . . . . . . . 309
Махсуми Абдулмӯмин . . . . . . 312
Такамой . . . . . . . . . . . . 315
Ин чӣ гап?? . . . . . . . . . . 319
«Агар» . . . . . . . . . . . . 321

## Роҳи нури офтоб

Моҳи мизон . . . . . . . . . . 325
Ҳикоят дар бораи инженери истгоҳи
барқӣ . . . . . . . . . . . . . 329
Ҳикоят дар бораи коммунист . . . 338
Киштии дӯстӣ . . . . . . . . . 343

## Париии обӣ

Венеция . . . . . . . . . . . . 349
«Ҳаст дар хотирам магар, ки чӣ сон». 351
Суруд . . . . . . . . . . . . . 352
Ба дӯстам . . . . . . . . . . . 354
Мавҷҳо ва одамон . . . . . . . 355
Садоҳо . . . . . . . . . . . . 356
11 июль . . . . . . . . . . . . 357

Муҳаббати нахустин . . . . . . 358
Чашма . . . . . . . . . . 359
Ба худ . . . . . . . . . . 360
Шӯҳрат . . . . . . . . . 361
Бегоҳ . . . . . . . . . . 363
Суруди русӣ . . . . . . . . 364
Садоҳо ва нигоҳ . . . . . . 366
Замин ва осмон . . . . . . 367
Ҳамсоя . . . . . . . . . 368
Иблиси ман . . . . . . . . 369
Ду паҳлавон . . . . . . . . 371
Парии обӣ . . . . . . . . 372
Ба Казбек . . . . . . . . 374
Андеша . . . . . . . . . . 376
Шоир . . . . . . . . . . 378
Ҳадьяи Терек . . . . . . . 380
Ба М. А. Щербатова . . . . . 383
«Маънои баъзе ҳарфҳо» . . . . 385
Васият . . . . . . . . . . 386
«Не, не, ба худо, ҳеҷ туро дӯст надорам» . . . . . . . . . . 388
Хоб . . . . . . . . . . . 389
Мулоқот . . . . . . . . . 390

**Боки Рахимзаде**

**СОБРАНЫЕ СОЧИНЕНИЯ**

(на таджикском языке)

Муҳаррир М. Хотамов
Рассом Қ. Туренко
Муҳаррири расмҳо Т. Королёва
Муҳаррири техникӣ Р. Анисимова
Мусаҳҳеҳ М. Ракибов

БИ № 570

Ба матбаа 11.02.80 супурда шуд. Ба чопаш 24.03.81 имзо шуд. ҚЛ 02975. Формати $70 \times 100^1/_{32}$. Қоғази типографии № 2, 3. Гарнитурааш нави муқаррарӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 16,12. Ҷузъи рангаи шартӣ 125,3 ҳазор. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,37. Адади нашр 7000. Супориши № 704. Нархаш 1 с. 35 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, хиёбони Ленин, 37.